ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Ба ҳуқуқи дастнавис

УДК: 891.550+398[091]

ФАҚИРОВ ХУРСАНДМУРОД НАСРУЛЛОЕВИЧ

ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ ВА САҲМИ Ӯ ДАР ШИНОХТИ ШАХСИЯТ ВА МЕРОСИ АДАБИИ КАРИМ ДЕВОНА

Д и с с е р т а т с и я

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (10.01.09 – Фолклоршиносӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Муродиён Ҳасан Ғуломзода

Хуҷанд – 2021

МУНДАРИҶА

Муқаддима…….....……..3-11

БОБИ 1. ТАСВИРИ БАДЕИИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ КАРИМ ДЕВОНА ДАР НАСРИ ТОҶИК

1.1. Ҳабибулло Назаров ва бозёфти эҷодии ӯ – шоири халқ Карим Девона……..12-28

1.1.1. Мурурe ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ҳабибулло Назаров.....12-17

1.1.2. Бозтоби рӯзгору осори Карим Девона ва муҳаққиқи он – Ҳабибулло Назаров дар таълифоти солҳои 70-90-уми садаи XX ва даврони соҳибистиқлолии кишвар…....…….....17-28

1. 2. Тасвири бадеии симои Карим Девона дар қиссаи илмӣ-бадеии Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»….....28-87

1. 3. Хаёлпардозиҳои хилофи воқеияти таърихӣ дар «Қиссаи Карим Девона»- и Муҳаммадии Салим…….....….....87-100

БОБИ 11. БАҲСИ ДОНИШМАНДОН ПЕРОМУНИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ ШОИРИ МАРДУМӢ КАРИМ ДЕВОНА

2. 1. Муҳтавои баҳси соҳибназарон перомуни мавҷудияти шоири мардумӣ Карим Девона…….....101-136

2.2. Ҷамъбасти баҳс ва бардоштҳо аз он перомуни шахсият ва шеъри Карим Девона..... …….....136-149

2.3. Ҳабибулло Назаров ва ислоҳи камбудиҳои мубоҳиса: муҳтавои қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона».....150-171

ХУЛОСА.....…….....172-179

КИТОБНОМА.....180-191

МУҚАДДИМА

Мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи мавзӯъ. Халқи бофарҳанги тоҷик аз қадимтарин миллатҳои бумии Осиёи Миёна маҳсуб меёбад, ки баробари таърихи бой, фарҳанги оламшумул ва осори қадимаи хаттӣ доштан дорои эҷодиёти гуфтории ғанӣ ва пурмазмун низ мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки баробари асарҳое, ки бемуаллифанд ва моли халқ дониста мешаванд, боз осори фолклорие низ мавҷуданд, ки халқ исми гӯяндагонашро дар хотираи худ нигоҳ доштааст ва онҳоро шоирони халқӣ мегӯянд. Фахрии Рӯмонӣ, Қудрати Шуғнонӣ, Юсуф Вафо, Бобоюнус Худойдодзода, Муллоёри Ванҷӣ, Ҳомид Саид, Сайёди Наво, Саид Холзода, Саидалӣ Вализода, Ҳикмат Ризо, Қурбоналӣ Рачаб ва монанди инҳоро омма чун шоирони халқӣ эътироф кардаанд.

Карим Девона (Абдукарими Қурбон, 1878-1918) низ аз шумули чунин шоирони мардумиест, ки бо ашъори дилангези худ дар байни халқ мавқеи хос дорад. Агарчи ашъори шоир ҳанӯз ҳангоми барҳаёт буданаш аз даҳон ба даҳон гузашта, дар байни сокинони водиҳои Ҳисору Ғозималику Вахш гӯяндаашро шуҳратёр гардонида буд, вале дар адабиёт ва фолклори тоҷик аз мавҷудияти чунин шоири мардумӣ огоҳ набуданд. Хушбахтона, бо кӯшиши адиб ва ҳуқуқшиноси барҷаста Ҳабибулло Назаров ба адабиёт ва фолклори тоҷик боз як номи нав – сарояндаи ормонҳои халқ, шоири боистеъдоди мардумӣ Карим Девона дохил шуд. Маҳз бо шарофати тарғиб тавассути васоити ахбори омма ашъори Карим Девона вирди забони хосу ом гардид ва шахсияту шеъраш ба хонандаи тоҷик ба таври густурда муаррифӣ гардид.

Ҳабибулло Назаров аз оғози солҳои 50-уми садаи ХХ сар карда, ба пажӯҳиши Карим Девона ва шахсияти ӯ камар мебандад. Бо зиёда аз 300 нафар донандагони ашъори адиб аз водиҳои Ҳисору Ғозималик ва Вахшу баъзе навоҳии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мулоқот меорояд. Ашъори Карим Девонаро аз забони гӯяндаҳо, ақориб ва ҳамдиёрони

шоир гирд оварда, бо номи «Сатрҳои оташин» солҳои 1957 (бо забони русӣ), 1958, 1961 (бо забони тоҷикӣ) ва 1962 (бо забони ӯзбекӣ) пешкаши хонандагон мегардонад. Ҳамчунин дар соли 1961 қиссаи (повести) мавсуф бо номи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» интишор шуда, онро хонандаи тоҷик бо хушнудӣ истиқбол менамояд. Ин асар ҳамон вақт бо 28 забони халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷӣ нашр шуда буд. Бо маслиҳати дӯстонаш нависанда муҳтавои асари адабӣ-бадеии «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро дар чаҳорчӯбаи муайян дароварда, дар шакли рисолаи номзадӣ барои дифоъ пешниҳод менамояд, вале азбаски кори Ҳабибулло Назаров ҷавобгӯйи талаботи рисолаи илмӣ набуд, донишмандони фолклор, устодон Воҳид Асрорӣ ва Рачаб Амонов бо интишори мақолаи худ бо номи «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» аз тариқи рӯзномаи «Маориф ва маданият» (аз 23 июни соли 1964, №74) дар атрофи мавҷудияти шоире бо исми Карим Девона баҳси густардаеро оғоз намуданд. Ин мубоҳиса қариб як сол идома ёфта, перомуни он 13 мақола аз тариқи рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба нашр расид, ки дар он донишмандони шаҳрҳои Душанбе, Тошканд ва Маскав ширкат меварзанд. Ҳамчунин 11 мақолаи номатбуъ перомуни масъалаи мавриди назар дар бойгонии нашрияи мазкур маҳфуз аст.

Махсусан дар мақолаҳои дар атрофи баҳси мазкур рӯйи кор омадаи соҳибназарон З. Ш. Рачабов, А. Мухторов, Б. Тилавов, С. Шочамолов, Ҳ. Раҳматов, К. Мирзоев, И. Ҳусейнов, Д. Саидов, И. Ҳидоятов, И. С. Брагинский ва дигарон оид ба шахсияти Карим Девона баҳои мухталиф дода шудааст, ҳол он ки ҳанӯз то интишори қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» аксарияти олимон ва адибони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ – М. Турсунзода (дар мақолаи «Наш Кобзар»// «Правда», 10 марти соли 1961), С. Куликов («Огонёк», 1957, №16), Л. Ломатина («Литературная газета», 1957, 5 март), С. Липкин («Дружба народов», 1957, №4), Л. Михайлова («Новый мир», 1958,

№7), Н. Соколова («Знания», 1958, №7), Н. Тихонов («Правда», 1958, 12 феврал), Г.Карабелников («Правда» 1959, 18 май), Ю.Смирнов («Москва», 1959, №9) ва Н. Маъсумӣ дар сарсухани ба китоби Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» навиштааш ба Ҳабибулло Назаров ва меҳнати бурдборонаи ӯ перомуни пажӯҳиши шахсият ва ашъори Карим Девона баҳои баланд додаанд. Бинобар ин дар рисолаи мазкур бо сипарӣ шудани зиёда аз 50 сол ва даргузашти аксарияти ширкаткунандагони мубоҳиса баҳси донишмандон перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона мавриди таҳқиқи холисона ва таҳлили илмии вижа қарор мегирад.

Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот. Дар атрофи ашъори дилангезу рӯзго ри пуршӯри Карим Девона ва повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-и Ҳабибулло Назаров бузургтарин фолклоршиносон, муаррихон, мунаққидон ва адабиётшиносону адибони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ – С.Куликов, Л.Ломатина, С. Липкин, Л. Михайлова, Г. Карабелников, Ю. Смирнов, С. Ломидзе, Д. Комиссаров, М.Турсунзода ва дигарон изҳори ақида намуда, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ба фидокорӣ ва корнамоии Ҳабибулло Назаров баҳои баланд додаанд. Мақолаҳои мубоҳисавии В. Асрорӣ, Р. Амонов, З. Ш. Раҷабов, А. Мухторов, Б.Тилавов, С. Шоҷамолов, Ҳ. Раҳматов, К. Мирзоев, И. Ҳусейнов, Д. Саидов, И. Ҳидоятов, И. С. Брагинский ва дигарон паҳлуҳои мухталифи асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро возеҳ намудаанд.

Бо гузашти муддати мадиде баъди соҳибистиқлолии кишвар намояндагони илму адаб боз ба рӯзгор ва осори Карим Девона ва кашшофи ӯ - Ҳабибулло Назаров рӯ оварданд. Роҷеъ ба мавзӯи мавриди назар силсилаи мақолаҳои ҷолиб ва рисолаҳои Ҳикмат Раҳмат «Ду моҷаро», Ҳ. Муродиён «Шуълаест, к-аз дуд фориғ» ва таълифоти Ҳасан Юсуфи Файзбахш «Валлай, шудӣ ормонӣ», «Карим Девона, ман

ва ҳамдеҳагон», «Ҳабибу адиб ва муҳибу мутриб» ва «Дар ин дунё Карим Девонае буд» интишор шуд. Хотироту мақолаҳои устодон А. Сӯфизода, И. Усмонов, М. Зайниддинов ва М. Қосимов, Р. Тошматов, Ҳабиб Фақир, Ҳ. Ҳоҷиев, И. Бобоев ва дигарон саҳифаҳои норӯшани рӯзгор ва осори Карим – Девонаро равшан месозанд.

Бо вуҷуди ин то ҳол ба асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» баҳои воқеӣ дода нашудааст, тамоми мақолаю маърӯзаҳои баҳсии донишмандон перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона дастрас ва ба таври пурра таҳқиқу таҳлили холисонаи илмӣ нашудаанд, рисолаҳои донишмандон Ҳикмат Раҳмат, Ҳ. Муродиён ва Ҳасан Юсуфи Файзбахш танҳо аз нуқтаи назари тавсифи шахсият ва эҷодиёти Ҳабибулло Назаров ихтисос дода шудаанд, қисмати дуюми повести Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона», ки як навъ ислоҳи камбудиҳои ироанамудаи донишмандон буда, баъди фавти Ҳ.Назаров интишор шудааст, аз назари аксарият пинҳон мондааст. Ҳамчунин дар рисолаи устодон И. Усмонов, М. Зайниддинов ва М. Қосимов бо номи «Пайкари накӯӣ», ки ба шарафи 100-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Воҳид Асрорӣ иншо шудааст, хулосаи зиёда аз 50 сол пеш аз тарафи олимони фарҳехтаи Душанбе, Тошканд ва Маскав дар ҷамъбасти мубоҳиса ироа гардида, ҳамчун амали холисона тарғиб шудааст. Бинобар ин, ҳалли ин мавзӯъҳо пажӯҳиши мукаммалу ҳамаҷониба ва мушаххасу ҷамъбасткунандаро тақозо доранд. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтаем, ки дар ин рисола масоили марбут ба рӯзгор ва осори Карим Девонаро аз диди Ҳабибулло Назаров мавриди бозҷӯӣ қарор диҳем, баҳси донишмандонро перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона таҳқиқ намуда, баҳои воқеии илмӣ диҳем, дараҷаи ислоҳи камбудиҳои эҷодии дар ҷамъбасти баҳс ироашударо аз тарафи Ҳ. Назаров дар қисмати дуюми асари ҳамноми ӯ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Робитаи кор бо мавзӯъҳо ва барномаҳои (лоиҳаҳои) илмӣ-таҳқиқотӣ. Диссертатсияи мазкур дар асоси нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи адабиёти тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва лоиҳаи таҳқиқоти фармоишии кафедраи мазкур таҳти унвони «Тарбияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстии хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни таҳқиқи назария, таърих ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик бо ҷанбаи кишваршиносӣ» *(*муҳлати иҷрои лоиҳа солҳои 2018-2022; рақами қайди давлатӣ- 0118 TJ 00 927), самти техникии лоиҳа - ЭК 10 (адабиёти тоҷик), ЭК 11(назария ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик) - бунёдӣ ва амалӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Ҳадафи таҳқиқот. Азбаски баҳси илмии мазкур дар таърихи адабиёт ва фолклоршиносии тоҷик бесобиқа буда, дар саҳифаҳои нашрияи «Маориф ва маданият» қариб як сол идома дошт ва он аз як тараф, боиси эътирофи боз як шоири мардумӣ – Карим Девона гардида бошад, аз тарафи дигар, ба таълифи босифату тозагии корҳои илмӣ – таҳқиқотии бахши фолклоршиносӣ такони ҷиддӣ бахшид, бинобар ин мавзӯи мазкур мавриди пажӯҳиши мо қарор гирифт.

Масъалаи таҳқиқот. Дар ин рисола саъй намудем, ки роҷеъ ба мавзӯи мавриди назар масъалаҳои зеринро равшан менамоем:

- дар мисоли қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» аз диди нав мавриди таҳлил қарор додани рӯзгор ва осори Карим Девона;
- зикри мухтасари зиндагиномаи Ҳабибулло Назаров ва бозёфти эҷодии ӯ – Карим Девона;
- таҳлили илмии хаёлпардозиҳои дур аз воқеияти таърихии «Қиссаи Карим Девона»-и Муҳаммадии Салим, ки дар пайравии қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» -и Ҳабибулло Назаров эҷод шудааст;

- таҳқиқ ва баҳси илмии донишмандон перомуни зиндагинома ва мероси адабии Карим Девона;
- ҷамъбасти баҳс ва бардоштҳо аз он;
- Ҳабибулло Назаров ва ислоҳи камбудиҳои қисса: муҳтавои қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона».

Предмети таҳқиқ ин Ҳабибулло Назаров ва саҳми ӯ дар шинохти шахсият ва мероси адабии шоири мавриди назар мебошад.

Усули таҳқиқот. Таҳқиқот ба равиши суннатии таҳлили натиҷаҳои асосии диссертатсия, ки таърихӣ – филологӣ ва усули таҳқиқи қиёсӣ – таърихии ҳодисаҳои адабӣ асос ёфтааст. Дар диссертатсия, инчунин, зимни таҳқиқи қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона», рӯзгор ва осори Карим Девона ба принсипи таърихият такя карда шудааст. Мақолаҳои баҳсии донишмандон перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона дар асоси принсипҳо ва усулҳои таҷрибашудаи фолкоршиносӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар ҷараёни таҳқиқи қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ва пажӯҳишу таҳлили илмии баҳси донишмандон перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона, ки дар диссертатсия ба миён гузошта шудаанд, ба осори илмиву назарии адабиётшиносону фолклоршиносони варзидаи Россияву Тоҷикистон ва кишварҳои дигар, аз қабили Бахтин М.М., Поспелов Г.Н., Потебня А.А., Прохоров Е.И., Скобелев В.П., Творогов О.В., Тимофеев Л.И., Комиссаров Д., Брагинский И.С., Амонов Р., Асрорӣ В., Раҳмонӣ Р., Шакармамадов Н., Файзуллоев Н., Давлатбеков Л.М. ва дигарон такя карда шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Диссертатсия дар заминаи маҷмӯаи ашъори Карим Девона бо номи «Сатрҳои оташин», ки солҳои 1957 (бо забони русӣ), 1958, 1961 (дар шакли пуррашуда), 1991 (мураттиби сеи аввал Ҳабибулло Назаров, маҷмӯаи ахирӣ бо кӯшиши Ҳабибулло

Нозирӣ) интишор шудааст ва қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» бо назардошти қисмати дуюми он, «Қиссаи Карим Девона»-и Муҳаммадии Салим таълиф шудааст.

Ҳангоми таҳлилу баррасии баҳси матбуотии донишмандон перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона нусхаҳои мақолаҳои дар тӯли солҳои 1964-1965 дар нашрияи «Маориф ва маданият» интишоршудаи олимон В. Асрорӣ, Р. Амонов, З. Ш. Рачабов, А. Мухторов, Б. Тилавов, С. Шоҳҷамолов, Ҳ. Раҳматов, К. Мирзоев, И. Ҳусейнов, Д. Саидов, И. Ҳидоятов, И. С. Брагинский ва дигарон ба ҳайси маводи аввалиндарача хизмат кардаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар фолклоршиносии тоҷик қисматҳои якум ва дуюми қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона», баҳси донишмандон перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона ва натиҷаҳои он, хаёпардозиҳои бадеии хилофи воқеияти таърихии Муҳаммадии Салим дар «Қиссаи Карим Девона» мавриди таҳқиқу таҳлили илмии васеъ қарор гирифтааст.

Аҳамияти назарии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои ношинохтаи марбут ба маҳорати нависандагии Ҳабибулло Назаров равшанӣ андохта, дар омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ашъори Карим Девона маводи зарурӣ дода метавонад. Махсусан тавассути омӯзиши баҳси матбуотии донишмандон саҳифаҳои норӯшан ва камтаҳқиқшудаи рӯзгор ва осори Карим Девона возеҳ гардида, маводи фаровоне ба илми нақди адабии тоҷик зам менамояд. Ҳамчунин дар мисоли мақолаҳои мубоҳисавии донишмандони тоҷик перомуни зиндагинома ва мероси адабии Карим Девона метавон иддао намуд, ки нақди адабии холисона, воқеӣ, бе рӯю риё боиси пешрафти фаъолияти илмии унвонҷӯён хоҳад гардид. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар омӯзиши таърихи

фолклори тоҷик, алалхусус омӯзиши рӯзгор ва осори шоирони халқӣ мусоидат карда метавонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи онро дар таълифи фаслҳои махсуси китоби дарсӣ доир ба фолклори тоҷик, дастурҳои таълимӣ оид ба зиндагинома ва ашъори шоирони халқӣ, таърихи таҳаввули фолклори тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:

- Карим Девона – бозёфти эҷодии Ҳабибулло Назаров мебошад.
- Ҳабибулло Назаров бо шарофати таълифи қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» хонандаи тоҷикро бо рӯзгор ва осори боз як шоири мардумӣ ошно намуд.
- Хаёлпардозиҳои «Қиссаи Карим Девона»-и Муҳаммадии Салим хилофи воқеияти таърихист.
- Баҳси матбуотии донишмандон перомуни рӯзгор ва осори шоири мардумӣ Карим Девона, ки дар таърихи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик собиқа надошт, исбот намуд, ки ҳақиқат зодаи баҳс аст: бо номи Карим Девона дар водиҳои Ҳисору Ғозималик шоири мардумие солҳои 1878 – 1918 зиндагӣ кардааст.
- Устодон В. Асрорӣ ва Р. Амонов бо оғози баҳс перомуни Карим Девона ба исбот расониданд, ки дар байни асари бадеӣ ва илмӣ тафовути чашмгир вуҷуд дошта, диссертатсия ҳатман аз тарафи мутахассиси соҳа анҷом дода мешавад ва дақиккорӣ, ҷиддият, риояи кулли талабот ба таълифоти илмиро тақозо менамояд.
- Ҳабибулло Назаров бо таълифи қисмати дуюми «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» кулли эродҳои марбут ба қиссаи номбурдаро ислоҳ намуд.

Саҳми шахсии довталаб. Унвонҷӯ дар тӯли солҳои ба ҳайси магистрант ва докторант PhD таҳсил карданаш (солҳои 2015-2020) беш аз 5 сол ба омӯзиши қисмҳои якум ва дуюми қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ва «Қиссаи Карим Девона»-и Муҳаммадии Салим машғул гардид, мақолаҳои баҳсии перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона интишоршударо ҷамъоварӣ намуда, мавриди омӯзиш қарор дод. Бинобар ин кулли натиҷаҳои дар диссертатсия ҳосилшуда маҳсули пажӯҳиши шахсии муаллифанд ва таълифоти шахсии муаллиф мазмуни диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшавандаро фаро мегиранд.

Таъйиди диссертатсия. Маводи диссертатсия ҳангоми омода сохтани курси лексияҳо аз фолклори тоҷик, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзуъҳои «Шоирони халқӣ”, «Фолклори тоҷик дар арафаи Инқилоби Бухоро» дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ метавон истифода бурд.

Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав (қарори №9 аз 7 декабри соли 2019) ва ҷаласаи кафедраи адабиёти муосири тоҷики ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (қарори №____ аз 14 апрели соли 2020) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишороти натиҷаҳои диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар шаш мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ифодаи худро ёфтааст. Ҳамчунин муҳтаво ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (солҳои 2015-2020) дар шакли гузаришҳо баён гардидааст.

Сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, фаслҳо, хулоса ва китобнома иборат буда, дар маҷмӯъ 187 саҳифаи дар шакли компутерӣ чопшударо дар бар мегирад.

БОБИ 1. ТАСВИРИ БАДЕИИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ КАРИМ ДЕВОНА ДАР НАСРИ ТОҶИК

1. 1. ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ ВА БОЗЁФТИ ЭҶОДИИ Ӯ –ШОИРИ ХАЛҚ КАРИМ ДЕВОНА

1.1.1. Мурурe ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ҳабибулло Назаров

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991), ки барои мо бузургтарин ҳодисаи таърихии охири қарни 20 маҳсуб мегардад, маҳз аз Инқилоби Октябр ва ғалабаи Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ маншаъ мегирад. Таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз байни мардуми заҳматкаш ҳазорон суханварро ба майдон овард, ки яке аз онҳо Ҳабибулло Назаров (таваллудаш 15.08.1907, деҳаи Тӯдаи ноҳияи Ҳисор – вафоташ 25.01.1978, шаҳри Душанбе) аз ҷумлаи чунин қаламкашон мебошад. «Вай аз қаъри ҳаёти халқ чун гулҳои хушбӯй сар кашида, дар оғӯши меҳрпарвари он тарбия ёфта, ба камол расидааст», - таъкид мекунад фолклоршинос А.Сӯфизода [98, 3].

Адиби оянда аввал дар мактаби кӯҳна хондааст ва фаъолияти меҳнатиашро ҳанӯз айёми бачагӣ аз касби чӯпонӣ оғоз кардааст. Ҳаёти нав ва мактаби шӯравӣ дари бахту саодатро ба рӯяш кушод. Баъди хатми курси маҳви бесаводӣ ба кори комсомол мепайвандад. Иҷрои далеронаи супоришҳои комсомолӣ дар шароити мураккаби навсозии ҳаёт ӯро дар миёни омма шуҳратманд мегардонад. Ин буд, ки ӯро аввал ба вазифаи котиб ва баъдан раиси ҷамоат пешбарӣ мекунанд. Аз соли 1931 ба соҳаи адлия ба кор мегузарад ва курси дусолаи ҳуқуқшиносии Душанбе (1932), Академияи умумииттифоқии ҳуқуқ (1941) ва Донишкадаи ҳуқуқшиносии Маскавро (1950) хатм мекунад.

Дар вазифаҳои судяи халқӣ (1933-1938), аъзои Суди Олии РСС Тоҷикистон (1941-1945), ҷонишини вазир (1945-1952), вазири адлия (1952-1959) ва раиси Суди Олии РСС Тоҷикистон (1959-1962) кор ва фаъолият намуда, ба халқу Ватан хизматҳои арзанда кардааст. Аз ин ҷост, ки номи ӯ то ҳол чун арбоби намоёни давлатӣ ва ватанпарвари шуълавар бо эҳтиром ба забон гирифта мешавад.

Солҳои 30-юми садаи XX Ҳабибулло Назаров фаъолияти эҷодиашро аз шеърнависӣ оғоз намуда, дар ибтидо дар матбуоти даврӣ ашъори ҳаҷвиаш нашр мешуд. Се маҷмӯаи шеърҳояш бо номҳои «Барои сулҳ» (1956), «Қалами озод» (1960, бо забони русӣ) ва «Саодати абадӣ» (1962) ба табъ расидаанд, ки ба васфи сулҳ, модар – Ватан, табиати зебои Тоҷикистон, бунёдкории халқи тоҷик бахшида шудаанд. Ин мақсаду маромии муаллиф дар шеърҳои «Қаҳрамондухтар», «Ҷаҳон бедор шуд», «Ид муборак!», «Қалами озод», «Дар диёри обод», «Аз гузаштаю ҳозира» ва ғайра баланд садо медиҳанд.

«Ҳабибулло Назаров адиби сермаҳсул буд ва то вопасин соатҳои умраш қаламро аз даст раҳо накарда, дар жанрҳои гуногун асар эҷод намудааст, – мегӯяд нависанда Ато Ҳамдам. – Тасвири рӯзгори мардум, ситоиши фарзандони барӯманди диёр, қаҳрамонони воқеӣ, дӯстии бародаронаи халқу миллатҳои гуногун, мазаммати ашхоси феълу рафторашон ба ҷамъият бегона ва амсоли инҳо мақсади асосии эҷодиёти рангин ва гуногунпаҳлуи ӯ буданд» [15,31].

Азбаски Ҳабибулло Назаров аз миёни омма баромада буд ва рӯзгори мардуми одиро хеле хуб медонист, аз эҷодиёти шифоҳии сокинони Ҳисору Ғозималик ба хубӣ воқиф буд, дар лаҳзаҳои фароғат сурудҳои халқиро бо дутор тараннум мекард. Дилбастагӣ бо савту калом ва назми рангини гуфторӣ сабаби кашфи шоири мардумии ибтидои садаи XX Карим Девона (1878-1918) мегардад.

Ашъори пурмазмун ва баландғояи шоири камшинохт Карим Девона Ҳабибулло Назаровро водор сохт, то ки аз рӯйи панди «Дар ба

дар мегарду мерав кӯ ба кӯ, Ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ» («Минҳоҷу-л-орифин») амал намояд. Дар ҷараёни кори пурмашаққат ва дандоншикан водиҳои Ҳисору Ғозималику Вахшу Кӯлоб ва Дашнободи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро мепаймояд ва намунаҳои ашъори ин шоири халқиро аз забони бештар аз сесад нафар сокинони водиҳои мазкур, муосирон, ҳамсолон ва пайвандони Карим Девона навишта мегирад. Баъд аз мулоҳизаю муқоисаҳои зиёд намунаҳои ашъори шоири халқиро дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ нашр мекунад, аз тариқи радио ва телевизион мешунавонад. Нашри осори Карим Девона дар сар то сари кишвар ва берун аз он ғулғула барангехт ва мардум бо муроҷиату мактубу маводи иловагӣ ба кашшофи ашъори Карим Девона кӯмак мерасониданд. Ин буд, ки маҷмӯаи шеърҳои Карим Девона бо номи «Сатрҳои оташин» солҳои 1957 бо забони русӣ, 1958, 1961 бо забони тоҷикӣ ва 1962 бо забони ӯзбекӣ таҳти унвони «Туғён» чоп шуда, дастраси хонандагон гардид.

Ҳабибулло Назаров соли 1961 қиссаи илмию адабии худро бо номи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» интишор намуд, ки ин асар номи муаллифро ҳамчун адиб ва муҳаққиқи осори Карим Девона дар тамоми мамлакат машҳур гардонид. «Подабонҳое, ки то мансабҳои баландтарини давлатӣ, аз ҷумла ба вазифаи вазири адлия ва раиси Суди Олӣ расида бошанд, дар таърих зиёд нестанд, - мегӯяд Ҳасан Юсуфи Файзбахш.– Адибоне, ки аз рӯи қаҳрамони фавқулода кашфкардаи худ машҳур шуда бошанд, низ каманд. Вале шоир ва нависандаи шинохтаи тоҷик Ҳ.Назаров аз подабонӣ то вазирӣ расид, бо кашфи Карим Девона машҳур гашт» [126, 120].

Ҳабибулло Назаров бахшида ба бунёдкорӣ ва созандагии ҷавонони деҳот соли 1970 романи «Мирзо Ризо»-ро офарид, ки дуюмин асари калонҳаҷми адиб маҳсуб меёбад ва нависанда дар он саҳифаҳои рангини ҳаёти навро варақгардон кардааст. Дар асари

мазкур образи комсомоли ҷасур ва меҳанпараст Мирзо Ризо дар ҳамбастагӣ бо амалиёти оммаи меҳнаткаш тасвир ёфтааст.

Мирзо Ризо ҳамчун роҳбари ҷавони хоҷагии коллективӣ аз як тараф, барои мустаҳкам намудани хоҷагии навбунёд ҷонбозӣ менамуд ва аз ҷониби дигар, ба муқобили вайронкории сохти нав далерона мубориза мебурд. Дар адои ин кори хайр намояндагони синфҳои мағлубшуда алайҳи фидокорони халқ муқобилияти шадид нишон медоданд ва бунёдкорони ҳаёти навро бо ҳар роҳ аз миён мебардоштанд. Мирзо Ризо қурбонии фитна ва дигаргуниҳои инқилобӣ гардида бошад ҳам, ном ва корнамоиҳои ӯ дар лавҳи хотири мардум нақш бастаанд. Ҳ. Назаров ҳамчун дӯст ва ҳаммаслаки Мирзо Ризо саҳифаҳои дурахшони рӯзгори ибратомӯзи ӯро варақ зада, образи ҳампешаи худро мақоми ҷовидонӣ бахшид.

«Аз таҳлили илмию бадеии сурату сирати Карим Девона то офаридани образи Мирзо Ризо барин одамони мубориз ӯ фардияти эҷодии худро равшан зоҳир намудааст, - иброз медорад фолклоршинос Асадулло Сӯфизода.– Вай барои кашфу тасвири бадеии хислатҳои мухталифи қаҳрамонони асарҳояш аз тарона ва панду ибораҳои рехтаву суфтаи халқӣ моҳирона истифода бурдааст. Ҳабибулло Назаров ҳамчун шоҳид ва иштирокчии бевоситаи дигаргуниҳои иҷтимоии солҳои сиюми садаи 20 хислатҳои типии ашхоси таърихиро дар шароитҳои он айём хеле ҷаззоб ва ҳаяҷонбахш таҷассум кардааст» [98, 3].

Моҷаро ва тазодҳои иҷтимоии ҷомеа даҳҳо шахсони закию ҳозирҷавобро ба майдон овардааст, ки образи Сафар Махсум аз романи нависанда «Саргузашти Сафар Махсум» (соли 1971, бо ҳамқаламии Ҷалол Икромӣ) намунаи онҳост. Нависанда кулли амалиёт ва роҳи паймудаи Сафар Махсумро дар равобити зич бо ҳаракату амалиёти дигар намояндагони халқи меҳнаткаш ва гурӯҳи золимон мавриди тасвир қарор медиҳад ва хонандаро ҳушдор медиҳад, ки аз

ҳазлу шӯхии қаҳрамони ҳаҷвнигор хулосаи дурусти мантиқӣ барорад. Дар шунидани ҳаҷву танзҳои Сафар намояндагони косибон ва ҳунармандони водии Ҳисор - Ҳаннон, Хоҷабуласон, Холи Поякӣ, Ҳоҷӣ Насим пайваста шоҳид буданд ва бо латифаҳои ҷолибашон андешаҳои Сафарро алайҳи қозию муфтӣ ва бойҳои ҷоҳил тақвият медоданд. Бинобар ин ҳодисаю воқеоти роман асоси воқеӣ доранд ва Толиби афсонагӯй, ки дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» низ нависанда аз ӯ ёд мекунад, шахси таърихист ва бо нақлу афсонаҳои дилангезаш шуҳрат доштааст. Сафар Махсум ба мисли Хоҷа Насриддин ва Мушфиқӣ ҳамеша рақибон ва ашхоси мумсику фиребгарро мулзам мекунад ва бо заҳрхандае олами ботинии онҳоро ошкор месозад. Ҳ. Назаров дар образи Сафар Махсум хислатҳои зиракӣ, ҳаётдӯстӣ ва ҳозирҷавобии намояндагони халқи меҳнаткашро ҷолиб ва шавқовар таҷассум кардааст.

Қиссаҳои «Баландии 144», «Шарораи дил» ва очерки «Йулдош-командир» ба корнамоиҳои ватандӯстонаи ашхоси таърихӣ ихтисос дода шудаанд. Дар мубориза барои бунёду мустаҳкам намудани ҳаёти нав ва ҳифзи Ватан ҳазорон фарзандони халқ ҷонбозӣ кардаанд ва бо корнамоию амали шоистаашон дар дилу дидаи мардум ҷойгузин шудаанд.

Барои Ҳ. Назаров дар бораи корнамоии ашхоси муборизу бунёдкор ва фидоиёни ҷанги ватанӣ офаридани асари бадеӣ кори осон набуд. Барои офаридани чунин асарҳои таърихӣ як худи ҳунари нависандагӣ кам аст ва қаламкаш барои ин бояд бо садҳо шоҳидони майдонҳои набард рӯ ба рӯ шавад, чандин ҳазор далелу бурҳонҳоро қазовату қиёс кунад. Ҳ. Назаров ҳазорон фарсах роҳро паймуд ва садҳо ҳуҷҷатро дар бораи фаъолияти ҷангии қаҳрамонон санҷид, симоҳои ҷовидонаи Чӯтак Урозов, Нодир Қосимов ва Йулдошкомандирро дар асарҳои мазкур офарид. Чӯтак Урозов дар қиссаи «Баландии 144», Нодир Қосимов дар қиссаи «Шарораи дил» ва образи

Йулдошкомандир дар очерки ҳамноми ӯ (1964) таҷассуми бадеии сурату сирати ҷавонмардони далеру ватанпарваранд.

Ҳ.Назаров барои бачаҳо ҳикояи «Ало ва Тарғел» (1965; тарҷумаи русӣ «Рыжик и Пнятнашка», 1965)-ро эҷод намудааст, ки аз ҳаёти пурмашаққати чӯпонбача ва бедодгариҳои босмачиён ҳикоят мекунад.

Ҳабибулло Назаров дар солҳои 70-уми садаи ХХ ба таълифи киносенарияҳо низ майл намуда, сенарияҳои «Ҳабиб-ромкунандаи морҳо» (1973, бо ҳамкории Г.Максименко), «Муҳосираи Душанбе» (1975, бо ҳамкории Р.Булгаков) ва драмаи «Мирзо Ризо» (1973)-ро навиштааст [140, 712].

Ба ҳамин тариқ, Ҳабибулло Назаров дар баробари адои корҳои масъули давлатӣ ҳамчун адиби воқеанигор асарҳои пурмазмун эҷод намуд ва ба шарофати хизмати шоиста ва таълифоти мондагораш номи худро дар саҳифаи таърих ва тамаддуни тоҷик ҷовидон гардонид.

1.1. 2. БОЗТОБИ РӮЗГОРУ ОСОРИ КАРИМ ДЕВОНА ВА МУҲАҚҚИҚИ ОН ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ ДАР ТАЪЛИФОТИ СОЛҲОИ 70-90-УМИ САДАИ ХХ ВА ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КИШВАР

Тавре ки дар муқаддимаи кор ёдовар шудем, Ҳабибулло Назаров аз

оғози солҳои 50-ум сар карда, ба пажӯҳиши рӯзгор ва осори шоири халқ Карим Девона шурӯъ намуд. «Ӯ... (Ҳабибулло Назаров – Х.Ф.) кӯҳу дараҳои водиҳои Ҳисор, Ғозималик ва Ёвону Вахшро пиёдаю савора тай мекунад ва ниҳоят, сарфи назар аз душворию мушкилот бо бозёфти хеле олӣ мушарраф мегардад: ба мардуми шеърпарвари тоҷик аз мавҷудияти шоири халқӣ бо номи Карим Девона башорат медиҳад, - таъкид кардааст профессор Ҳасани Муродиён. – Намунаи олии меҳанпарастӣ, муҳаббати бепоён нисбат ба миллати тоҷик,

маърифатпарварӣ, меҳр ба фарҳангу адабиёти мардумӣ ба Ҳабибулло Назаров имконият медиҳад, ки ба соҳили мурод, ба қуллаҳои нурполои мақсуд расад ва ормонҳои зери хок рафтаи Карим Девонаро бароварда созад» [62, 86-87].

Тавре ки қаблан арза доштем, Ҳабибулло Назаров ашъори Карим Девонаро гирдоварӣ намуда, бо номи «Сатрҳои оташин» солҳои 1957 бо забони русӣ, 1958, 1961 бо забони тоҷикӣ ва 1962 бо забони ӯзбекӣ бо номи»Туғён» пешкаши аҳли илму адаб намуд. Ҳамчунин соли 1961 қиссаи номбурда таҳти унвони «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» интишор шуда, қисм- қисм тавассути радио ва телевизиони Тоҷикистон низ ба хонандагони тоҷик шунавонида мешавад ва дар миёни мардум ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо менамояд. Ҳабибулло Назаров дар пайравӣ бо баъзе адибони шӯравӣ ва маслиҳати дӯстон муҳтавои қиссаи адабӣ-бадеии «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ барои дифоъ пешниҳод менамояд, зеро чунин таҷриба дар амалияи илмҳои филологии шӯравӣ нав набуд: таҳқиқоти Ираклий Андронников низ оид ба М.Ю. Лермонтов дар қолаби қиссаи илмӣ – бадеӣ таълиф гардида, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мушарраф шуда буд [83, 62]. Аммо донишмандони соҳаи фолклор, устодон Рачаб Амонов ва Воҳид Асрорӣ бо интишори мақолаи мубоҳисавии худ бо номи «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» аз тариқи рӯзномаи «Маориф ва маданият» аз 23 июни соли 1964 монеи он гардиданд. Мубоҳиса баъди як сол тӯл кашиданаш бо эътирофи аксарият аз мавҷудияти шоири мардумие бо номи Карим Девона башорат дод.

Баъди ин Карим Девона ба саҳнаи театрҳо низ роҳ ёфт: соли 1969 ҳунарпеша ва драманависи соҳибном Тӯрахон Аҳмадхонов дар асоси қиссаи Ҳабибулло Назаров намоишномаи «Карим Девона»-ро иборат аз се парда ва шаш намоиш навишт ва онро нахустин шуда, дар

театри ба номи А. С. Пушкини шаҳри Ленинобод (ҳоло театри ба номи Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд) соли 1970 Артисти хизматнишондодаи ҷумҳурӣ, устод Ҳабибулло Абдуразоқов иборат аз ду пардаю шаш намоиш ба саҳна гузошт, ки нақши Карим Девонаро ҳунарпешагон Н. Дӯстматов ва М. Мадаминов бозидаанд. Ба драмаи мазкур танқид ва адабиётшиносии тоҷик дар вақташ баҳои воқеӣ дода буд [105, 4].

Баъдан ба намоишномаи номбурда Ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ Мирзоватан Миров рӯ оварда, соли 1975 намоишномаи мазкурро дар театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Саидалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба шарафи 100-солагии шоир ба саҳна гузошт, ки нақши Карим Девонаро ҳунарпешагон Салим Муқимов ва Бобоҷон Ҳасанов хеле олӣ бозиданд. Намоишномаи мазкур солҳои 80-уми садаи гузашта дар театри халқии Ҳисор низ ба саҳна гузошта шудааст.

М. Миров баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар шароити нави таърихӣ соли 2005 маротибаи дуюм ба намоишномаи мазкур рӯ оварда, онро дар театри ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов рӯйи саҳна баровард, ки нақши Карим Девонаро ҳунарпеша Н. Нуриддинов иҷро намуд [47, 436-439].

Соли 2018 театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар низ ба шарафи 140-солагии Карим Девона ва 110-солагии кашшофи он – Ҳабибулло Назаров намоишномаи Т. Аҳмадхонов «Карим Девона»-ро бо эҳтимоми коргардон – таҳиягар Қурбонмуҳаммад Шукуров ва машварати доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳасани Муродиён бо диди тоза рӯйи саҳна овард. Дар нақши Карим Девона низ худи Қ. Шукуров баромад намуд [55, 189-195].

Дар мақолаи устод Асадулло Сӯфиев «Аз кашфи Карим Девона то тавсифи Сафар Махсум» [98, 3], ки ба шарафи 80-солагии Ҳабибулло Назаров навишта шудааст, муаллиф суханро аз айёми бачагии нависанда ва шуғли подабонии ӯ оғоз намуда, таҳсил, фаъолияти корӣ ва маҳорати шоирию нависандагӣ ва драматургии мавсуфро мавриди баррасӣ қарор дода, аз маҷмӯаҳои ашъор, қиссаю роман ва очерку ҳикояҳои мондагори Ҳабибулло Назаров ёдовар шудааст. «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона», «Саргузашти Сафар Махсум», «Мирзо Ризо», «Баландии 144», «Йулдошкомандир» ва «Ало ва Тарғел» барин асарҳои ҷолиби Ҳабибулло Назаровро аз диди адабиётшиносии шӯравӣ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Роҷеъ ба зиндагинома ва осори Ҳабибулло Назаров ва Карим Девона дар қомусҳои дар даврони шӯравӣ интишоршуда – ЭСТ [142, 246 – 247; 141, 66] ва Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [140, 411-412, 18-19] маълумоти якхела оварда шудааст. Оид ба зиндагинома ва рӯзгори Карим Девона дар ин қомусҳо муаллифи мақолаҳо худи Ҳабибулло Назаров аст.

Махсусан баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Карим Девона ва ашъори ӯ аҳли адаб бо диди нав чашмандозӣ намуданд. Соли 1991 бо кӯшиши Ҳабибулло Нозирӣ маҷмӯаи шеърҳои Карим Девона таҳти унвони «Сатрҳои оташин» [35, 61] баъди сари Ҳабибулло Назаров интишор шуд. Тавре ки дар сарсухани ин маҷмӯа низ таъкид гардидааст, аввал ҷавонони ноҳияи Хуросон бо ташаббус осорхонаи шоирро соли 1998 ба шарафи 110-солагиаш ифтитоҳ намуданд. Пасон ҷавонони ноҳияи Рӯдакӣ ба ин ташаббуси нақиб пайравӣ намуда, дар маркази ноҳия муҷассамаи барқади шоирро кушоданд [35, 3]. «Фарқи маҷмӯаи тартибдодаи Ҳ. Нозирӣ аз маҷмӯаҳои мураттабсохтаи Ҳ. Назаров дар он аст, ки агар ба «Сатрҳои оташин»-и тартибдодаи Ҳ. Назаров устоди шодравон Носирҷон Маъсумӣ пешгуфтор навишта бошад, – таъкид мекунад профессор

Ҳасани Муродиён,- ба маҷмӯаи «Сатрҳои оташин»-и соли 1991 нашршуда худи мураттиби маҷмӯа – шоир Ҳабибулло Нозирӣ сарсухан навиштаанд. Ҳамчунин маҷмӯаи баъдӣ аз се қисмат – (1) сарсухани Ҳ. Нозирӣ, (2) шеърҳои Карим Девона ва (3) ёднома – тавсифи Карим Девона аз тарафи шоирон – Низом Қосим, Ҳ. Нозирӣ, Парда Ҳабиб ва Ҳоҷӣ Абдухолиқ Ҷӯрахонзода таркиб ёфтааст» [62, 7]. Вале ба фикри мо, дигар тафовутҳоро низ набояд нодида гирифт. Аввалан, ба «Сатрҳои оташин»-и нашри соли 1958 худи Ҳ.Назаров дар ҳаҷми 30 саҳифа сарсухан навиштааст. Ҳамчунин маҷмӯаро ба се қисмат (1) шеърҳои иҷтимоӣ ва шикоят аз замона (33, 33-55), (2) шеърҳои лирикӣ (с33, 55-75) ва (3) ҳаҷвиёт (33, 75-97) ҷудо намудааст. Вале аслан Ҳабибулло Назаров аксари шеърҳои шубҳанокро бо мақсади ғафстар намудани «Сатрҳои оташин» дар нашри дуюми он (соли 1961), ки бо иловаҳо чоп шудааст, изофа намудааст. Ҳабибулло Нозирӣ бошад, дар маҷмӯаи мураттабсохтааш бо маҷмӯаи соли 1958 интишоршудаи Карим Девона такя намуда, аз воридсозии ашъори шубҳаноки Карим Девона худдорӣ намудааст. Ғайр аз ин ӯ ба маҷмӯа ёднома ва се шеъри ба тозагӣ ёфтшудаи Карим Девона «Дар васфи Розия», «Ҷайраи ғурбат» ва «Фурсат ғанимат аст»-ро аз қавли бобои банда – Ҳабиб Фақир, ки ӯ аз забони модараш – Зебо Тағоева шунида буд, вале онҳо ба маҷмӯаҳои тартибдодаи Ҳабибулло Назаров ворид нашудаанд, зеро гӯянда – кампири Зебо ин шеърро баъдтар ба хотир овардааст, илова намудааст. [35, 9-11].

Лозим ба ёдоварист, ки ба шарофати интишори маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон. Марказҳои шарқи шеъри порсӣ. Аз Тоҷикистон – Варорӯдон то Ҳинд (аз садаи Х то аввали садаи ХХ1-и ҳиҷрӣ)», ки бо ҳуруфи арабиасоси форсӣ бо кӯшиши устод Мирзо Муллоаҳмад ва муқаддимаи Эраҷи Афшор дар Теҳрон аз тариқи интишороти Тӯс соли 1380 ҳиҷрӣ (2002 мелодӣ) чоп шудааст, дар қатори фарҳехтатарин соҳибназарони Варорӯд ба рӯзгор ва осори Карим Девона низ

саҳифаҳои алоҳида бахшида (25, 803-810), ба ин васила шоирро ба кулли форсизабонони Шарқ ошно сохтааст. Дар аввал зиндагиномаи мухтасари Карим Девона ва дар охири он номи маҷмӯаи ашъор ва унвонии қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ба ҳайси адабиёти тавсияшаванда зикр гардидааст. Бартарии ин маҷмӯа дар он аст, ки мураттиб баръакси таҳиягарони «Сатрҳои оташин» ашъори Карим Девонаро тибқи жанрҳо ҷой додааст. Ҳамин тавр, ба маҷмӯа 7 ғазал, 3 мухаммас, як тарҷеъбанд ва чор адад ашъори гуногуни шоир роҳ ёфтааст. Мутаассифона ба ин маҷмӯа ғазалҳое низ дохил шудаанд, ки моли Карим Девона будани онҳо мавриди гумону шубҳа ва баҳс қарор гирифта буд. Ба ин ғазал-мувашшаҳи «Имшаб» мисол шуда метавонад, ки аз 11 байт фароҳам омадааст. Ҳамчунин дар маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» ғазалҳои зебои «Фарёд, ки моро кулфату андӯҳ ба бар ояд...» (25, 805-806), «Ман зи дасти нотавонӣ мекунам оворагӣ...» (25, 805) ва мухаммаси «Фалак, фарёд дорам аз ҷафоят, зуд вайрон шав» иборат аз чор банд (25, 807-808) омадааст, вале аз чӣ сабаб бошад, ки ин шеърҳо ба «Сатрҳои оташин»-и нашри охирин роҳ наёфтаанд.

Дар рисолаи профессор Ҳасани Муродиён «Шуълаест, к-аз дуд фориғ» [62, 225] таълифоти дар 55 соли охир перомуни рӯзгор ва ашъори шоири мардумӣ Карим Девона интишоршуда, махсусан қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ҷамъбаст ва аз диди комилан тоза чашмандозӣ шуда, муҳаққиқ ашъори шоирро «Шуълаест, к-аз дуд фориғ» (Бедил) номидааст. Танқид ва адабиётшиносии тоҷик ба ин рисола баҳои баланд доданд [115, 10-11]. Аммо муҳтавои мақолаҳои баҳсии донишмандон А. Мухторов, И.С. Брагинский ва ҷамъбасти мубоҳиса ва хулосаҳои он шояд ба сабаби дастрас нашуданашон аз рисолаи мавсуф берун мондаанд.

Баъдан, устод Ҳ.Муродиён бо ҳамқаламии камина дар маҷаллаи илмии ДДБ ба номи Носири Хусрав мақолаҳои «Устод Айнӣ ва

Саҳбо» [54, 10-15], «Инъикоси фоҷиаи Саҳбою Мулло Абдурасул дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» [52, 51-56], «Тасвири рӯзгори ҳунармандон ва роҳандозии театрҳои халқӣ дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» [53, 26-23], «Карим Девона боз дар саҳна» [55, 189-195]-ро ба чоп расонид, ки онҳо аз як тараф, як навъ рисолаи номбаршудаи мавсуфро пурра кунанд, аз тарафи дигар, бори аввал хонандаи тоҷикро ба муҳтавои қисмати дуюми қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» (Душанбе: «Балоғат», 2007) ошно сохта, камбудиҳои қисмати аввали қиссаи мавсуфро дар иртибот ба образҳои Мирзо Ҳайити Саҳбо, мулло Абдурасул, тафсилоти рӯзгори ҳунармандон ва тавассути роҳандозии театрҳои халқӣ мубориза алайҳи беадолатии замона як навъ ислоҳ ва пурра намудааст.

Рисолаи дигари устод Ҳ. Муродиён «Шаст мақола» [62,432], ки ҳовии шаст мақолаи илмию методист, 10 мақолаи қисмати сеюми он ба масоили умдаи фолклоршиносӣ, аз он ҷумла 4 мақолаи ин қисмат (с. 296 – 322) ба Карим Девона ва қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» бахшида шудааст. Дар қисмати якуми ин асар масоили адабиёти классикии форсӣ – тоҷикӣ ду мақола (62, 85-121) ба фоҷиаи Саҳбо бахшида шудааст, ки аксари онҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ қаблан интишор шудаанд ва дар боло муҳтавои аксари онҳоро баррасӣ намудем.

Мутолиаи мақолаи профессор Ҳ. Муродиён таҳти унвони «Ҳамдиёри пуркору номбардори шоири мардумӣ Карим Девона» [60, 13-21] моро мутмаин месозад, ки Ҳасан Юсуфи Файзбахш низ яке аз беҳтарин муҳаққиқони осори Карим Девона маҳсуб мегардад.

Ҳасан Юсуф нахуст бо интишори мақолаҳои «Карим Девона, ман ва ҳамдеҳагони ман» [125, 3], «Эътирофи хатои худ мардонагист» [128, 3-4], «Басе ганҷи парешон монд аз худ...» [122, 3] ба тарғиби рӯзгор ва осори Карим Девона оғоз намуд. Баъдан номбурда ду мақолаи

аввалро такмил дода, бо номҳои «Валлай, шудӣ армонӣ» [120, 119], «Карим Девона, ман ва ҳамдеҳагон» [124, 95] дар шакли рисолаҳои хурд интишор намуд. Ниҳоят, рисолаҳои «Ҳабибу адиб ва муҳибу мутриб» [126, 120] ва «Дар ин дунё Карим Девонае буд» [123, 104]-ро низ ба табъ расонид. Ин рисолаҳо бо услуби оммавӣ – публисистӣ навишта шуда, муаллиф рисолаи охириро «Пажӯҳиш» номидааст, вале ҷанбаи илмии асар заиф буда, ҷанбаи публитсистӣ ва бадеият дар он пурқувват аст. Ҳамчунин мақолаҳо, афкор, асноду далелҳо дар ин асарҳо аз яке ба дигаре интиқол ёфтаанд, дар як асар як фикр дар чанд ҷойи он такрор ба такрор омадааст. Масалан, оид ба бесавод ё хатхон будани шоир Ҳасан Юсуф дар якчанд маврид ёдрас мешавад, ки ин хонандаро дилгир месозад [123, 6-70]. Ҳасан Юсуф дар китоби ахирӣ ба иштибоҳ роҳ дода, «Сатрҳои оташин»-ро ба Карим Девона не, балки ба Ҳабибулло Назаров нисбат додааст, ҳол он ки муаллифи «Сатрҳои оташин» Карим Девона буда, Ҳ. Назаров мураттиб ва дар маҷмӯаи соли 1958 (Сталинобод, Нашр. давл. Тоҷ.) муаллифи сарсухан низ ҳаст [132, 15]. Хушбахтона, Ҳасан Юсуф баъзе норасоиҳои рисолаи устод Ҳ. Муродиёнро пурра намудааст: муҳтавои мақолаҳои баҳсии А. Мухторов, И. С. Брагинский ва бархе маводҳои марбут ба ҷамъбасти баҳсро мавриди баррасӣ қарор додааст, баъзе шеърҳои ба китобҳо вориднашудаи Карим Девонаро ёдовар шуда, таъкид намудааст, ки бояд Карим Девона ва осори ӯ аз диди нав баррасӣ гардад.

Ҳасан Юсуфи Файзбахш муътақиди он аст, ки ҳанӯз ҳам баъзе шеърҳои Карим Девона аз байни мардум ҷамъоварӣ нашудаанд. Бинобар ин ҳангоми корҳои майдонӣ ва ҷамъоварии таълифоти Карим Девона ба ҳар як мухлиси адабиёт, фолклоршинос ё коромӯзи ҳамин соҳа зарур аст, ки шеъри Карим Девонаро аз ашъори дигар шоирони халқӣ фарқ кунад ва сараро аз носара ҷудо карда тавонад. Дар иртибот ба ин гуфтаҳояш аз шеъри «Валлай, шудӣ армонӣ» ёдовар шудааст, ки онро ба Карим Девона нисбат медиҳанд, вале Ҳасан Юсуфи Файзбахш

исбот намудааст, ки ин шеър моли Карим Девона нест, чунки дар он сухан дар бораи Маҳмадраҷаб меравад, ки бо супориши Бобоҷон – қурбошӣ бо дасти Метак кушта шудааст ва воқеоти он соли 1921 рух додааст, ҳол он ки Карим Девона ҳанӯз соли 1918 ба рӯ ниқоби хок кашида буд [120, 6-23].

Ҳасан Юсуфи Файзбахш дар мақолаи «Эътирофи хатои худ мардонагист» [128], ки баъдан ин мақола тавсеа ёфта, ба китобҳояш низ ворид гардидааст, мақолаи баҳсии А. Мухторов «Дар бораи оташу дуд» [63], ки ҷавобияи дастгирӣ ба мақолаи фолклоршиносон Р.Амонов ва В.Асрорӣ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» [10] маҳсуб мегардад ва мавҷудияти шоири халқӣ Карим Девонаро қатъиян рад мекард, бо рисолаи баъди 31 сол таълифнамудаи мавсуф «Ҳисор. Очерки таърихӣ» [64, 304] қиёс намуда, ба хулосае меояд, ки «Аҳрор Мухторов дар китоби бисёр ҷолибу арзандааш «Ҳисор» Карим Девонаро чун шоири муборизи халқ, шеърҳояшро чун маводи таърихӣ эътироф намуда, бо ҳамин иштибоҳи 31 сол пеш содиркардаи хешро иқрор шудаанд» [64, 4].

Илҳом Додарзода дар мақолааш «Шоирони Ҳисор бояд пажӯҳиш шаванд» (23) аҳли илми ҷумҳуриро даъват менамояд, ки ба мисли Ҳабибулло Назаров, ки рӯзгор ва осори шоири мубориз ва ҳақиқатгӯ Карим Девонаро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дод, ҳолнома ва таълифоти кулли шоирони Ҳисорро мӯшикофона таҳти пажӯҳиши амиқ қарор диҳанд.

Омӯзгор Ҳотам Ҳоҷиев дар мақолааш «Дар ҷустуҷӯи «Сатрҳои оташин» [117] оид ба маҳбубияти ашъори Карим Девона дар шимоли Тоҷикистон (ноҳияи Деваштич) сухан рондааст, ки замоне падараш ин маҷмӯаро барои ӯ харида, туҳфа кард ва азизтарин дӯсти ӯро Абдусалом ном марде бурду дигар барнагардонид.

Дар мақолаи Искандари Хатлонӣ (Бобоев), ки яке аз шайдотарин мухлисони шеъри Карим Девона аст, сухан аз зиндагинома, тахаллус,

вазъи иҷтимоии замон, шеърҳои ҷоншикори Карим Девона ва ба он оҳанг бастани хунёгарони мумтози кишвар меравад. Дар охир таъкид мекунад, ки соли 1978 дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносов 100-солагии шоири халқӣ Карим Девонаро ҷашн гирифта буданд. Дар ноҳияи Илич (ҳоло Хуросон) низ бо номи «Карим Девона барҳаёт аст» конференсия доир шуда буд. Дар охир мавсуф таъкид менамояд, ки соли 1989 Рассоми халқии Тоҷикистон Сабзалӣ Шарифов расми Карим Девонаро кашида, ба осорхонаи ноҳияи Илич (ҳоло Хуросон) тақдим намуд [30 22].

Лозим ба ёдоварист, ки дар тарғиби рӯзгор ва осори Карим Девона, махсусан ба шарафи 100, 110–солагии солзоди шоир рӯзномаҳои «Нури Илич» ва «Насими айём» – собиқ нашрияҳои кумитаи ноҳиявии ПК Тоҷикистон ва шӯрои вакилони халқии навоҳии Илич (ҳоло Хуросон) ва Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) саҳми бориз доштанд. Дар саҳифаҳои нашрияҳои мавриди назар оид ба зиндагинома ва ашъори Карим Девона мақолаҳои ҷолиб ба нашр мерасиданд. Масалан, дар шумораҳои рӯзҳои 5, 7-уми октябри соли 1988-уми «Нури Илич» мақолаи омӯзгор ва шоир Ҳабиб Фақир таҳти унвони «Шоири мубориз ва ҳақгӯ» чоп шудааст, ки дар он на танҳо зиндагиномаи шоир варақгардон шудааст, балки Ҳабиб Фақир аз номи модараш Зебо Тағоева аз пайдо шудани се шеъри тозаи Карим Девона хабар медиҳад. Саҳифаҳои 3-юм ва чоруми шумораи №34 аз 23 апрели соли 1991-уми рӯзномаи «Насими айём» ба муносибати ифтитоҳи пайкараи шоир дар маркази ноҳияи Рӯдакӣ таҳти унвони «Дар ёди халқ» пурра ба Карим Девона ва ашъори ӯ бахшида шудааст.

Ба ҳамин тариқ, тавре ки Ҳасан Юсуфи Файзбахш таъкид мекунад, «Ҳабибулло Назаров ашъори шоири халқ Карим Девонаро ҳамчун таҳқиқотчии касбӣ не, олими адабиётшиносу фолклоршинос не, балки ҳамту – аз рӯйи шавқу рағбат, шуғл ва хайрхоҳӣ, ҳамчун як шаҳрванд, як дӯстдори сухани мавзун ҷустааст ва ҷамъ намуда, рӯйи

чоп овардааст» [126, 18]. Ба қавли Л. Михайлова «Мо инро хушбахтии муаллиф мешуморем, ки ӯ дар таърихи адабиёти кишвараш хизмати арзандае кардааст» [48,46].

Устодон Иброҳим Усмонов, Муртазо Зайниддинов ва Мазбут Қосимов дар рисолаашон «Пайкари накӯӣ» [108,60-72], ки ба шарафи 100-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессори соҳибном Воҳид Мирашӯрович Асрорӣ интишор шудааст, зимни тавсифи рӯзгори пуршараф ва осори мондагори мавсуф мақолаи танқидии устодро (бо ҳаммуаллифии академик Рачаб Амонов), ки таҳти унвони «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» [10] иншо шуда буд, «талоши одилона» [108, 60] арзёбӣ кардаанд.

Муаллифони рисолаи фавқ нахуст таъкид намудаанд, ки «Китоб аз сабаби тасвири равшану зебои шахсияти Карим Девона, бисёр барчаста инъикос намудани ӯ ва ашъори ӯро шиносонидан, воқеан, китоби хонданӣ буд ва дар муҳити адабии кишвар нақши мусбат дошт... Вай бо шеваи повестҳои детективӣ эҷод шуда буд ва аз ин асар адибону олимони шӯравӣ ... ёд кардаанд» [102, 62]. Баъдан, онҳо ду ҷиҳати ба устод В. Асрорӣ писанд наафтодани асарро таъкид кардаанд: аввалан, таҳқиқи илмӣ номидани қиссаи мавриди назар ва ба сифати кори илмӣ пешниҳод шудани он ва дувум, дар симои Карим Девона инқилобчиро таҷассум намудани нависанда [102, 62]. Номбурдагон «...дар доираи як кашфиёти тоза, дар бораи як шахс, бештар дар такя ба ҳунари адабӣ пайдо...» шудани қиссаро пазируфтаанд, вале даъвои олимӣ намудани Ҳабибулло Назаровро қабул надоранд.

Воқеан, аз таълифоти олимони дар даврони соҳибистиқлолии кишвар интишоршуда, ки дар вақташ ба баҳси фавқ шомил шуда буданд, нуқтаи назари академик А.Мухторов қобили пазириш аст. Агарчи номбурда дар мақолаи истиқболии мубоҳисавиаш [64] ва дар ҷаласаи ҷамъбастӣ санаи шӯриши Ҳисор, инқилобчӣ будани Карим

Девонаро рад карда буд, вале дар шароити нави таърихӣ дар рисолаи «Ҳисор. Очерки таърихӣ» [64, 304] аз шахсияти Карим Девона ба ҳайси шоири инқилобӣ истиқбол намуд ва дар таъйиди соли баргузории шӯриши Ҳисор низ бо Ҳ.Назаров ҳамфикр гардид (64,176).

Ба ҳамин тариқ, рӯзҳову солҳо сипарӣ мешаванд, наслҳо меоянду мераванд, вале шеъри дилнишини Карим Девона чун кӯҳи зодгоҳаш – Ғозиён устувору пойдор боқӣ мемонад, фарзандони тоҷикро дар рӯҳияи гиромидошти Ватан, марзу буми аҷдодӣ, фарҳанги миллӣ ва ҳомии музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тарбият менамояд. Ба шарофати Карим Девона номи муҳаққиқи ӯ – Ҳабибулло Назаров низ дар саҳифаи таърих абадӣ хоҳад гашт.

1.2. ТАСВИРИ БАДЕИИ ОБРАЗИ КАРИМ ДЕВОНА ДАР ҚИССАИ ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ «ДАР ҶУСТУҶӮИ КАРИМ ДЕВОНА»

Дар радифи намояндагони адабиёти китобӣ ашхосе низ тақдири худро ба эҷоди бадеӣ бахшидаанд, ки онҳоро шоирони халқӣ меноманд. «Шоирони халқӣ, - таъкид мекунад фолклоршинос Асадулло Сӯфизода, - онҳоеанд, ки таълими расмии мадраса ва мактабро надидаанд ва аз рӯйи истеъдод ва маҳорат ва услуби авомона ва бо ин ё он шеваи маҳал эҷод менамоянд. Карим Девона, Сайёди Наво, Бобоюнус Худойдодзода, Саидалӣ Вализода, Ҳикмат Ризо, Юсуф Вафо ва Ҳомид Саид намояндагони барҷастаи фолклори тоҷиканд» [99, 97]. Дар миёни шоирони номбурда Карим Девона аз ҳама охир – солҳои 50-уми садаи ХХ аз ҷониби Ҳабибулло Назаров ёфт шудааст.

«Баъди мутолиаи повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» хонандаи закӣ ба хубӣ огоҳ хоҳад гашт, ки Ҳабибулло Назарови ҳуқуқшинос солҳои 50-уми садаи ХХ ба сабаби «Кори Давронов» ба ҷамоати Қизилқалъаи ноҳияи ҳозираи Хуросон ташриф оварда,

тасодуфан бо Ғуломқодир мулоқот менамояд ва бо шунидани шеърҳои марғуби Карим Девона дар иҷрои хунёгари мумтоз Ғуломқодир дар дилаш азм мекунад, ки аз пайи пажӯҳиши ашъори ин шоири мардумӣ мешавад,- изҳор менамояд соҳиби рисолаи «Шуълаест, к-аз дуд фориғ» [62, 86].

Носирҷон Маъсумӣ дар пешсуханаш ба қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» таҳти унвони «Кашфиёти адабӣ» [42, 3] рисолаҳои В. Асрорӣ ва Я. Налскийро дар бораи Юсуф Вафо ва Бобоюнус Худойдодзода асарҳои илмии фолклоршиносӣ, вале қиссаи Ҳабибулло Назаровро оид ба Карим Девона асари бадеӣ меномад.

Қисмати якуми қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» аз 15 боб фароҳам омадааст. «Ҳар кадоме аз ин бобҳо, ки зоҳиран ҳамчун ҳикоя ва нақлҳои мустақилу пароканда менамоянд, мазмунан ба ҳам пайванд аст ва сохти махсуси композитсионӣ дорад, - иброз медорад Н.Маъсумӣ.– Агар боби «Кори Давронов» ҳамчун экспозитсия (муқаддимаи ҷустуҷӯ) ва боби «Ғуломқодир» ҳамчун завязка (оғози ҷустуҷӯ) ба ҳисоб гирифта шавад, ду боби охирин – «Сафар ба Ҷурак» ва «Карим Девона барҳаёт аст» развязка, яъне нуқтаи кушодашавии он аст» [42, 3-4].

Ҳ. Назаров дар бандубасти хеле зебои адабӣ типҳои одамони наву куҳна, симоҳои кӯтоҳи барҷаставу равшанмаъно, тасвири манзараҳои ду давраи таърихӣ ва образҳои аҷиби шоиронаро ба қалам додааст. Ҳангоми мутолиаи асар хонандаи нуктасанҷ гоҳ бо дӯсту рафиқ ва ҳамнишони Карим Девонаи шоир – Бобоёр, Ғуломқодир, Ҳомидбобо, гоҳо бо бачагони замони Карим пирамардони кунунӣ – Саидалӣ Сатторов, Юлдошкомандир, Маҳмуд Исмат ва баъзан бо ҷавонону наврасони даврони шӯравӣ ҳамсуҳбат мешавад. Ба қавли Н. Маъсумӣ «...бо мазлумони ситамкаш ҳамдард, бо шоири оташинсухан ҳамфикр ва бо ҳаёти озоди ҳозира хушнуд мегардад» [42, 4].

Ба гумони ғолиб дар қатори сесад нафаре, ки нависанда бо онҳо ҳамсуҳбат шудааст, эшон ба адиб ба қадри ҳол мадад расонидаанд ва куллашон қаҳрамонони асаранд. «Аммо дар қисса се қаҳрамон аз ҳама бештар менамояд: офарандаи таърих – халқ, ифодакунандаи идеяҳои пешқадами ӯ – Карим ва ҷустуҷӯкунандаи хушҳавсала – Ҳабибулло Назаров» [42, 4]. «Дар ҳақиқат оммаи меҳнаткаш (халқ) мегӯяд ва роҳнамоӣ мекунад, Карим Девона дар деҳоти кӯҳистон, водиҳо ва шаҳрҳо бо табиати тунд, вале олиҷаноби шоирона гоҳ аёну гоҳ ниҳон гардиш мекунад ва муаллифи қисса пайгири боиродаи Карим ва ашъори дилошӯби ӯст. «Бандубасти бадеии повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона ҳамин тавр сохта шудааст ва номи асар низ ишора ба ҳамин аст» [42, 4].

Дар қисса ба туфайли тасвири Карим Девона амвоҷи ҳодисот, бадалшавии манзараҳо, навори пайдарҳами ҳодисаю воқеаҳо, муҳит ва шароити носозгору гоҳо мусоид, муносибати ҷамъиятҳои куҳнаву нав хонандаро гоҳо ба даврони гузашта сайр медиҳад ва гоҳо шуури ӯро ҷониби пешрафт ва дигаргуниҳо савқ медиҳад ва мефаҳмонад, ки дунёи куҳна дар арафаи зерузабаршавӣ ва тахти беки Ҳисор дар ҳоли вожгун шудан аст, яъне зиндагиномаи Карим Девона бо вазъи рӯзгори халқ тавъам шуда, моҳияти ашъори Карим Девонаро равшан месозад ва муҳтавои онро тавсеа мебахшад.

Қиссаи Ҳ. Назаров маводи фаровони таърихӣ, мардумшиносӣ ва адабӣ–фолклориро фаро мегирад. Муаллиф бо мақсади таҳқиқи шӯриши Ҳисор ва таъсири инқилоби соли 1905-и рус ба он деҳа ба деҳа мегардад, нақли бузургсолонро мешунавад ва бо ин низ қаноат ҳосил накарда, онҳоро бо маводи ҳуҷҷатии бойгонӣ қиёс намуда, хулосаи дуруст мебарорад.

Агар ба суханони Н. Маъсумӣ ҳамақида шавем, «... Ҳабибулло Назаров коҳу хоки таърихро бехта ва нақлу хотираҳои сершуморро софӣ карда, Карим Девона ва ҳақиқати ҳаёти ӯро ёфта гирифт ва аз он

баҳри пурасрор дурдонаҳои парешону ниҳонии афкори шоири халқро берун оварда, ин симои номашҳури адабиёти халқро кашф кард. Ба ин маънӣ, асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро ҳамчун қиссаи таҳқиқотӣ кашфиёти адабӣ номидан мумкин аст» [42, 5].

Тавре ки профессор Ҳ. Муродиён ёдовар шудааст, кулли ҷустуҷӯҳои Ҳабибулло Назаров аз парвандаи Давронов оғоз меёбад. Хонанда дар идомаи қисса ба мушоҳида хоҳад гирифт, ки ба сабаби вайрон шудани муҳаррики мошин нависанда ба ҳавлии Ғуломқодир ташриф меорад ва мардони кӯҳистонӣ тибқи одати маъмул дар гирди меҳмон ҷамъ мешаванд.

Мувофиқи тасвири нависанда Ғуломқодир на танҳо шахси меҳмоннавоз, балки сурудхони хуб ҳам будааст. Мутриб аввал сурудхониро аз осори Хоҷа Ҳофиз оғоз менамояд. Маҳз самимият ва кушодарӯии Ҳабибулло Назаров ин мӯйсафеди деҳотиро водор мекунад, ки самимона суруд хонад ва тавре ки худаш хоксорона иқрор мешавад, «сурудҳои кӯҳистонӣ» [71, 15] хонад.

Вақте ки мутриб чор мисраи аввали ғазали «Бародарҳо, чунин арз дорам имшаб»-ро месарояд, нависанда ба фикр фурӯ меравад. Баъди шунидани мақтаи ғазали мазкур: Ниҳода рӯ ба кӯҳу дашту саҳро, Карим Девона Маҷнунворам имшаб [71, 18] ба фикри ҷустуҷӯи шахсияти Карим Девона меафтад. Аз муовини директори хоҷагии ҷангал Алимардонов дар хусуси кӣ будани Карим Девона пурсидани нависанда як навъ шаҳпулест, ки тавассути он Ҳ. Назаров ба зикри айёми бачагии худ руҷӯъ мекунад ва хонандаро аз кӣ будани падари Алимардонов ва бо шарофати ӯ шунидани номи мубораки Карим Девона огоҳ месозад [71, 22].

Ҳ. Назаров баъдан аз номи Алимардон шеъри «Ғозиён кӯҳи баланду босафои дилбар аст»-ро меорад ва диққати шунавандаро ба мисраъҳои он ҷалб сохта, орзу мекунад, ки одами фавқулодае пайдо шуда, ин «абрҳои сияҳ»-ро, ки дар осмон пайдо шуда, айши мардуми

меҳнатиро талх месозанд, рӯфта партояд, то ки дигар қадами номубораки Сафарбойҳо, муллоҳою имомҳои фиребгар аз ин сарзамин зудуда гардад ва ба ҷойи онҳо овози диловези Карим Девонаҳо ва Алимардонҳо танин андозад.

Дар боби дуюми повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона», ки «Ғуломқодир» ном дорад, Ҳ. Назаров қиссаро аз ҳикоятҳои Ғуломқодир, ки ҳамдеҳаи Карим Девона аст, ҳусни оғоз мебахшад. Бинобар гуфтаи Ғуломқодир вақти фавти Карим Девона ӯ ҷавони 15-16-сола будааст. Карим Девона дар деҳаи Ҷураки ноҳияи Даҳанакиик (ҳоло Хуросон) таваллуд ёфтааст. Ноқил тахмин мезанад, ки шоир тақрибан солҳои 1915-1916 ин ҷаҳонро падруд гуфтааст. Изҳор менамояд, ки соли тавлиди Карим Девонаро намедонад. Гӯё 35-40 сол умр дидааст. Шоир бесавод ва хеле камбағал будааст. Ба ҷуз як хар чизи дигаре надоштааст. Баъдан ровӣ ба тавсифи хари шоир гузашта, таъкид мекунад, ки «Хари ӯ бисёр аҷоиб буд, ҳама ӯро мешинохтанд ва Карим Девона дар ҳаққи хари худ борҳо шеър гуфтааст» [71, 33].

Нависанда аз қавли Ғуломқодир қиёфаи (портрети) Карим Девонаро меофарад. Ғуломқодир такроран таъкид менамояд, ки шоир хеле камбағалона мезист ва ҳатто ҷомаи нав надошт. «Вай вақти роҳ рафтан бо ҷомаи даридаи худ хоки заминро рӯфта мебурд» [71, 33]. Карим Девона чун тоҷики асили кӯҳистонӣ қадпаст ва тануманд будааст. Чашмони кабудрангу риши зард доштааст. «Вай зимистону тобистон, гоҳ дар водию гоҳе дар соҳили дарёи Кофарниҳон таёқчаи бодомии худро, ки дар сараш белчаи оҳанин дошт, ба замин зада, пойлуч роҳ мерафт, - таъкид менамояд Ғуломқодир. – Хару сагчаи ӯ бошанд, даме пеш-пеш ва даме аз пас оҳиста-оҳиста қадам мезаданд. Аз санглохҳо ва аз хорҳо пойлуч мегузашт» [71, 33].

Ғуломқодир боз меафзояд, ки Карим Девона деҳа ба деҳа гашта, шеърхонӣ мекардааст. Вай карбосбофиро хуб медонистааст, вале дар сари китфаш шоли кӯҳнаеро партофта мегаштааст, ки бо ном шолу

аммо аз туқуми хар ҳам бадтар будааст. Агар менишастааст, онро ба сифати палос истифода мекардааст ва ҳини хоб он вазифаи кӯрпаи рӯй ва бистари хобро адо мекардааст. Хонаи хурди Карим Девона ҳатто дар ҳам надоштааст. Ба дари хонааш зимистон парда кашида, гулхан дармегиронидааст, ки дар натиҷа хонаро дуди ғафси талх мепечонидааст. Ҳатто сандалӣ низ надоштааст. Шохаҳои тари дарахтонро ҷамъ оварда, ба оташдони миёнаҷои хона меандохтааст ва ҳангоми дар назди оташдон нишастан чашмонашро маҳкам мепӯшидааст, то ки дуди талх боиси ашкрезии ӯ нагардад.

Карим Девона тибқи гуфтаи Ғуломқодир завҷа ва ду фарзанди хурдсол низ доштааст. Баъдан гӯё як писари ӯ бемор шуда вафот кардааст. Писари дуюмаш зинда будааст ва дар кадом деҳаи водии Ҳисор истиқомат мекардааст. Ғуломқодир ба хотир меорад, ки боре дар бачагӣ ба хонаи ӯ сар дарун кардааст. Дидааст, ки ҳамаи онҳо – Карим Девона, занаш ва фарзандонаш дар гирди гулхан нишастаанд. Зани Карим кӯдакашро мемаконидааст, Карим бошад, писари калониашро ба он шолчаи пора-пораи худ печонида мехобондааст. Ноқил иброз медорад, ки он вақтҳо азбаски шоирро Девона мегуфтаанд, дилаш каме аз ӯ меҳаросидааст, вале баъдан ин тарсу ҳарос барҳам хӯрдааст. Дар деҳа вақте ки бо ӯ бармехӯрдааст, наметарсидааст. Аммо иқрор мешавад, ки дар ҳақиқат ба хонаи Карим Девона даромадан воҳиманок будааст [71, 34].

Ғуломқодир аз воқеоти айёми бачагиаш, ки бо Карим Девона марбутанд, ёдовар шуда, ҳикоят мекунад, ки боре модараш ба ӯ як табақ орд медиҳад, ки ба хонаи Карим бурда диҳад. Ордро вақте ки ба хонаи Карим мебарад, шоҳиди лаҳзаи илҳоми шоир мешавад, зеро ки Карим ба ӯ як назар мекунаду чизе намегӯяд, чашмонашро ба як нуқта дӯхта, гӯё ӯро намедидааст. Он гоҳ зани ӯ табақро аз дасташ гирифта, ба зарфе холӣ карда, гардонида медиҳад ва изҳори сипос менамояд. Ҳамин ки Ғуломқодир аз хонаи онҳо дур мешавад, Карим Девона ба

замзамаи кадом суруде сар мекунад [71, 34-35]. Ғуломқодир иқрор мешавад, ки шеърҳои Карим Девонаро айёми ҷавониаш азёд карда будааст. Ғуломқодир таъкид мекунад, ки ҳавлии онҳо дар наздикии хонаи Карим Девона ҷойгир будааст. Одамони дигари деҳа низ зиндагии хуб надоштанд, вале рӯзгори Карим Девона бадтар буд. Зимистон, вақте ки боди барфолуд мевазид, вайронаи ӯ дару девори дурусте ҳам надошт ва шамоли хунук аз сӯрохҳо зада, ба хонаи ӯ медаромад, бинобар ин, зани ӯ маҷбур мешуд, ки зимистон аз Ҷурак ба водӣ, ба хонаи хешу ақрабои худ, ба деҳаи Хӯҷазикриё равад [71, 37].

Тибқи ёдоварии Ғуломқодир деҳаи Ҷуракро аз Қарасирт танҳо теппачае ҷудо мекардааст, ки Карим Девона дар ҳарду деҳа низ шеърхонӣ мекардааст, кишоварзони ҳарду деҳа низ ба Карим ёрӣ мерасонидаанд. Дар хонаҳои кадом сокини ин деҳа, ки деги хӯрок меҷӯшидааст, Каримро ба сари дастархон мехондаанд. «Карим шахси зиндадил, чақ-чақию суҳбаторо буд, ҳузури ӯ дар маърака ба одамон бисёр хурсандӣ мебахшид,- ба ёд меорад Ғуломқодир.–Вай ғайр аз шеърхонӣ боз дар бораи саёҳати худ аз шаҳрҳои Қаратоғ, Ҳисор ва Деҳнаву Бухоро ҳикоят менамуд. Барои мо - одамони қишлоқ, ки ғайр аз қишлоқҳои ҳамсоя дигар ҷойро надида будем, бисёр аҷоиб менамуд» [71, 38].

Ғуломқодир ба ёд меорад, ки зиндагӣ дар Ҷураку Қарасирт, ки деҳоти кӯҳӣ буданд, хеле сангин буд. Баъди боридани барф пойи сокинони ин ду деҳа дигар аз шаҳр канда мешуд, вале Карим Девона бошад, бо хараш тамоми сол ҷариро ҷарӣ ва пастию баландиро пастию баландӣ нагуфта, дар мусофират буд. Бо тулӯи офтоб ба роҳ мебаромаду худ пеш-пеш сурудхонон ва хару сагаш пасопеш аз ҷафои ӯ аз пайи дарёфти як бурда нон равон буданд. Карим Девона вақти дар хона будан сагашро намедидааст, вале ҳамин ки ба роҳ мебаромадааст, сагаш низ аз худ дарак дода, пайдо мешудааст.

Карим Девона ба ҳайси батрак хизмати Муминбой барин бойҳои деҳаро намекардааст, балки ба карбосбофӣ шуғл доштааст. Ӯ аз пахта карбос бофта, ба бозор бурда мефурӯхтааст ва дастмузд ёфта, як бурда нон мехаридааст. Муминбой ва дигар ашхоси сарватманди деҳа дӯсташ намедоштаанд ва ӯро дида, масхара мекардаанд. «Бин, шоири пойлуч омада истодааст. Охир, ягон рӯз гургҳои саҳро ӯро пора-пора мекунанд» [71, 39],- бо тамасхур мегуфтаанд онҳо.

Ғуломқодир таъкид менамояд, ки Карим Девона аз бойҳо сари тарс надошт, алайҳи онҳо шеърҳо мехонд, ба муқобилашон рӯйрост баромад мекард. Дар ин боб Ҳ. Назаров аз номи Ғуломқодир аз таърихи гуфта шудани баъзе шеърҳои шоир, аз он ҷумла аз шеъри «Нақра, нанай, нанай, нанай!» ёдовар шуда, баҳси Карим Девонаро бо бойи деҳа Муҳаммадалии Ашқар меорад [71, 41-42]. «Нақра нанай, нанай, нанай!» - бо дучор шудан ба Ашқар ҳамсолони ман бо як овоз садо мебаровардaнд ва Ашқар онҳоро дашном дода, пеш мекард», дар фуроварди сухан ёдоварӣ мекунад Ғуломқодир [71, 42].

Боби сеюми асарро нависанда «Тӯй дар Қарасирт» номгузорӣ кардааст. Нигорандаи сухан овардааст, ки Ғуломқодир аз бегоҳ барвақт хоб мекунад, вале нисфи шаб тӯйи Муминбой дар деҳаи Қаросирт ба хотираш расида, нависандаро бедор месозад ва онҳо боз моҷарои тӯйи пуровозаи Муминбойро мешунаванд. Мувофиқи ҳикояти Ғуломқодир Муминбой барои писараш хостгори духтари 14-солаи Раҳими судхӯр мешавад, ки онҳо ҳардуяш низ бисёр зихнаю ҳанноту фиребгар ва баръакси аксарияти бойҳо хароби қоқинаи рангпаридаи зарди бехун будаанд. Мувофиқи гуфтаи нақлкунанда меҳмонон пиёдаву савора туҳфаҳо дар даст ҳама ба Қарасирт меоянд. Дар ҳавлии Муминбой боз ду деги калон мегузоранд. Ҳар як камбағали деҳа ба хонаи бой панҷбандӣ ҳезум меорад. Мулло Сафар, Тағоймурод-туқсабо, Мулло-туқсабо, Муллосаид- мингбошӣ, Абдуқодир – ҷевачӣ пайи ҳамдигар бо дастовезҳои калон ба тӯй ҳозир

мешаванд. Кӯчаҳои тангу каҷукилеби Қарасирт аз одамон пур мешавад ва тамошобинон ба рӯйҳои бому сари деворҳо баромада, нигоҳ мекарданд. Овози карнаю нақора гӯши мардумро кар мекунад.

Ҳабибулло Назаров бо тасвири манзараи тӯйи Мумин ва Раҳим барин бойҳои зихна нишон додааст, ки тӯйи одамони доро ба фоидаи чор амалдору тавонгар ҳал мешавад ва мардуми нодорро ба тӯй наздик шудан намемонанд. Нависанда дар симои Абдулғанӣ барин деҳқони камбағал ашхосеро зери тозиёнаи танқид гирифтааст, ки онҳо луб-луч бошанд ҳам, аз давлатмандон талху пичинг шунаванд ҳам, ба андозае беномусанд, ки боз ба хидмати бойҳо камар бастаанд. Анҷоми тасвири нависандаро келинфурорӣ дар хонаи Муминбой ва дар охири тамошо ҳузури Карим Девона ҳусн мебахшад. Мувофиқи тасвири нависанда бо пайдо шудани Карим табъи Мумин хира мешавад, вале худро бой надода, фармон медиҳад, ки ба «пойлучи лаънатӣ» (ибораи Муминбой) ош диҳанд ва Карим Девона низ ӯро бе подош намемонад ва «туҳфаашро» барои ҳозирин дар ҳаққи Абдумуминбой бо овози бурро мехонад: «Кӯдакон коса ба даст, кӯчадавон дар Қарасирт». Аз шунидани ин шеър Мумин сахт ба ғазаб меояд, вале мулло ӯро бозмедорад, аммо «Дафъ шав, аз ин ҷо, пойлуч!» гуфтани Мумин ба гӯши Карим ҳатто намедарояд. Мулло Муминро насиҳат мекунад, ки ба Девона нарасад, зеро «Илоҳӣ ба ӯ ақл надодааст, аммо иродаи нек додааст» [71, 51]. Аз ин суханон Карим Девона рӯҳбаланд гардида, ба мулло таъзим мекунад ва сухани худро идома мебахшад:

Кӯпали саллакалон сагбачаи Абдулғанӣ,

Фуки ту дар осмон чизе наёфтӣ хӯрданӣ.

Борики қоқи дароз усто – Шарифи мӯкидӯз

Феъли шайтон, доғулӣ – нестдарҷаҳон дар Қарасирт.

Нависанда бо овардани ин манзара Карим Девонаро аз Абдуғанӣ ва Шарифи мӯкидӯз барин косибону деҳқонони чоплӯс, хушомадгӯ ва лаганбардор садҳо сару гардан боло гузоштааст, зеро

Карим ба бойҳо хизмат намекунад, назди онҳо пушт дуто намесозад, агар нонашон нафъи ҷон низ бошад, аз хӯрдани он ҳазар мекунад. Дар тасвири нависанда Карим Девона Раҳимсудхӯрро низ «бенаво» намемонад, барояш шеъри «муносиб», ки бо байти «Судхӯраком тӯй сар кард, Чор қишлоқа хавар кард» оғоз меёбад, мебахшад [71,51].

Раҳим ба ғазаб омада, мушт мебардорад, вале аз задани девона худдорӣ мекунад. Аз ин ҳолат ҳозирин механданд ва ҳатто Мумин-қудояш низ хушҳол мешавад, ки танҳо ӯ мавриди масхараи Девона қарор нагирифтааст.

Нависанда аз забони Ғуломқодир дар бораи Фозили камбағал нақл мекунад, ки ӯ пояшро ба андозаи кӯрпааш дароз накарда, ба Муминбой тақлид намуда, дар Ҷурак тӯй пеш мегирад, ки Карим Девона ба шарафи тӯйи ӯ низ шеър гуфтааст ва Ғуломқодир як байти онро ба ёд меорад:

Мехӯрам оши бегӯшт, - тӯйи «калон» дар Ҷурак [71, 52].

Нависанда барои аз боби дуюм ба боби сеюм гузаштан суханони охирини Ғуломқодирро, ки баъди се шабу се рӯзи дар меҳмонхонаи Кӯрғонтеппа шеърхонӣ кардан вақти худоҳофизӣ иброз медорад, меорад. Ғуломқодир таассуф мехӯрад, ки баъзе шеърҳои Карим Девонаро фаромӯш кардааст ва агар ҳамон китоби шеърҳояшро, ки як дӯсташ бурду то ҳозир барнагардонид, медошт, онҳоро ба зудӣ ба хотир оварда метавонист. Аз ҳамон лаҳза нависанда ба ҷустуҷӯи китоби Карими Девона меафтад. Бинобар ин боби чоруми повест «Китоби Карим Девона» номгузорӣ шудааст.

Меҳри китоби Карим Девона нависандаро ба ҷустуҷӯи Одинаев ба Кубодиён (Микоянобод) мебарад. Нависанда аз мошин пиёда шуда, роҳи боқимондаро бо аспи судиҷрочӣ тай мекунад ва ниҳоят баъди пурсуҷӯҳои зиёд идораи хоҷагии ҷангал ва Мизроб Одинаевро ёфта, китобчаи Карим Девонаро низ ба даст медарорад.

Нависанда оид ба Одинаев сухан ронда истода, хотиррасон менамояд, ки ӯ низ мухлиси шеъри Карим Девона аст. Боре дар ҷавонӣ ба Ҷурак рафта будааст, Карим Девонаро дида будааст, вале аз шоирии ӯ баъдтар огоҳ мегардад.

Нависанда китобчаи Карим Девонаро кушода, ғазал-мувашшаҳи машҳури шоир «Қабои лолагун бар тан, ки бар тан бар тан аст имшаб» - ро зери лаб мехонад ва байти охири ғазал диққати ӯро ҷалб мекунад:

Зи ашъори фасеҳам гар умеди муддао дорӣ,

Зи ҳарфи аввалин чидан, ки чидан чидан аст имшаб.

Нависанда бо талқини Одинаев ба чунин хулоса меояд, ки «Ин шеърҳои Карим Девона ҳамчун тақлиди устодони гузаштаи худ…» [71, 64] эҷод шудаанд. – Қ, О, Р, Й-ро дар аввали сатрҳои 1, 3, 5, 7 пай бурда, давомашро, ки «Баракатхон» навишта шудааст, пайхас накардааст. Мирзо Муллоаҳмад дар маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» ғазали мазкурро «Мувашшаҳ ба Қорӣ Баракатхон» муаррифӣ кардааст [71, 805].

Ҳасани Муродиён роҷеъ ба ин ғазал таъкид мекунад: агар ин ғазал моли Карим Девона бошад, пас, ӯ бесавод нест, аҳаллан форсихон аст, зеро ҳарфҳои сатрҳои аввали мувашшаҳи навиштаи ӯро Ҳ. Назаров ва М. Одинаев барин ашхоси босавод ва ба ҳуруфоти классикӣ балад нафаҳмидаанду ӯ чӣ гуна шахси бесавод чунин як мувашшаҳи зебо, равон ва ҳар калимааш чун хишт баҳавсала болоиҳам чидаро навишта бошад?» [62, 64].

Баъдан нависанда инони суханро ҷониби тарҷеъбанди шоир «Шамси анвар» мегардонад ва иброз медорад, ки «…шоир чашмони пурхумор, лаби чун лаъл, табассумҳои ширин, абрувони пайваста, рухсораҳои чун барги гул, шиканҳои зулф, қомати чун сарви маҳвашонро ба тасвир даровардааст» [71, 64]. Ҳамчунин меафзояд, ки шоир аз образҳои классикии Вомиқу Узро ва Лайливу Маҷнун моҳирона ёдоварӣ кардааст. Нависанда дар охир мақтаи тарҷеъбанди фавқро овардааст:

Шӯри ишқат бар сарам савдои маҳшар гаштааст,

Ин Карим Девона дар ишқат қаландар гаштааст [71, 64-65]

«Нависанда тахмин мезанад, ки мумкин дар вожаҳои «Қаландар» ва «Карим Девона қаландар гаштааст» моддаи таърих ниҳон бошад,- таъкид кардааст профессор Ҳ.Муродиён.- Аҷабо, аз як тараф, нависанда ӯро шоири бесавод ҳукм мекунад, аз тарафи дигар, дар ашъори ӯ моддаи таърих меҷӯяд! Оё шоири чашми хатти форсӣ надошта, аз савод маҳрум моддаи таърихро метавонад дар шеър ҷо диҳад? Дар ин бора амиқ мебояд фикр кард» [62,105].

Ҳабибулло Назаров боби 5-умро «Қадам аз паси қадам» унвон намуда, иддао дорад, ки қадам ба қадам ба соҳили мурод наздик мешавад. Аз баҳри беканори ашъори парокандаи Карим Девона то ҳамон вақт нависанда қариб 300 мисраъ дурри маънӣ ҷамъ меоварад. Баъдан нависанда усули ҷамъоварию сабти ашъори Карим Девонаро ифшо месозад. Ӯ ҳар шеъри саросема бо хатти арабӣ навишта гирифтаашро бо ҳуруфоти сириллик бармегардонад ва ба ҷойи сарлавҳа «Соли 1955 аз қишлоқи Хумдон аз забони Ғуломқодир навишта гирифта шудааст», «Дар қишлоқи Чинор солҳои 1919-1920 аз забони Алимардон шунидам» ё худ менависад, ки «Соли 1955 дар хоҷагии ҷангали Қубодиён аз дафтарчаи аз Одинаев гирифтагӣ ёфт шудааст».

Нависанда дар ин қисмат оид ба вохӯриаш бо шиносаш мудири фермаи колхози Ленини ноҳияи Ҳисор нақл мекунад ва дар омади гап номбурда ба нависанда тавсия мекунад, ки ба деҳаи Тӯда рафта, ҳатман мӯйсафеди Сайдалӣ Сатторовро бинад, зеро ӯ оид ба Карим Девона бисёр чизҳоро медонад.

Вақте ки нависанда ба мӯйсафеди Сайдалӣ вомехӯрад, суҳбатро тадриҷан сари ашъори Карим Девона мегардонад ва аз шеърҳои шоир хондан мегирад. Ҳангоми қироати шеъри «Тӯйи калон дар Ҷӯрак» Сайдалибобо нависандаро манъ намуда, худаш онро идома медиҳад.

Нависанда аз забони ҳозирин мефаҳмад, ки Ҳалим Азизов ном шахс аз ноҳияи Куктош дар бораи Карим Девона хеле чизҳоро медонад ва аз ӯ маълумоти фаровон гирифтан мумкин аст. Бинобар ин ба Куктош рафта, Ҳалимро, ки 57 сол дошта, саркори хоҷагӣ буд, меёбад. Аз рӯйи нақли Ҳалим Карим Девона дар 50-60-солагӣ вафот кардааст. Сарутанаш кӯҳнаю порашуда будааст. Ӯ деҳа ба деҳа гашта, сурудхонӣ мекардааст. Хару сагаш ҳамроҳи доимии ӯ будаанд. Хараш аҷоиб будааст: рангаш сиёҳ, вале атрофи чашму пойҳо ва нӯги думаш сафед будааст.

Ҳалим «Тӯй дар Ҷурак»-ро ҳикоят мекунад. Фозилро ба хотир меорад, ки дар хонаи Муминбой кор мекардааст ва марди хеле ҳасуд будааст, муваффақияту пешрафти ягон хешу табор ва ҳамсояро дидан намехостааст. Ҳалим таъкид мекунад, ки Карим Девона одами ҷасур буда, айби ҳамаро нотарсона дар рӯяш мегуфтааст, чунки «…забони шоиронаи ӯ аз теғи хорошикоф ҳам камӣ надошт» [62, 76].

Фозили камбағали ҳасуд мехоҳад, ки писари ягонаашро мӯйсаргирон кунад. Аммо ӯ пояшро аз кӯрпа берунтар дароз мекунад. Овозаи тӯйро шунида, бохабару бехабару дойрахабарон ҳама ба хонаи Фозил мерезанд. Ӯ як бузи пирро мекушад, ки «ба нӯли касе нарасида, тамом мешавад». Равғани пастсифат мехарад, сабзӣ низ намерасад. Чой низ кифоягӣ намекунад, вале ҳисоби онро меёбанд. Аз бой, ки чойи талх менӯшид, шаммаи истифодашудаи онро гирифта, барои камбағалон аз нав чой дам мекунад. «Шамма дар неши кӯрак» (кӯрак, кӯра, чойники филизӣ) гуфтани Карим Девона ба ҳамин маъност. Барои ҳамин шоир ӯро бо шеъри «Тӯйи калон дар Ҷурак» мавриди ҳаҷви тезутунд қарор дода буд. Тӯякиҳоро Фозил муроот намуда, ба нонхӯрӣ даъват мекунад. Дар як лаҳза дастархонҳо тиҳӣ мешаванд. Меҳмононро соҳибхона ба чойнӯшӣ моил месозад, вале онҳо аз оби талху шӯри ноҷӯшидаи деҳаи Ҷурак хӯрда, яксара ба шикамдард

мубтало мешаванд. Карим Девона тамоми ин манзараи хандаоварро ба риштаи назм мекашад.

Баъдан Ҳалим моҷарои мулло Сафарро ба Карим Девона ҳикоят мекунад. Ба гуфти Ҳалим мулло Сафар Каримро ба хонааш даъват намуда, ӯро сиёсат мекунад, ки ба одамон беҳуда мечаспад, гапҳои носазо мегӯяд, шеърҳои Худотаҳқиркунанда мехонад ва ашхоси обрӯмандро шарманда мекунад. Ҳамчунин аз шоир мепурсад, ки аз касе шикоят дорад? Шоир ҷавоби рад медиҳад. Дар ҷавоб мулло Сафар ба Карим муроҷиат намуда, таъкид мекунад, ки ӯро Худо ғазаб кардааст, бинобар ин ӯ бояд шукрона ба ҷо орад, тоату ибодат кунад ва ашхоси обрӯмандро наранҷонад. Мулло боз суханашро идома дода, Каримро таъкид мекунад, ки беҳуда аз Худо ранҷидааст, зеро чашми бино, пойи равон, забони гӯё дорад ва ӯро ҳушдор медиҳад, ки вай чун чуғзи мискин орзуи боз шуданро дорад, вале ҳеҷ гоҳ чуғз боз намешавад:

- «Яъне гуфтанӣ ҳастед, ки Худованд дар арсаи давлатмандӣ шуморо дидааасту дар арсаи камбағалию бадбахтӣ моёнро?» - ба ҷойи ҷавоб савол медиҳад Карим Девона. – Агар чунин бошад, чаро ман ба ӯ таъзим намоям ва чаро аз ин нобаробарӣ шикоят накунам?» [62, 78]. Баъди шунидани ин суханон аз ҳаяҷон ва ғазаб риши дарози мулло ба ҷунбиш омада, чашмонашро ҷониби шоир калон-калон кушода, ғазаболуд Карим Девонаро аз хонааш меронад. Аммо Карим Девона низ паст наомада, «-Шумо, тақсир, бе дутор нағмасозию таронапардозӣ карда истодаед, пой мекӯбеду аммо усул нест, ҷаноби домулло!» [62, 7] мегӯяд бо тамасхур, вале аз ин суханони Карим домулло чизеро сарфаҳм намеравад ва каломи шоирро афсона меномад, аммо Карим ба ӯ ҷавоби мувофиқ мегардонад: «-Ин афсона он аст, ки дар хонаи шумо ҳама аҷнос муҳайёст, ба ҷуз ҳалол. Нон аз гандуми фақирон, гӯшт аз гӯсфанди саҳро, мева аз боғи беваю бечорагон ва ҳоказо. Аз пой то ба сар ғарқи айб бошед ҳам, назаратон

фақат ба айби касон меафтад. Бо маломат шикастани дили касонро одат кардаед. Ба ҳар ҳол, нафси мо аз қаноат пуру аз тамаъ холист. Аз пайи ғорати мардум рӯзу шаб кӯй ба кӯю ҷой ба ҷой чун сагони сӯхтапой гашта, одат накардаем. Мо ба ин насиҳатҳои шумо чӣ гуна бовар намоем, ки дар вуҷуди худи шумо осори ростӣ дида намешавад» [62, 79].

Мулло бори дигар Карим Девонаро аз дар меронад, вале шоир «Нафасам аз дидори «мубораки» шумо ба танг омад. Мурғи дилам аз суҳбати дилгири шумо пару бол зада, раҳоӣ меҷӯяд» [62, 79] гӯён аз ҷой хеста, таёқчаи бодомиашро ба даст гирифта, аз дар берун меравад. Мулло Сафар, ки одами лаққии ҳангоматалаб будааст, баъди аз хонааш бадар рафтани Карим Девона деҳқононро ҷамъ карда, моҷарои байни ӯву шоир рухдодаро нақл мекунад ва таъкид менамояд, ки дар ин хусус шоирро огоҳонидааст. Аз рӯйи гуфтаи Ҳалим Карим Девона ду рӯз аз хонааш ба берун намебарояд ва рӯзи сеюм ба кӯча баромада, шеъри «Забон дорам, вале гуфтор надорам, Ба ғам дармондаам, ғамхор надорам»-ро ба мардум мехонад [62, 80]. Шеъри мазкур як навъ эътирози шоир ба соҳиби фалак ва ҷавобномаю маромномаи ӯ ба ҳамзамононаш, аз он ҷумла ба мулло Сафар мебошад. Шоир ба ин қаноат накарда, ба гуфти Ҳалим дар мазаммати худи мулло Сафар ва балегӯёнаш шеъри «Мулло Сафар-ҷодугар»-ро мехонад [62, 80]. Суҳбати Ҳалим бо нависанда бо он анҷом меёбад, ки Ҳалим боз як шеъри шоирро мехоҳад, ба самъи мусоҳибаш расонад, вале онро фаромӯш мекунад ва танҳо мисраи аввалаш – «Шукр гӯям, ки дар ин дам Шӯриён бозор шуд…» - ро хонда, иброз медорад, ки он мумкин аст дар ёди Йӯлдош – командир монда бошад ва бо ҳамин нависанда диққати хонандаро ҷониби донандаи дигари ашъори Карим Девона - Йӯлдошкомандири маълуму машҳур равона месозад.

Нависанда боби 6-уми асарашро «Даъвати дил» ном ниҳодааст. Ҳабибулло Назаров аз ҷустуҷӯҳои худ ёдовар шуда, аз қавли

мӯйсафеди Сатторов онро ба мавҷи дарёи кӯҳистон монанд мекунад, зеро «Аз баландии кӯҳ, дар зери нурпошии офтоби баҳор чашмаи шаффофи кӯҳӣ босуръат ҷорӣ шуда мефурояд. Вай аз байни яхпораҳо гузашта, ба чашмаи дуюм ва сеюм ҳамроҳ мегардад, ба мавҷҳои пурзӯр ҷорӣ мешавад. Дар поёни кӯҳ бошад, дарёи шӯхи пурмавҷ тез ҷорӣ шуда, ба водиҳо ҳаёт мебахшад. Дере нагузашта, вай моро ба баҳр бурда мерасонад. Он баҳр аз эҷодиёти халқ иборат мебошад» [62 81].

Баъди ин нависанда диққати хонандаро ҷониби соҳили дарёи Кофарниҳон – дараи Сарикиштӣ – истиқоматгоҳи Йӯлдошкомандир равона месозад. Нақли Йӯлдошкомандирро дар хусуси дӯстии падари қумандон бо Карим Девона нависанда хеле шавқовар ва хотирмон ба қалам додааст.

Чӣ хеле ки қумандон ҳикоят мекунад, Карим Девона бо падари ӯ риштаи дӯстӣ доштааст ва моҳе набудааст, ки ба хонаи онҳо наояд. Онҳоро касби карбосбофӣ бо ҳам қарин гардонида будааст, зеро падари қумандон бой набошад ҳам, соҳиби дастгоҳи карбосбофӣ будааст, бинобар ин аз Карим Девона беҳтар зиндагӣ мекардааст, вале шоир ҳатто зану фарзандонашро бо касби бофандагӣ хӯронда наметавонистааст. Бинобар ин падараш гоҳо ба ӯ як ё якуним пуд гандум медодааст. Халтаи гандумро Йӯлош бо шоир ба хар бор мекардаанд. Йӯлдош хислатҳои писандидаи шоирро ба ёд оварда, мегӯяд, ки ӯ доимо механдид. Ӯро аз болои халта ба хар савор карда, ҳазлкунон харро ба пеш тела медодааст. Вай аз қафо омада истода, оҳиста-оҳиста сурудхонӣ мекардааст. Йӯлдош аз лаҳзаи илҳоми шоир ёдовар шуда, таъкид мекунад, ки ӯ ду байтро садҳо бор такрор намуда, ҳар дафъа боз ба он ягон чизи нав медаровард. «Ҳамин тавр, то худи қишлоқи Ҷурак сурудхонӣ мекард» [62, 89].

Йӯлдошкомандир дар хотироташ овардааст, ки Карим Девона ҳам одами шӯх буд ва ҳам кӯдаконро дӯст медошт. Ба хотири як лаҳза

хушҳолии ҳамсолони Йӯлдош ба зону зада, ягона бачаи ҷингиламӯйро сари зонуяш шинонида, сари ӯро сила намуда, ҳикоят мекардааст: «Хари маро мисол гирем. Медонед, вай чӣ гуна зирак аст. Як рӯз дар роҳ шеърҳои ман ба вай маъқул нашудаанд. Ман месароям, аммо хар дум меҷунбонад, ба вай намефорад. Ман дигарашро мехонам, вале хар боз дум меҷунбонад. Он гоҳ ман гуфтам, ки дар бораи ту, нобакор, шеър мехонам. Ба вай ин форид ва сар ҷунбонд. Бинед, чӣ гуна хари зирак! Ин хари одӣ нест! Ин муллохар, қозихар, ин муфтихар аст» [62, 80]. Карим Девона ба василаи ширинкориҳояш ҳам ба бачаҳо завқу хушҳолӣ мебахшад ва ҳам нафрати худро рӯирост алайҳи мулло, муфтӣ ва қозӣ барин сардамдорони замонаш ироа медорад.

Йӯлдошкомандир аз суҳбати падараш бо Карим Девона ёдовар шуда, оид ба хоксорӣ, фурӯтанӣ ва шикастанафсӣ ва тамоми марҳамати дунёиро пушти по задани шоир бо таҳайюр гап мезанад. «Падарам дар паси дастгоҳ нишаста, ба моку ришта гузаронида истода, гап мезад. Карим Девона бошад, дузону нишаста, сарашро хам намуда, гӯш мекард», - таъкид мекунад қумандон ва муколамаи онҳоро ба хотир меорад, ки хеле аҷиб аст:

«-Чаро ту ин тавр ҳастӣ, Карим! Ин тавр ҳайратовар мегардӣ. Наход ки либоси пӯшиданӣ надошта бошӣ. Мехоҳӣ, ман ҷомаамро ба ту медиҳам.

- Мехоҳам, - андӯҳгинона табассум карда мегуфт Карим Девона. - Ту метавонӣ ба ман ҷомаи беҳтарин ва кӯрпаи беҳтаринро бидиҳӣ. Ту метавонӣ тамоми карбоси барои бозор бофтаатро бидиҳӣ. Падарам инро шунида, боз ҳам ғазабноктар мешуд.

- Гап дар ин не. Ба худи ман ҳам маъқул нест, ки одамон туро дида, «Ҳой, девона, ҳой девона» мегӯянд. Оё ин ба ту малол намерасад? Ту ҳамчун дарвеш мегардӣ.

Дар ҳамин ҳолат рӯйи Карим Девона ҷиддӣ мешуд ва аломати андӯҳ падидор мегардид.

- Ман ҳеҷ вақт дарвеш набудам ва намешавам, ман дарвеш нестам! Ту Соҳибназар, одами боақл ҳастӣ, аммо ту ба ман гӯй, ки барои чӣ маро девона меноманд?

- Ман медонам, ки ту ба муқобили амалдорон, бойҳо суруд месаройӣ, ин барои худи ту бад мешавад. Ту як одами камбағал бояд аз паси бечорагии худ шуда, ба онҳо кордор нашавӣ» [62, 90].

Йӯлдошкомандир сабаби ба шоир дода шудани лақаби «девона»-ро шарҳ дода истода, таъкид менамояд, ки ин лақаб ё тахаллус ба ашъори ӯ марбут аст. Азбаски деҳқони одӣ алайҳи бойҳо, амалдорон ва муллоҳо рӯйирост шеърҳо хонда наметавонист, зеро ба ягон бало гирифтораш мекарданд, вале фақат ашхоси девона ба ин кор қодир буд. Аз ин сабаб амалдорони давр ӯро девона гуфта, суханонашро мубоҳ мешумурданд. Халқ низ тадриҷан Каримро Девона меномидагӣ шуд.

Дар пасманзари ин гуфтаҳо нависанда хулосаи худро низ оид ба тахаллуси «Девона» гирифтани Карим зикр мекунад: «Каримро чӣ маҷбур менамуд, ки бо тахаллуси «Девона» муросо кунад?» (62, 91). Ва ҷавоби мувофиқро худаш мегардонад: «Ман фикр мекардам, Карим Девона ҳам ҳамин гуна нависандае будааст, ки олами фикру хаёли инсониятро бой гардонида, ахбори ҳақиқатро ба саҳифаи баён оварда, одамонро ба як мақсад равона мекардааст» [62, 91].

Баъдан қумандон қиссаи барои ӯ аспи лақаӣ харидани падараш Соҳибназар ва аз сӯйи амлокдори водӣ Раҳмон Бегиҷон рабуда шудани он, ки бо Карим Девона бевосита рабт дорад, ба нависанда нақл кардааст. Вақте ки падари Йӯлдош ин ҳодисаро ба Карим Девона нақл мекардааст, ӯ ҳариб гиря менамудааст, вале шоир механдидааст, заҳрханда мекардааст, бо ҳузну алам табассум мекардааст ва ба падари Йӯлдош муроҷиат намуда мегуфтааст:

«Охир, ту гуфта будӣ, ба муқобили амлокдорон суруд нахон, чаро худат инро мегӯӣ?» [62, 92] ва дастонашро аз сари шавқ ба пушти падари қумандон мезадааст.

Йӯлдошкомандир иқрор аст, ки баъди ин воқеа фикри падар нисбат ба бойҳо дигар мешавад.

«-Инро яқин донед, ки аз онҳо ҳеҷ гоҳ бӯйи некӣ намеояд, онҳо ба ҷуз талаю тороҷ кардани халқи ситамкаш дигар чизеро намедонанд, - мегӯяд мӯйсафед. –Писарам, Йӯлдош вақте ки калон мешавӣ, аспи аввалини худро набояд фаромӯш кунӣ. Дунё доим ҳамин тавр истоданаш мумкин нест, чунин золимон буданд, гузаштанд ва инҳо ҳам мегузаранд» [62, 92-93].

Йӯлдошкомандир он лаҳзаҳоро ба ёд оварда, гириста-гириста қавл медиҳад, ки албатта аспро кашида мегирад. Аз ҳама риққатовараш он аст, ки Карим Девона ашки чашмони Йӯлдошро пок карда мегӯяд: «Гиря накун, модоме ки асп надорӣ, ба хари ман савор шав» [62, 93].

Масъалаи дигаре, ки нависанда бо Йӯлдошкомандир баҳс меороянд, ин савод доштан ё надоштани шоир аст. Йӯлдош муътақиди он аст, ки Карим Девона бесавод буд. Азбаски фикри расо дошт, соатҳои дароз ашъори Ҳофизро азёд гуфта метавонистааст, достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро пурра медонистааст. Аз эҷодиёти Рӯдакӣ ва Бедил низ шеърҳо мехондааст.

Нависанда низ чунин мепиндорад, ки агар Карим Девона савод медошт, шеърҳояшро дар ягон дафтар менавишт ва барои ояндагон ба мерос мегузошт. Дар ҳамин қисмат нависанда аз рӯйи маълумоти Йӯлдошкомандир огоҳ мешавад, ки Мирзо Абдухолиқ ном шахс, ки ҳамроҳи қумандон котиби отряд будааст, китобчаи шеърҳои Карим Девонаро доштааст ва бо худ доимо мегардонидааст ва шеърҳои шоирро ба алоқамандони фарҳанг мерасонидааст. Аммо қумандон бо таассуф хабар медиҳад, ки мавсуф соли 1949 вафот кардааст. Бародари

ӯ, ки дар деҳаи Менгиҷар истиқомат мекунад, мумкин он дафтари шеърҳоро бо худ маҳфуз дошта бошад.

Воқеан, ба гуфти бобои камина – Ҳабиб Фақир ашъори Карим Девонаро бо хоҳиши шоир мулло Фақир-падари Ҳабиб Фақир ҳангоми барҳаёт будани мавсуф дар шакли маҷмӯа дароварда будааст ва мардуми форсихон аз он бархурдор мешудаанд, вале соли 1937 ҳангоми таъқиботи сталинӣ мулло Фақир ба таъқиб дучор гардида, бо китобҳояш дар ғоре пинҳон мешавад. Баъдан ӯро дастгир намуда, китобҳояшро мусодира мекунанд ва мулло Фақирро мепарронанд. Бо ҳамин маҷмӯаи ашъори Карим Девона нопадид мегардад. Момои Зебо Тағоева-модари Ҳабиб Фақир ин сирро барои он ба Ҳабибулло Назаров нақл накардааст, ки писараш Ҳабиб Фақирро фарзанди душмани халқ гуфта, аз сафи ҳизби коммунист наронанд.

Ҳамчунин дар зимни суҳбат Йӯлдошкомандир «Тақдири ман» ном шеъри Карим Девонаро, ки он солҳо аз ҳамон китобча азёд карда будааст, қироат мекунад.

Дар ин бахш Йӯлдошкомандир таърихи навишта шудани шеъри «Шӯриён бозор шуд»-и Карим Девонаро низ шарҳ додааст. Карим Девона ба ивази ёрӣ расониданаш ба карбосбофе чанд газ карбос гирифта, онро барои фурӯш ба бозори Шӯриён мебарад. Аминоначии бозор – Бароти якчашма порчаи карбоси ӯро дидан баробар шаш танга талаб мекунад, аммо Карим эътироз менамояд, ки охир, худи ин карбос шаш танга арзиш надорад, вале кӯри Барот ба ӯ дӯғ зада, «Ё шаш танга деҳ ё аз ин ҷо дафъ шав!» мегӯяд. Карим бо ҷаҳл карбосро ба рӯйи кӯри Барот мезанад ва баъди чанде мардум овози ӯро мешунаванд, ки дар миёни издиҳом мехондааст:

Шукр гӯям, ки дар ин дам Шӯриён бозор шуд,
Аминона бист ҳазор-кӯри Барот тайёр шуд…[62, 95-96].

Дар охири ин боб нависанда аз номи Йӯлдошкомандир воқеаи ба ҳабс гирифта шудани Карим Девонаро нақл мекунад. Падари Бобоҷонқурбошӣ амалдор Тағоймуроди косабулоқӣ Карим Девонаро ба кофирӣ айбдор карда, амр медиҳад, ки ӯро бандӣ намуда, ба Ҳисор фиристонанд. Ӯро зимистон ба ҳабс гирифта, пойи луч пешандоз намуда, то ба Ҳисор мебаранд ва танҳо баъди се моҳ баҳорон ба хонаи Йӯлдош омада, суҳбат меорояд, аз азобу шиканҷаи маҳбас ҳикоят мекунад ва дар ин ҷо низ падари Йӯлдошро хотиррасон мекунад, ки аз вай алайҳи бойҳо шеър нагуфтанро талаб карда буд, вале нависанда ҳодисаи ба маҳбас афтодани шоирро тафсилот надодааст. Эҳтимол ин ҷо воқеаи соли 1910 ба ҳабс гирифта шудани шоир, барои ашъори зиддиҳукуматӣ ва зиддидинӣ ба қатл маҳкум шудани ӯ ва ба шарофати зилзилаи Қаратоғ авф шудан ва ба озодӣ баромаданаш дар назар дошта шуда бошад, ки дар ин хусус дар фасли пешина маълумот дода будем.

Ҳ. Назаров боби 7-умро номи хеле зебо гузоштааст: «Туҳфа». Бо мутолиаи вожаи «Туҳфа» аз дили хонанда мегузарад, ки ин чӣ туҳфае бошад. Ин туҳфа шеърҳои нави Карим Девона аст, ки Ғуломқодир дар мулоқоти дуюм шеърҳои «Зилзилаи Қаратоғ», «Қатл дар Душанбе» ва «Табли ҷанг»-ро ба ёд оварда, ба Ҳабибулло Назаров пешкаш месозад [35, 34-37]. Шеърҳои ин қисса баландтарин нуқтаи эҷодиёти Карим Девона ҳисоб меёбанд, ки сабабгори эҷоди онҳо зилзилаи Қаратоғ ва шӯриши Ҳисор мебошад. Шоир дар шеъри «Зилзилаи Қаратоғ» гунаҳгори кулли бадбахтиҳои мазлумон олимон ва мири Ҳисорро медонад, зеро онҳо аз роҳи дину ойин ва фармудаҳои Худованду Қуръони азимушшаън берун пой ниҳоданд:

Тарки фармони Худо кард Олиму мири Ҳисор,

Гаштаанд ғофил ба фикри молу мулки бешумор [71, 101].

Хулосаи шоир аз шеъри «Зилзилаи Қаратоғ» он аст, ки Худованд қодир аст дар як лаҳза тамоми молу дороии шуморо аз саратон зор монад ва ба нестӣ барад: «Монда зор анбори гандум, бедаву коҳу алаф» ва сарватмандонро ҳушдор додааст, ки ин зилзила огоҳии Худованд аст аз боло алайҳи бедодгариҳои шумо, то ки минбаъд ҳушёр шавед ва ғами беваву бечораро низ хӯред:

Ҷунбиши ин зилзила аз олами асрор шуд,

Як хабар бар мардуми бедодгару хунхор шуд [71, 101].

Шоир агар дар шеъри «Зилзилаи Қаратоғ» ба ҷуз аз беки Ҳисор исми дигар сардамдорони давр-шайху муллою сипоҳро ба таври умумӣ номбар карда бошад, дар қиссаи «Қатл дар Душанбе» аз кулл ба ҷузъ мегузарад. Акнун дар ин ҷо хонанда бо исми Аҳмадҷони камбағал, Қосимхӯҷаи хунхор, Расулчағири мурдор ва муфтии бузи қутур ва қозикалони рӯбоҳи ланг шинос хоҳад шуд. Шоир нисбат ба ғосибони араб нафрат дорад. Ин аст, ки Қосимхӯҷаро мири Аскалон (яке аз шаҳрҳои қадимаи Арабистон), лашкари Расулчағирро (кабудчашм) қушуни амири араб-Язид ва саги Марвориён (гурӯҳи сулолавии арабҳо) меномад. Шоир нисбат ба Қосимхӯҷа барои он нафрат дорад, ки ӯ шахси ниҳоят мустабид аст. Вай бисёр касонро ноҳақ ба зиндон меандозад. Маҳз бо касофатии ҳамин шахс дар байни халқ ғавғо бармехезад. Бе ин ҳам мардум рӯзгори мушкилеро сипарӣ мекарданд, зеро бо хушку беборон омадани сол гуруснагӣ ва қаҳтӣ шуда буд. Аҷал дар кӯчаҳои камбағалнишин аспакӣ метохт. Ба болои ин заминҷунбӣ рӯзгори мардуми бечораро бечоратару қашшоқтар сохт. Дар натиҷаи заминҷунбии Қаратоғ мардуми зиёде ба ҳалокат расид, зиндамондагон аз кишти ғалладона маҳрум шуданд ва зори як порча нони қоқ гардиданд. Ғаму ғусса ҳама ба дӯши фақирон бор шуд. «Илова бар ин фитнаангезон, ғоратгарон бар синаи заҳматкашон доғ болои доғ мезаданд. Шишаҳои сабру тоқат ба санги хоро зада, пора-пора гардиданд. Мардуми бечора дигар чӣ чора доштанд? Муштро ба кор

андохтан чораи ягонаи онҳо буд» [71, 104]. Мардуми ба ғазаб омада ба сари амалдорон чӯбу сангборон мекарданд. Мардум кулли бадбахтиҳоя-шонро аз разолати сарлашкари ҳокими Ҳисор – Расулчағири саги мурдор, муфтии бузи қутур, қозикалони рӯбоҳи ланг медонистанд. Онҳо бойҳоро аз ҷинси дев ва фақиронро аз табақаи малоик дониста, ҳамдигарро талқин мекарданд, ки ин ду ҷинс аз азал дар пархош будаанд. Дар ин шӯриш рӯҳониён низ хомӯш наменишастанд. Онҳо дар деҳоту шаҳрҳо, кӯчаю бозорҳо гашта, аз дину шариату гуфтаҳои Худову расул ояту ҳадис гуфта, шарораи оташи қаҳру ғазаби фақиронро паст карданӣ мешуданд, аммо ин кор дигар ба осонӣ даст намедод. Тавре ки нависанда таъкид намудааст, «Ташвиқоти онҳо дар назди халқ аз тори анкабут ҳам сусттар буд, чунки халқ ин рӯбоҳҳои дупои фиребгарро ба хубӣ мешинохт. Он саворони роҳи ғафлат гумон мекарданд, ки халқ аз фиребу найранги онҳо ғофил аст. Ин қаллобон хуни ситамкашонро як бор не, балки борҳо макидаанд. Ғӯлу занҷир ҳам барои бечорагон чизи нав набуд, аз авлодони онон дар зери кундаву занҷир маҷруҳ шуда, ҷондодагон кам набуданд. Деги тадбири золимон доим дар ҷӯш буд. Мунъимон ҳеҷ вақт на рост гуфтааанду на рост рафтаанд. Мегӯянд, ки золимон сӣ пой доранд. Оқил он аст, сӣ пойи дигар киро карда, аз онҳо дуртар гурезад» [71, 104].

Ситамгарон ҳамеша мададгори ҳамдигар буданд. Муллоҳо одамони ғавғобардоштаро ҳатман кофир ҳукм мекарданд ва ба фоидаи ҳокимону амалдорон фатво медоданд. Деҳқонони кӯҳистон ин чизҳоро кам сарфаҳм мерафтанд, зеро тамоми сол бо қомати хамгашта аракӣ ҷабин рехта, барои давлатмандон ва амиру амалдорон боигарӣ ва нозу неъмат меофариданд, аммо ҳақталабони соянишин нисфи ғаллаи онҳоро соҳибӣ мекарданд. Медонистанд, ки дар бозор низ муллоҳо ҳомии онҳоянд. Муллоҳо бозор ба бозор, деҳа ба деҳа гашта, зарра-зарра нуқтаи назари худро ба халқи «аз роҳи дин, аз Худо

гашта» талқин мекарданд. Онҳо бо баҳонаҷӯй ва туҳмат сари садҳо камбағалро ба боди фано дода буданд, ки Аҳмадҷон яке аз онҳост. дар соҳаҳои адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик дар соҳаҳои адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик «Гуноҳи» Аҳмад он буд, ки

Аз миёни халқ Аҳмадҷон бо овози баланд,
Гуфт: То кай бар сари мо ҳукмрон аст дору банд?
Эй фақирон, як шавед, бо якдигар билиттифоқ
Чӯбу санг оред бар фарқи сари миру иноқ![71, 101].

Хулоса, Аҳмади камбағал ҳақиқатро талаб кардааст. Қосимхӯҷа чандин нафар деҳқононро ба дор меандозад, ки яке аз онҳо Аҳмадҷон буд. «Аҳмад мардонавор ба таги дор рафта, дар пойи дор рӯ ба халқ оварда гуфтааст: «Аз қатли ман шумо ҳеҷ натарсед. Ин қатли ман бешубҳа тахти амирро вожгун менамояд. Қатли ман марги амир аст. Чӯбу санг гирифта, ба фарқи сари мири Ҳисор ва амалдоронаш кӯбед!» [71, 105]. Карим Девона ин лаҳзаро хеле бо эҳсоси баланд ва қаҳру ғазаб ба риштаи назм кашидааст:

Гуфт: Эй ёрон, натарсед ҳеҷ гоҳ!
Қатли ман вожгун намояд тахти шоҳ,
Ин шуниду халқ шуд андар ҳуҷум,
Сангборон шуд ба фарқи аҳли шум.
Ҷанги мағлуба сари бозор шуд,
Кӯри Раҳмон лоиқи сангсор шуд [71, 102].

Карим Девона оид ба Аҳмадҷон барои он бо ҳиссиёту ҳаяҷони махсус гап мезанад ва Қосимхӯҷа, Раҳмончағирро мазаммат мекунад, ки Аҳмад мисли шоир «Буд он марди далеру бошуҷоат, беназир» ва шоир дар симои Аҳмад худро медид, ки замоне то пояи дор бурда будандаш. Акнун Карим Девона он марди пешина набуд, ки ҳама чизро аз «карам»-и тақдир донад (Тақдир ба ман бинмуд «карам», Қаландари бар ҳар дарам) ва бечоранолӣ кунад.

Мусофират бо шаҳрҳои инқилобии Осиёи Миёна – Самарқанду Бухорою Тошканду Тирмиз, суҳбат бо ашхоси бедордилу фарҳехтаи миллати тоҷик, ки омода буданд, озодиро ба ҷон харанд, чашми Карим Девонаро кушод. Ӯ низ рӯирост ба сафи муборизони роҳи озодӣ ва инқилоб дохил шуд. Ӯ нағз фаҳмид, ки ин сохти пӯсидаи амирӣ ниёз ба табаддулот дорад, вале номбурда роҳи ба соҳили мурод расиданро равшан намедонист.

Карим Девона дар қиссаи «Табли ҷанг» манзараи ҷангро тасвир кардааст, ки аз як сӯ, деҳқонони ҷабрдида ва аз тарафи дигар, сардамдорони соҳиби лашкару тиру тӯп дар пархошанд, вале шоир ҷониби ҷабрдидагон майл дорад. Хонанда инро аз мисраъҳои

«Золимонро ман чӣ гӯям, ҳам Худо зад, ҳам фалак,
Мурдаи золим фитод дар кӯчаҳо монанди саг»

хуб дарк мекунад.

Ҳатто шоир ин қавми золимони зуҳдкешро тухми ҷин ва фақиронро малак (фаришта) меҳисобад:

Қавми золим тухми ҷин асту фақир гӯё малак,
Дод мегуфт муҳтасиби шаръ ба бозори намак [71, 102]

Шоир бо ҳасрату таассуф аз Толиб ёд мекунад, ки ӯ аз зарби шамшери Раҳмони чағир шаҳид мешавад ва аз дасти Раҳмони чағиру Қосимхӯҷаву девонбегӣ, Насим ва пешсафи онҳо Муллораҳим садҳо одамон куштаву зиндонӣ мешаванд. Шоир ашхоси болоиро золим, мурдор, аҳли бидъат, каҷрав, чангзанандаи оташи нори ҷаҳим ва нарсаг меномад ва бо овардани тахаллусаш дар байти мақтаъ худро хизматгор ва хоки роҳи фақирон меҳисобад:

Он Расули азрақчашм-писарамми Язид,
Захм зад бар Толиб, ӯ дар саҳни майдон шуд шаҳид.
Аҳли бидъат дар замоне соҳиби гуфтор шуд,
Во дареғо, мулки мо аз каҷравӣ мурдор шуд.
Аҳли золим чанг зад бар оташи нори ҷаҳим,

Буд Қосимхӯҷа-нарсаг, ҳам девонбегӣ, Насим,

Пешҷанги золимон аз Сӯфиён Муллораҷаб,

Хок шуд дар хизмати аҳли фақир Абдулкарим [71, 103].

Дар ин шӯриш, ки он дар Ҳисор ё Душанбе рӯй додааст, кӯри Раҳмон ё Расул аз тарси балвогарон худро ба дарё андохта, ба деҳае худро задааст ва дар хонаи бое пинҳон шуда, ҷон ба саломат бурдааст.

Шеърҳои болоиро хонанда мутолиа намуда, боварӣ ҳосил менамояд, ки ин «шоири сатрҳои оташин» (ифодаи Ҳ. Назаров) бо мардум «...на танҳо ҳамдард, ҳамфикр ва ҳамназария будааст, балки вай ин маслакро сардорӣ мекардааст» [71, 107]. Ба қавли Ҳ. Назаров дар ин қабил ашъори Карим Девона як навъ афкори инқилобӣ дида мешавад, ки онҳо пеши назар симои ҳақиқии шоири сатрҳои оташинро ҷилвагар месозанд [71, 107].

Боби 8-уми асарро нависанда «Ҳамқишлоқиёни Карим Девона» ном ниҳодааст. Инҳо муҳоҷирони иҷбориеанд, ки дар вақташ аз Ҷураку Қарасирт кӯчида, дар деҳаҳои Меҳнатободу Хумдон, ки ҳоло ба ҷамоати Қизилқалъаи ноҳияи Хуросон мансубанд, паҳлуи ҳам (танҳо миёни онҳо як дара аст) ҷой гирифтаанд. Нависанда тавассути хонандаи мактаб Ҳаким бо муаллимони забон ва адабиёти мактаби ин қария – Ҳабиб Фақир ва Ҳофиз Шукур, бо падари Ҳофиз- бобои Шукур шинос мешавад. Хулосаҳои муаллим Ҳофиз оид ба адабиёти гуфторӣ ва намояндагони он ба нависанда хеле писанд меоянд. «Шеърҳои шоирони халқ, чунончи, Карим Девона, мегӯяд муаллим Шукуров, - бечунучаро, аз як тараф, боиси сабзиши адабиёти халқи тоҷик гардидааст, аз тарафи дигар, аҳаммияти асосиаш аз он иборат аст, ки сарриштаи адабиёти тоҷикро аз давраҳои шоирони маорифпарвар – Аҳмади Дониш, Шоҳин ва ғайра оварда, ба адабиёти имрӯзаи мо пайванд мекунад» [71,112]. Ҳамчунин муаллим Шукуров илова мекунад, ки дар шеърҳои Карим Девона тасвироти одамони ҷасуру меҳнатдӯст ва симои ашхоси бепарво низ дида мешавад. Баъди омадан

ба хонаи Шукурбобо мизбон сарриштаи суханро гирифта, онро ҷониби Карим Девона гардонида, барои нависанда маълумоти тозаеро пешкаш месозад. «Падари Карим Девона бародари ҳамтани модари ман мешавад, яъне Карим Девона ба худи ман таго мешавад»,- мегӯяд бобои Шукури 68-сола [71, 113]. Мӯйсафед бо таассуф мегӯяд, ки агар Карим Девона зинда мешуд, синнаш ба 80 мерасид. «Вафоти ӯро ҳам дар хотир дорам, - ба ёд меорад мӯйсафед, - дар зери дарахти туте, ки дар назди хонаи нимвайронаи ӯ воқеъ буд, бемор хобида ва дар ҳамон ҷо вафот кард. Дар хаёлам соли мор ё асп буд: соли аввалаш бисёр гуруснагию қаҳтӣ шуда, дар соли охираш вабо омад, ки бисёр одамон мурданд» [71,114].

Мувофиқи нақли модари бобои Шукур Карим Девона дар синни сесолагӣ аз модар маҳрум мемонад. Падараш - Қурбон Каримро баъдан ба хонаи Шукурино меорад ва шоир то синни 10-солагӣ ҳамроҳи Шукур дар ҳавлии онҳо тарбия ёфтааст. Баъдан падараш низ вафот мекунад ва бобои Қурбон ягон меросе барои Карим нагузошта будааст. Мувофиқи қавли мӯйсафед Карим харкурраеро харида, калон мекунад, зеро барои харидани хар маблағ надоштааст. Мӯйсафед дар ҳамин ҷо дахлу харҷи якмоҳаю солонаи зану ду фарзанди Карим Девонаро ҳисоб намуда, онро дар як моҳ се пуд ва дар як сол сиву шаш пуд (6 ман) гандум ҳисоб мекунад, ки барои ин моҳе бист танга даромад доштан лозим меояд, аммо даромади солонаи Карим Девона пасупеш ҳамагӣ аз 20 танга иборат будааст.

Бобои Шукур қиссаи ба Карим Девона ҷома туҳфа кардани Муминбой ва Муҳаммадалии Ашқарро ба ҳозирин хеле шавқовар ва зебо нақл мекунад. Муминбой Каримро ба хонааш даъват намуда, ба назди ӯ ҷомаи алочаи лолагии рах-рахро мегузорад, ки ҷомаи одии қиматаш 10 танга буд. Чунин ҷомаро аксари деҳқонон пӯшида мегаштанд, вале Карим чунин ҷома надошт. Аммо Карим»фиреби тарбияти чунин боғбонҳоро нахӯрд, зеро онҳо об медиҳанд, аммо

гулоб мехоҳанд». Ҳақиқатан онҳо ба ӯ ҷомаро дода, талаб карданд, ки онро гирифта, аз Ҷӯрак баромада равад, ё рафтан нахоҳад, ба ӯ каме замин медиҳанд, кор кунад, вале Карим Девона ҳам одами содаю зудбовар набуд ва фирефтаи макри онҳо низ намешуд. Онҳо нағз медонистанд, ки заминҳои Ҷурак санглоху серреша аст. Барои киштбоб кардани онҳо барзаговҳои корӣ даркор буд, вале Карим ғайр аз як тойхар дигар чизе дар бисоташ надошт. Бинобар ин Карим агар барои гирифтани замин розӣ мешуд, маҷбур буд, ба назди онҳо омада, барзагови ҷуфтӣ талабад, як бар панҷ тухмӣ қарз гирад. Бо ҳамин ӯ ноаён ба «қилаки» онҳо афтода мемонд ва дигар аз доми балои ин ду золим халосӣ намеёфт. Онҳо мақсади ниҳоии ин «ҳотамиашонро» низ дар охир фошофош арза доштанд. «Моён ба ту ҳар гуна ёрдамҳои ҷиддӣ мерасонем, вале ту ҳамин шеърҳои беҳудаатро мон, бас кун, Абдукарим, бас! Ту одами боақлу гапдону хушфаҳм ҳастӣ, ин термаҳои беҳударо гуфта, худатро дар назди мардум хира карда гаштанат чӣ ҳоҷат? Ту намефаҳмӣ, бачагӣ мекунӣ...» [71, 116],-гуфта, ӯро насиҳатҳо мекунанд.

Вақте ки бойҳо Каримро муроот намуда, тамаллуқомез таклифи аз боло гузаштан мекунанд, ӯ ба онҳо ҷавоби муносиб мегардонад: «Ман ба боло гузашта, дар рӯйи кӯрпачаҳои мулоим нишастанро одат накардаам, дар рӯйи кӯрпача худро бисёр бад ҳис мекунам, гӯё аз ин дар баданам хорҳо халида, сабаби озори ман мешуда бошанд. Ман дар замини хушк нишастаю хобида, одат кардаам...» [71, 116]. Аммо идомаи сухани Карим Девона боз ҳам барои ду заминдори маккор ҷоншикортар садо додааст: «Карим Девона дар гашт чун ғизолони кӯҳ, дар хониш чун кабкони дара мебошад. Агар шабҳо ӯро хаёли хоб ояд, кӯрпааш аз пардаи шаб буда, болинаш аз санг мешавад» [71, 116].

Идомаи суханҳои Карим Девона, ки зарбаи дуюми шоир ба рақибонаш буд, аз ҷавоби якумаш низ киноядор баромадааст: «Ҷома ҳам ба ман лозим нест,- абрувонашро ба ҳам кашида идома медиҳад

шоир, - ба хушпӯшию хушхӯрӣ шумо одат кардаед, дили ман майли ин зинатҳо надорад, замин ҳам аз шумо талаб надорам. Нияти шумо ба ман маълум: мехоҳед, ки ба болои занҷир дар гардани ман боз занҷири дигаре андозед. Мехоҳед, ки худро чун шахси дилсӯзу некандеш нишон дода, маро ба дом андозед!» [71, 116].

Карим Девона дар рӯ ба рӯйи Муминбою Муҳаммадалии Ашқар истода, ин рафторашонро ба ҷодугар монанд мекунад, зеро онҳо гӯё ба ӯ ошною ҳамнишин шуданианд, ӯро гӯё Абдукарим гуфта, ҳурмат низ мекунанд ва ҳатто ҷома инъом карданианд, аммо лутфу хандаҳои сохтаи онҳо субҳи оламафрӯз не, балки ба барқи оламсӯз монандӣ дорад. Ҳатто хандаҳои дунафаронро ханда не, балки бар қасди ҷони фақирон чун гургони даранда дандон тез кардан меномад.

Карим Девона ин ду давлатмардро каззоб, дуруғгӯй, рӯбоҳ номида, огоҳашон низ месозад, ки «Рӯбоҳро пӯст аз сараш бармекашанд» [71, 116]. Онҳоро ба магасоне монанд мекунад, ки аз пайи шарбат гашта, охир андаруни ширинӣ часпида, ҳалок мешаванд. Онҳоро ба зоғҳое ташбеҳ медиҳад, ки бо пойҳои зоғинашон тақлиди хиромидани товусро мекунанд, вале дар ниҳояти кор шармсор мешаванд. Ӯ қатъиян изҳор мекунад, ки вайро харидан мумкин нест ва «...одамоне, ки даъвои фарзонагӣ доранд» [71, 117], ҳеҷ гоҳ ҳамнишини онҳо нахоҳад шуд. Карим Девона сари ҷома баргашта, бори дигар ба онҳо таъкид мекунад, ки «Ҷомаатонро худатон пӯшед, ба шумо мезебад. Агар ин ҷомаро ман пӯшида, аз Қарасирт ба Ҷурак равам, халқи қишлоқ ҳама ба ман хандида мегӯянд: «Хар ҳамон хару туқумаш дигар шудааст». Балки ин ҷомаи навро пӯшида, ба хар савор шавам, хар ҳам ор карда, аз ман меранҷад». Карим Девона бо гуфтаҳои охиринаш мартабаи сомеонашро аз хар ҳам пасттар фуровардааст.

Нависанда дар ин ҳолат одамони деҳаро низ ба Карим Девона мухлису ғамхор ва роздору темордор нишон додааст. Ҳар як шишту хез ва шикасту рехти шоирашон аз назари кунҷкови ҳамдиёронаш пинҳон

намемонад. Онҳо байни якдигар баҳс доштанд, ки шоир ҷомаи туҳфашударо мегирифта бошад? Вақте ки шоир бо Муминбою Муҳаммадалии Ашқар мунозира мекард, мухлисонаш низ байни худ баҳс доштанд ва ба ду гурӯҳ аз рӯйи ақида тақсим шуда буданд: гурӯҳе, ки хислатҳои зотии Каримро медонистанд, исрор мекарданд, ки Карим ҷомаро намегирад, вале гурӯҳи дуюм зарбулмасали мардумии «Кафан бепул бошад, мурдан даркор»-ро дастак намуда, бовар доштанд, ки Карим ҷомаи муфт туҳфашударо мегирад. Ба баҳси ҳамдиёронаш худи шоир нуқтаи таммат гузошт: ҳамагон диданд, ки ҷомаи шоир нав нашудааст. Вале шоир туҳфаи деҳқононро мегирад: чор дарза гандуми пешкашшударо ба хараш бор карда, сӯйи деҳаи Ҷурак таноби роҳ мекашад.

Баъди пурсиши нависанда бобои Шукур баъзе асноди шарҳиҳолии Карим Девонаро нақл мекунад. Аз рӯйи гуфтаи ӯ Карим Девонаи 10-12- сола баъди фавти падараш як ҳафта, гоҳо як моҳ нопадид мешудааст, ба деҳаҳои дуру наздик гардиш мекардааст. Пас аз чунин мусофиратҳо оид ба шаҳрҳои Ҳисор, Душанбе, Қаратоғ, Янгибозор ва ғайра ба Шукур барин ҳамсолонаш нақлҳои шавқовар менамудааст. Ҳатто ашхоси мӯйсафеду миёнасол ҳикоятҳои ӯро бо рағбат гӯш мекардаанд, зеро худи онҳо ин шаҳрҳоро надида будаанд. Мувофиқи қавли Шукурбобо айёме, ки Карим Девона муҷаррад будааст, аз Ҷурак баромада, бо гузаштани солҳо ногаҳон рӯ мезанад, вале баъди хонадор шудани ӯ як ҳафта ё як-ду моҳ ғайб зада, боз дар Ҷурак пайдо мешудааст. Ӯ карбосбофӣ карда, ризқу рӯзиашро ёфта, боз ба зодгоҳ бармегаштааст. Аслан Карим Девона карбосбофиро дар Варзоб омӯхта будааст, зеро дар ин макон косибон хеле зиёд будаанд. Ҳатто аз он ҷо як моку низ оварда будааст, ки ба шарофати он баъдан ба одамони дӯкондор қарорӣ шуда, бо ҳамон мокуи худ кор мекард. Бобои Шукур ҳикояти аз музди кораш карбос овардани шоир, аз он як куртаворашро ба писари хурдиаш доданашро нақл намуда,

боқимондаашро барои фурӯхтан ба бозори Шӯриён баровардaнашро таъкид менамояд, ки ин моҷаро барои мову шумо маълум аст. Дар ҳамин ҷо бобои Шукур номи зани Карим Девона – Боғигул, номи писари якумаш – Қурбонмурод ва писари хурдиаш – Муҳаммадиро низ зикр кардааст. Дар иртибот ба номи зани Карим ҳаминро бояд гуфт, ки шоир ин номро дар ягон шеъраш ёд накардааст, вале дар шеъри ба васфи Розия бахшидааш хонандаро муътақид месозад, ки ӯ мафтуни ҳусну ҷамоли Розия аст, аммо Ҳ. Назаров, ки ин шеърро рӯйи даст надошт, дар асараш аз он ёд накардааст. Фақат он шеър дар маҷмӯаи «Сатрҳои оташин», чопи соли 1991 аз номи Зебо Тағоева – модари шодравон Ҳабиб Фақир омадааст:

Ман ба дил иқрор кардам, Розия дар хона буд,
Ҷойи хоби Розия дар ғори кафтархона буд.
Наъли кафшаш як ваҷаб, поҷомааш ҷонона буд,
Мӯйҳои анбаринаш байни ҳар як шона буд.
Дар ҳаққи он Розия Абдукарим девона буд [35, 9].

Моҷарои сабаби навишта шудани шеъри «Шӯриён бозор шуд»-ро бобои Шукур ба нақли Йӯлдошкомандир монанд ҳикоят мекунад, вале мӯйсафед ба суханонаш бештар ҷома мепӯшонад. Фақат дар нақли Шукурбобо фарҷоми воқеа дигархелтар аст. Кӯри Барот баъди шунидани ҳаҷвияи дар ҳаққаш гуфтаи Карим Девона тозон назди шоир омада, «Ман ба ту ҳазл кардам, карбосатро гир, ту бисёр одами хубу Худоҷӯй ҳастӣ, гир карбосатро, гир!» мегӯяд [71,119].

Дар ин қисса маҳорати нависанда дар он зоҳир мегардад, ки на танҳо аз мӯйсафедон – бошандагони деҳаи Меҳнатобод гап мегирад, балки хонандаи синфи 7 – Ҳакимро низ ба сухан медарорад. Ӯ шеърашро дар васфи Карим Девона унвонии «Номи ту» ба самъи ҳозирин мерасонад [71, 121].

Нависанда ҳодисаи маҳбас шудани Карим Девонаро дар фасли зимистон аз номи Холиқназари човандоз меорад, ки дар қиёс бо нақли

қаблан ёдшудаи Йӯлдошкомандир обуранги дигар дошт. Бинобар гуфтаи човандоз баъди ба Ҳисор бурдани шоир халқ аз ин ҳодиса огоҳ шуда, Карим Девонаро озод мекунанд. Гӯё Карим Девонаро барои хондани шеъри «Фалаки ситамгар» («Як муноҷот бишнав аз Девонаи пири Ҳисор, Андалеб гаштам, сухан кардам байни сад ҳазор») бойҳои деҳоти Ҷураку Қарасирт шеъри ғайришаръӣ гуфта, гунаҳгор кардаанд ва камбағалон низ дигар дар ҳимояи ӯ нотавон мондаанд. Бойҳо маслиҳат мекунанд, ки шоирро барои ин «гуноҳаш» ё қатл кунанд ё бадарға намоянд, ба хубӣ аз деҳа баромада равад.

Гӯё Карим Девона аз ин воқеа огоҳ шуда, пеш аз деҳа баромада рафтан шеъри»Номи ту дар гӯр, Ҷурак»-ро суруда, баъдан тарки деҳа мекунад. Шоир дар як байти шеъри мазкур аз мухолифонаш ва ҳодисоти болоӣ ёдовар шудааст:

Мумини қарамашшоқ, усто Шукур сардори ту,
Гап наёфтан, гап зананд,»шаҳри Ҷурак дарбори ту» [35, 51.

Дар ин қисмат нависанда ба хулосае меояд, ки шеърҳои Карим Девонаро сокинони деҳаи Ҷурак, ки ҳамшаҳриёнашу хешовандонаш мебошанд, нисбат ба қарияи Қарасирт, ки ҳамсоядеҳа бошад ҳам, ба ҷуз Ғуломқодир бештар медонанд.

Дар ин қисмат нависанда изҳори хушнудӣ мекунад, ки пагоҳӣ Холиқназари човандоз шеъри «Ранги заъфарон»-ро хоҳад хонд [71, 126].

Нависанда шеърро шарҳ дода, таъкид мекунад, ки он дар хусуси Абдулмаҷид ном ҷавоне гуфта шудааст, ки он аз захми ханҷари золимон ба ҳалокат расидааст. Бо зикри исми Ҳисор хонанда огаҳӣ меёбад, ки ҷавон ба мадрасаи Ҳисор иртибот дорад. Яъне мақтул толибилми мадраса будааст. Кулли ин шеър аз номи ҷавони дар сари чорсӯ захмдоршуда, ки чун оҳуи нимбисмил ба хоку хун ҷӯлида метапид ва бо модари меҳрубону падари ғамхор, хоҳару бародарони темордор, ёру дӯстону мадрасаю ҳамдарсон хайрбод менамуд, садо

медиҳад. Ин лавҳа хеле риққатовар буда, дилхоҳ одам бо шунидани он хеле мутаассир мегардад.

Ҳ. Назаров марсияи «Дар вафоти Абдулмаҷид»-ро ба се қисмат ҷудо кардааст:

1. «Марги ногаҳонӣ», ки ду банди аввали он дар шакли шеърии мухаммас (аааaa; бббба) ва чор мисраи баъдӣ дар шакли дубайтӣ (ааба) эҷод шуда, мисраъҳо бо ҳиҷои кӯтоҳ оғоз меёбанд.
2. «Нолаи модар», ки ин марсия дар шакли мураббаъ (аааа, ббба, ввва, ггга) эҷод шуда, аз даҳ банд фароҳам омадааст.
3. Марсияи «Ранги заъфарон» дар шакли мухаммас (аааaa, бббба, вввва, гггга) эҷод шуда, аз 8 банд фароҳам омадааст, ки аз инҳо банди 8-ум аз як байт (ду мисраъ) иборат буда, ноқис аст. Байти 5-ум бошад, аз чор мисраъ фароҳам омада (дддд), мисраи 5-ум (а) фурӯгузор шудааст. Дар повести Ҳ. Назаров ва маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» чопи 1991 ин марсия танҳо аз се қисмат иборат аст, вале қисмати 4-уми ин марсия бояд мухаммаси «Фалак фарёд дорам...» бошад, зеро он аз номи Абдулмаҷиди шаҳид гуфта шуда, аз чор банд (аааaa, бббба, вввва, гггга) фароҳам омадааст. Ин мухаммасро устод Мирзо Муллоаҳмад дар маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» [25, 807-808] ҷой додааст:

Фалак, фарёд дорам аз ҷафоят, зуд вайрон шав,
Ба дарду меҳнати айём чу ман синабирён шав,
Ба дасти модари гетӣ ту ғарқи обу тӯфон шав,
Гирифтори балои оҳу дарди мустамандон шав,
Ба мавҷи оҳи муштоқон бисӯзу хоки майдон шав.

Баъди навиштани қисматҳои марсияи «Дар вафоти Абдулмаҷид» нависанда хостааст, ки ҳам худаш дам гирад ва ҳам мӯйсафедон Холиқназару Шукурро танаффус диҳад. Ба ин хотир гӯшаки радиоро тоб додааст. Ҳамин вақт яке аз овозхонҳои шаҳри Исфара марсияи «Ранги заъфарон»-ро замзама намуда, адибро ба ҳайрат мегузорад. Ҳ.

Назаров аз он мутаҳайир буд, ки ӯ деҳа ба деҳа шеърҳои шоирро ҷамъ мекунаду онҳо аз карнаи радио садо медиҳанд. Нависанда аз ин тасодуфи баамаломада ба хулосае меояд, ки шеърҳои Карим Девонаро на танҳо ашхоси деҳотӣ, балки мардуми шаҳрнишин низ медонистаанд ва мехондаанд.

Дар фуроварди қисмати 8-ум Ҳ. Назаров аз забони директори мактаб Ҳабиб Фақир мефаҳмад, ки модари ӯ - Зебо Тағоева яке аз донандагони хуби Карим Девона аст. Кампири Зебои 70-сола омада, шеърҳои «Нолаи модар» ва «Ранги заъфарон»-ро, ки дар ҷавониаш шунида будааст, бехато мехонад.

Боби 9-ум, ки таҳти унвони «Бозёфт» дар асар сабт шудааст, аз он сар мешавад, ки ҷозибаи шеъри «Ранги заъфарон»-и Карим Девона нависандаро то ба остонаи кумитаи радиошунавонӣ мебарад ва ӯ насаби сарояндагони исфарагиро мефаҳмад: онҳо Норматов ва Шарифов будаанд. Шоир аз он хушҳол мешавад, ки шеъри Карим Девона аз деҳи кӯҳистони Ҷурак ба парвоз шуда, то шаҳри ободони Исфара низ расида будааст. Нависанда дар ин қисмат ҳамчунин хабар медиҳад, ки шакли мошинанависи шеърҳои Карим Девонаро ба кумитаи радиошунавонӣ бурда месупорад, то ки аз мазмуну муҳтавои ашъори шоир ҳамагон хабардор гарданд.

Ба замми ин нависанда дар ин қисмат мулоқоти дуюми худро ба дӯсташ Саидалӣ Сатторови тӯдаӣ зикр мекунад, ки ӯ адибро суроғ карда, ба хонааш ташриф меорад ва барояш дастовези олиҷаноберо ба ҳайси армуғон пешкаш мекунад. Ин шеъри ишқӣ буда, шоир онро ба маъшуқааш нигаронидааст ва изҳори таассуф мехӯрад, ки бо амри тақдир замонаи дун ҷононаи ӯро парданишин кардааст:

Ду абрӯи хамида чун ҳилолат,
Гирифторам ба он ҳусну ҷамолат.
Намедонам туро, ҷононаи ман,
Дар ин деҳа дурри якдонаи ман.

Куҷою кай бубинам, роз гӯям,
Азизам, дилбарам, бахти накуям.
Замона сад ҳазорон зулм карда,
Ки ман нодору ту дар зери парда.
Магар куфр аст рухи дилдор дидан?
Ва ё бошем ба гуфтугӯ, шинидан?
Бигӯ, эй қозии ислом моро,
Чаро бошад фақат мумкин шуморо? [71, 133].

Мӯйсафеди Сатторов муътақиди он аст, ки ин шеър ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, алайҳи зулм, парданишину беҳуқуқ сохтани бонувон ва таҳти шиканҷаву хушунати хонаводагӣ қарор додани онҳо суруда шудааст. Нависанда бар он аст, ки шоир алайҳи беадолатии замона эътироз баён мекунад («Ки ман нодору ту дар зери парда») ва ба муқобили қозии ислом овозашро баланд менамояд («Бигӯ, эй қозии ислом моро, Чаро бошад фақат мумкин шуморо?»).

Ҳ. Назаров тасдиқ мекунад, ки ин шеър дорои неруи бузурги лирикист. «Ғайр аз ин, - таъкид мекунад нависанда, - аз ин шеър маълум мешавад, ки Карим Девона ба духтаре ҳам дил баста будааст. Ин духтар кист? Саидалӣ Сатторов ба ин савол ҷавоб дода натавонист» [71, 133].

Нависанда дар давоми суҳбаташ аз Сатторов С. оид ба образҳои шӯриши Ҳисор – Расулчағир, Абдулмаҷид, Аҳмадҷон ва Қосимхӯҷа пурсон мешавад. Мӯйсафед ба хотир меорад, ки Расулчағир ин ҳамон Чағатойтӯқсабо аз Кӯктош аст ва қурбошӣ Иброҳимбек писари ӯст. Ҳамон Иброҳимбеке, ки ду бор ба Душанбеву Ҳисор солҳои 1921 ва баъди 10 сол – соли 1931 бо тӯдаи 10-ҳазорнафарааш лашкар кашида, ҳарду дафъа ҳам шикаст хӯрд. Нависанда дар асар кинаю адоват ва нафрати худро нисбат ба ин саркардаи босмачиён баён кардааст, вале чӣ ҷойи тааҷҷуб, таҷовузкори як мамлакат қаҳрамони даврони мулки

дигар аст. Шоири Афғонистон Орифи Чоҳобӣ баъдан оид ба Иброҳимбек достони «Ҷунбиши Лақай»-ро эҷод кардааст! (Ниг.: 58, 333; 21, 117-133). Аммо нависанда баъди суҳбат бо Йӯлдошкомандир ва шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои бойгонии марказӣ мефаҳмад, ки мӯйсафеди Сатторов саҳв карда будааст: Расулчағир ва Чағатой як одам набудаанд ва ба якдигар иртиботе низ надоштаанд.

Дар ин қисмат диққати нависандаро тафсилоти шӯриши Ҳисор ба худ мекашад. Ба ӯ се мулоқот бо ашхоси гуногунсоҳа маълумоти фаровон медиҳанд.

Боқиҷон Саидов – мудири китобхонаи ноҳияи Варзоб оид ба шӯриши Ҳисор мегӯяд, ки шӯриш дар Ҳисор не, балки дар Душанбе соли 1908 ба амал омадааст. Бозор, ки шӯриш дар он ҷо бармехезад, дар майдони Путовский, дар он ҷое, ки бинои нави КМ ҲКТ қомат афрохтааст, ҷойгир шуда буд. Саидов, ки он вақт бачаи 11-12 - сола будааст, шоҳиди калтакҳо дар даст дар соҳили Душанбе доду фарёд ва ҷанг кардани одамон будааст ва баъди оғози тирпарронӣ гурехта рафтааст. Дар бораи Аҳмадҷон низ маълумот дода, мегӯяд, қи аз рӯйи шунидаш Аҳмадҷони қатлшуда аз зиндони амири Бухоро ба Душанбе гурехта омадааст, то ки ба шӯриш роҳбарӣ кунад.

Нависанда аз суҳбати дуюмаш бо ҳамкораш адвокат Каримов огоҳ мешавад, ки ӯ ҳангоми шӯриши Ҳисор 14-сола будааст, вале аз падараш, ки бухороӣ буд, бисёр чизҳоро шунидааст. Қосимхӯҷа, ки дар шеъри «Шӯриши Ҳисор»-и Карим Девона борҳо ёд шудааст, Каримов мегӯяд, ки ӯ аслан бухороист. Аз сабаби хабаркашиаш амир ӯро ҳамчун одами наздики худ ба вазифаи калон таъин кардааст. Табиист, ки маҳз ҳамон Қосимхӯҷа ҳукми амирро дар бораи эъдоми Аҳмадҷон ба иҷро расонидааст.

Нависанда дар мулоқоти сеюмаш бо Аҳрор Ёрмуҳаммадови мусиқачӣ – дӯсти айёми бачагиаш, ки падараш яке аз амалдорони амир буд, оид ба Расулчағир маълумот мегирад. Номбурда янгибозорӣ

буда, дар соҳили дарёи Элок, дар деҳаи Расулӣ мезистааст. Расул одами бадафт ва ниҳоят даҒал будааст. Аспсавориро дӯст медоштааст ва човандози хуб будааст. Номи аслиаш Абдурасул ва мингбошӣ вазифаи ӯ будааст. «Нависанда ба фикрам, саҳван «...ба сабаби кӯр будан ӯро Расулчақир меномиданд» [71,141] гуфтааст,- изҳор доштааст профессор Ҳ.Муродиён,- вале дар асл « чақир» не, «чаҒир» аст, зеро Карим Девона дар шеъри «Шӯриши Ҳисор» Расулро дар баробари «чаҒир», «азрақчашм» низ гуфтааст, ки маънои кабудчашмро дорад. Азрақ-калимаи арабӣ буда, ранги кабуд, нилгун, осмонирангро гӯянд [119, 44]. Мардум одами кабудчашмро наҳ зада, чашмонашро « пайҒамбаркуш» меноманд, ки аз ин миён Расул истисно нест, вале дар шеър Ҳ. Назаров саҳван ба ҷойи «азрақчашм» – «аҷриқчашм» навиштааст. Албатта ин низ бесабаб нест, зеро барои мардуми одӣ калимаи арабии «азрақ» ошно нест, вале алафи хираи «аҷриқ»-ро ҳама хуб медонанд [62, 46].

Карим Девона аз рӯйи нафрате, ки ба Расул дошт, номашро пурра дар шеър нагуфтааст, зеро РасулчаҒир сарфармондеҳи қушунҳои амир зидди шӯришгарон буд. Дар Душанбе тӯдаи ҒоратгаРи Расул рӯзе мардуми беяроқро тирборон низ карда будааст.

Тавре ки нависанда овардааст, вақте ки ӯ мақтаи шеъри «Қатл дар Душанбе»-ро мехонад, («Ҷанги маҒлуба сари бозор шуд, Кӯри Раҳмон муҷиби сангсор шуд») Аҳрор ӯро даррав мешиносад. Мегӯяд, ки аслаш аз Дарвоз асту худаш зодаи Душанбе, андозчини калони бозор буд. Вай бо супориши амир аз бозорҳои Душанбе, Ҳисор, ҚаратоҒ, Регар боҷу хироҷ ҒундошТа, қисмеро ба амири Бухоро мефиристод ва қисмати аъзами онҳоро ба баҒали худ мезад. Аҳрор муътақиди он аст, ки шӯриши Ҳисор дар Душанбе соли 1908 сар зада, баъдан кулли водии Ҳисор-Душанбе, Ҳисор ва Янгибозорро фаро мегирад. Талаби шӯришчиён аз он иборат буд, ки андозчини беинсоф – кӯри Раҳмони хуни мардумхӯрро бикушанд. Дар соли 1925 кӯри

Раҳмон ба тӯдаи босмачиён сардорӣ мекард ва хушбахтона ҳамон сол тӯдаи ӯ торумор гардид ва ба ин муносибат дар бозор митинг барпо гардид. Пас, Карим Девона дар қиссаи «Шӯриши Ҳисор» воқеиятро ба риштаи назм кашида будааст.

Ҳ. Назаров баъдан барои пурра муайян кардани таърихи шӯриши Ҳисор камар мебандад. Диққати ӯро масъалае ҷалб намуда буд, ки чаро шеъри аввали қиссаи «Шӯриши Ҳисор» шеъри «Зилзилаи Қаратоғ» аст, ки 8 октябри соли 1907 дар соати 8 [45] дақиқаи пагоҳӣ ба амал омада, дар якчанд лаҳза шаҳр аз рӯйи замин нопадид гардидааст. Заминҷунбиро дар Ҳисор низ ҳис кардаанд. Мардум сабаби зилзиларо аз ғазаби Худо донистанд. Аз ҳамин сабаб Карим Девона шеъри «Шӯриши Ҳисор»-ро дар иртибот бо шеъри «Зилзилаи Қаратоғ» сурудааст.

Дар охири ин шеър Карим Девона аз табаддулоти азим дар дунё ва дигар шудани замона оммаро ҳушдор дода, онҳоро ба бедорӣ, ҳушёрӣ ва инқилоб даъват намудааст:

Нидои пурсадои дӯстон андар ҷаҳон омад:

«Биё, бедор шав, ки нашъаи дигар замон омад!» [71, 146].

Ниҳоят, нависанда ба хулосае меояд, ки шӯриши Ҳисор солҳои 1907 – 1908 ба амал омада будааст.

Боби 10-уми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» дар китоб бо номи «Шубҳа» омадааст. «Шубҳа» номидани асар аз он сар задааст, ки Аҳрор Ёрмуҳаммадови мусиқачӣ дар атрофи номи Карим Девона баъзе гумону шубҳаҳояшро ироа медорад ва нависандаро дар баҳри хаёлоти ботил ва гумону шубҳаҳои беасос ғарқ месозад. Аҳрор ба нависанда шунидаҳою хотироти айёми ҷавониашро дар бораи Бодомак–қаландар нақл мекунад, ки вай дар деҳоти Ҳисор, Қаратоғ, Душанбе, Ёвон ва Янгибозор ҳам рафта, дар кӯчаю бозорҳои он ҷоҳо гардиш намуда, суруд мехондааст. Ба гуфти мӯйсафедон, - мегӯяд Аҳрор, - шеърҳои мехондагиаш моли шахсии худи ӯ будаанд. Вай ҳам

хар доштааст. Аммо шеърҳои мехондагии вай на ба ҳар кас маъқул мешудааст. Шубҳаи Аҳрор боз дар он буд, ки Бодомак чанд ном доштааст ва эҳтимол яке аз номҳои вай Карим Девона бошад, чунки ба гуфти солмандон вай дар охири баъзе шеърҳояш номи Карим Девонаро низ зикр мекардааст. Ҳамчунин Бодомак ба сар кулоҳи қаландарӣ мегузоштааст ва мисли қаландари ҳақиқӣ ғазалхону ғазалдон будааст. Баъди ин нависанда фавран тарҷеъбанди «Шамси анвар»-ро ба хотир меорад: «Ин Карим Девона дар ишқат қаландар гаштааст».

Нависанда дари ин ҷо ба як саволи худ ҷавоби аҷоиб гардонидааст: чаро одамони босавод ашъори шоирони соҳибдевонро азёд мекунанду дар бораи ашъори Карим Девона чизе намедонанд? Зеро, - ҷавоб медиҳад шоир, - Карим Девона дар миёни одамони одӣ зиндагӣ мекард ва бесавод буд. Бинобар ин шеърҳои ӯро одамони бесавод бештаразёд мекарданд [71, 150]. Шеърҳои Карим Девона бошад, азбаски ба шавқу завқи ҳамзамононаш созгор афтодаанд, дар хотираи таърихии онҳо боқӣ мондаанд ва бо шарофати эшон ба таври шифоҳӣ, гоҳо мукаммалу гоҳо ноқис ва баъзан бо табдил додани баъзе калимаю ибораҳои он (бо пайдо намудани варианти дуюми он) то ба замони мо омада расидаанд.

Кулли тимсолу намодҳои корбасткардаи Карим Девона ба ақидаи Ҳ. Назаров образҳои ба назар намоёни барои инсонҳои одӣ ва хокӣ фаҳмо ва равшан мебошанд. Масалан, «Ҷою макон монанди чуғз дар ҳар дару вайрона шуд» ё «Шӯраҳои ин замин аз ашки резони ман аст» барин суханҳои дилафрӯзро кадом тоҷики одӣ намефаҳмад? Инҳо намодҳои дилнишин ва воқеиеанд, ки як умр дар лавҳи хотири шунавандаи одӣ ҳам нақш мебандад ва маҳз хоси услуби шеъргӯии Карим Девона аст.

Шеъри Карим Девона шеъре нест, ки дар кӯчаю бозор мардуми авом ӯро шунидан нахоҳанд. Шеъри шоир ҳамеша ҳаводорони худро

дошт, ки онҳо аҳли заҳмат буданд, зеро Карим Девона дарди воқеии онҳоро ба риштаи назм мекашид. Масалан, вай образи амалдореро тасвир мекунад, ки охирин дороияш, нони даҳони фарзандонаш – порчаи карбосеро аз дасти ӯ кашида гирифтааст ва ин манзара чун навори кино дар хотири одамони одӣ нақш мебандад. Паҳнкунандаи асосии шеърҳояш худи Карим Девона буд, ки онҳоро дар байни ҳамзамононаш мехонд, вале имрӯз дар қайди ҳаёт нест. Баъдан Ғуломқодир барин овозхонҳо мебошанд, ки бо шарофати истеъдоди онҳо шеъри шоир аз дил ба дил роҳ меёбад.

Нависанда дар ин ҷо се хусусияти эҷодиёти Карим Девонаро нишон додааст:

1. Мушаххас ва ҳаётӣ будани намодҳо. Карим Девона шакли муайяни касеро тасвир мекунад, ки дар як маврид он Абдулмуминбой буда, дар мавриди дигар Муҳаммадалии Ашқар ё Раҳимсудхӯр ва ғайра аст. Намодҳо ҳам ниҳоят аниқ ва ҳаётианд.

2. Рӯҳи мавзӯъ ва рӯҳи шеърҳо ба рӯҳияи эшон созгор буданд. Салтанати амир ба ҳалокат расида буд. Рӯҳияи инқилобӣ ҳамватанонро фарогир шуда буд. Дар ҳамон шароит шеърҳои Карим Девона норозигии халқро ифода мекарданд.

3. Равону дилкаш будани шаклу вазн ва қофиябандии ашъори шоир, ки ба зудӣ дар ёди кас нақш мебанданд.

Бинобар ин Карим Девона мефаҳмид, ки шеърҳояшро барои кӣ мегӯяд. Ӯ, пеш аз ҳама, шеърҳояшро барои одамони бесавод мегуфт, то ки ба фаҳмашон наздик бошад ва аз хотироташон зудуда нагардад. Дар шеъри Карим Девона шеър дар мавзӯи айшу ишрат мушоҳида намешавад, зеро ӯ шеърашро барои муборизa гуфтааст ва номи шоир оромиро ба шӯриш бадал месохт [71, 152].

«Афсӯс, ки олимони мо то ин дам Карим Девонаро нашинохтаанд» [71,52] гуфтани Аҳрор ва фикри ӯро тасдиқ намудани Ҳ. Назаров як навъ пешгӯиест, ки аз тақдири ояндаи гӯяндаи сатрҳои оташин моро

ҳушдор медиҳад. Аз рӯйи гуфтаи Аҳрор амал намуда, баъдан нависандаро мо дар Ёвон мебинем, ки ӯ ба суроғи Қодирҷӯгӣ рӯ ба ин ҷо овардааст. Қодирҷӯгӣ баъди бо дутор хондани шеърҳои «Зилзилаи Қаратоғ» ва «Ранги заъфарон» хабар медиҳад, ки ӯ се Бодомакро медонад. Ҳамчунин меафзояд, ки Бодомак шахсеро мегӯянд, ки овозаш чун равғани бодом фораму мулоим аст. Ӯ аввал дар бораи Набӣ Сайёд нақл мекунад, ки кӯҳ ба кӯҳ гашта, кабк сайд мекардааст ва бодом мечидааст. Сокинони деҳа ӯро барои он Бодомак мегуфтаанд, ки вай ғазалхони хушовоз будааст. Дар як лаҳза судя Назиров Бодомаки хурдиро ҳозир месозад.

Нависанда баъди суҳбат бо Бодомак огаҳӣ меёбад, ки ӯ шеърҳои Карим Девонаро, ки ба вай онҳоро пири қаландарон – Хол Қаландар ёд додааст, медонад, вале аз заъфи пирӣ хотирааш низ суст шудааст ва баъзе шеърҳои Карим Девонаро фаромӯш кардааст. Ҳатто ёд дорад, ки Карим Девона ном шоире будааст.

Барои нависанда қаландари Бодомак шеърҳои «Тӯйи калон дар Ҷӯрак», «Бозор дар Шӯриён» ва як дубайтиву як рубоии барои шоир ношинос (Шамолак мевазад бо барги гандум...; Эй очаи ҷон, лаб-лаби дарё шавӣ-чӣ?..)-ро мехонад [71, 156].

Баъдан мо нависандаро мебинем, ки ҷониби ноҳияи Куйбишев (ҳоло Абдурраҳмони Ҷомӣ) бо азми дидани писарамакҳои Карим Девона– Ашӯралӣ, Файзалӣ ва Рачабалӣ Юсуфов роҳ мепаймояд. Баъди мулоқот бо бародарон, расонидани саломи бародарашон Назар Юсуфов аз деҳаи Косабулоқ ва нақл оид ба кӯҳи Гилемтош ва майдони Газнор инони суханро нависанда ҷониби писарамаки шодравонашон Карим Девона тоб медиҳад. Тибқи тафсилоти нависанда бобои Ашӯралӣ ба гап даромада, аввал аз далерию ғаюрии шоир лаб мекушояд, аз амалдорону муллоҳо сари тарсу ҳарос надоштанашро таъкид менамояд ва шунавандаро огоҳ месозад, ки шеърҳои ӯро ҳамаи истиқомат- кунандагони водии Ғозималик медонистанд. Ӯ бесавод,

вале шоири барҷаста будани Каримро таъйид мекунад. Истеъдоди фавқулода доштани Карим, вале камбағалона зистани шоирро Ашӯралибобо тасдиқ менамояд.

Ашӯралӣ маълумотеро оид ба Карим Девона арза медорад, ки онҳо ба асноди шарҳиҳолии дар деҳаи Меҳнатобод гуфтаи хешовандони шоир пурра мувофиқат мекарданд. Дар бораи дар айёми тифлӣ аз сар рафтани модараш, дар синни қариб 10-солагӣ аз падар низ маҳрум шуданашро хабар медиҳад. Вале асноди охирон зикркардаи ӯ бо маълумоти овардаи Меҳнатободиҳо то андозае созгор нест. Онҳо гуфта буданд, ки баъди вафоти падараш Карим қариб се сол деҳаро тарк намуда, пасон касби бофандагиро омӯхта бармегардад, аммо бобои Ашӯралӣ муътақиди он аст, ки Карим пас аз вафоти падараш танҳо баъди 15 сол ба деҳа бармегардад, ки шоири баркамол шуда буд [71, 158], яъне Карим дар даҳсолагиаш деҳаро тарк гуфта, танҳо баъди 25-солагиаш дувумбора ба деҳа ташриф меорад.

Идомаи нақли мӯйсафед чун суханҳои бошандагони Меҳнатобод садо додааст, зеро ба гуфти вай Карим дар шаҳрҳои Ҳисор, Душанбе, Қаратоғ, Регар зиста, дар он ҷойҳо касби бофандагиро омӯхтааст ва ёд гирифтааст. «Вай дар бораи ин шаҳрҳо, амалдорон, зиндонҳо, ки камбағалон бештар барои надодани андозу боҷу хироҷи амир гирифтори онҳо мешуданд, ба мо ҳикоят мекард, - мегӯяд мӯйсафед. – Вай бозорҳои ифлоси пур аз гарду чанг, савдогарон, ширавфурӯшҳое, ки мураббою нишоллои гарду ғубор пахшкардаро мефурӯхтанд, ҳиллаю найрангҳои даллолони бозор, аминоначинону миршабон, одамони камбағал, ки дар харобаҳо зиндагӣ ба сар бурда, чеҳраашон аз гуруснагӣ зард буд, аз ҳаёти боёне, ки шабурӯз машғули базму зиёфат буданд, ба мо нақл мекарду мо бо диққати тамом суханҳои ӯро гӯш мекардем» [71, 158-159].

Ба гуфти мӯйсафеди амакбачааш Карим Девона овози баланди ҷарангосӣ дошта, бештар табақчаи сафолиро ба даст гирифта, суруд мехондааст. Ба қавли Ашӯралӣ боре ӯ гуфта будааст, ки ҳамаи ин муллоҳоро, ки худро олиму худоҷӯ меноманд, ба гулхан партофта, сӯхтан даркор. Онҳо фиребгару қаллоб мебошанд, халқро бо ҳар хел сеҳру ҷоду фиреб медиҳанд, ба ҷойи дору тӯморҳо дода, пулу моли мардумро мегиранд. «Магар пораи коғазро бо сиёҳии чароғ олуда кардан дору буда, сабаби шифои бемор мегардад?» [71, 159] – мегӯяд мӯйсафед ва баъдан шеъри маълуму машҳуридар ин бора гуфтаи шоир-»Ҳар кас агар бемор шавад, Доруи ӯ тӯмор шавад»-ро мехонад [71, 159].

Баъдан, бобои Ашӯралӣ аз муошиқати Карим лаб мекушояд. Шоир вақтҳои дар Қаратоғ ба ҳайси бофанда кор кардан ба духтари бое ошиқи зор мешавад, вале азбаски дасташ ба гиребони орзу намерасидааст, дар ин бора ба лаб муҳри хомӯшӣ заданро авлотар медонад. Шоир дар ин бора ҳамеша хеле маъюсона ва ноумед гап мезадааст, зеро дере нагузашта маъшуқаи ӯ вафот мекунад ва ӯ дигар истиқомат дар Қаратоғро барои худ ҳаром меҳисобад ва аз он макон фирор мекунад. Ба гуфти мӯйсафед шеърҳои ишқии Карим Девона дар ҳаққи он маҳбубааш гуфта шудааст, ки баъзан дар зери дарахти тут нишаста, бо овози дилнишини худ оҳ кашида, ӯро ба ёд меовардааст:

Шӯри ишқат бар сарам савдои маҳшар гаштааст,

Ин Карим Девона дар ишқат қаландар гаштааст [71, 160].

Ҳамчунин мӯйсафед пораи дигари шеъри ишқии Карим Девонаро, ки бо мисраи «*Ду абруи хамида чун ҳилолат...*» шурӯъ мешавад, қироат мекунад [71, 160].

Ба фикри устод Муродиён мӯйсафед дар ин ҷо дар бораи ишқи аввали Карим Девона, ки ном шудааст ё тавре ки мегӯянд, «Ишқи аввал-ғӯраи сармозада» сухан рондааст, зеро дар шеъри «Дар васфи Розия», ки онро момаи Зебо баъди сипарӣ шудани муддати мадиде,

ифшо намуда, ба ҳаводорони шоир эҳдо намудааст, исми маъшуқаи шоир аниқ аст: Розия ном дорад, вале ба фикри мо Розия он маъшуқаи қаратоғии Карим Девона нест. Охир, ҷойи хоби бойдухтар ҳеҷ гоҳ ғори кафтархона буда наметавонад ва ҳамчунин шоир ба суроғи Розия нотарсона то ба манзили онҳо низ қадам ниҳодааст. «Ман ба дил иқрор кардам, Розия дар хона буд» [35, 9; 62,160].

Бобои Ашӯралӣ ба саволи нависанда дар бораи он ки Карим Девона шеърҳои Ҳофизу Навоиро чӣ гуна азбар кардааст, посух мегӯяд, ки камоли ҳамнишинӣ бо мулло Абдурасул, ки аввал дар Қубодиён ва баъдан дар Ҳисор сукунат дошт, ба Карим Девона низ асар намудааст, зеро мавсуф ба хонаи ин донишманди закӣ рафтуомади наздик доштааст. Ҳатто ба қавли мӯйсафед боре мулло Абдурасул шоирро аз куштан низ халос карда будааст.

Мӯйсафед дар ҷавоби пурсиши нависанда соли фавти Карим Девонаро соли асп нишон медиҳад. Нависанда ба хулосае меояд, ки шоир соли 1877 ё 1878 таваллуд шуда, соли 1918 дунёи фониро падруд гуфтааст. Тавассути Вазорати тандурустӣ сабаби бемории ӯро низ аниқ мекунад: солҳои 1917-1918 дар водии Ғозималику Боботоғ вабои калоне зуҳур мекунад, ки дар қатори ҳазорҳо одамон ин сели бало ҷони Карим Девонаро низ мерабояд. Дар фуроварди нақлаш Ашӯралӣбобо таъкид мекунад, ки дар Ёвон камтар, вале дар Ҳисор, Ғозималику Қубодиён ҳамагон Карим Девонаро медонанд. Баъдан аз мӯйсафеди Ҳамид ном мебарад ва таъкид мекунад, ки донандаи хуби ашъори Карим Девона аст.

Дар боби 11-ум, ки «Дар Ҳисори куҳна» ном дорад, аз унвонаш бармеояд, ки ин дафъа нависанда қаду бари Ҳисори куҳнаро қадам зада, аз Карим Девона ва алоқамандони ӯ нишон меҷӯяд. Нависанда ба Ҳисори куҳна омада, дар таги чинори калони чойхона нишаста, бо солмандон чой менӯшад ва гузаштаву имрӯзаи Ҳисор, хоса Ҳисори навро пеши назар меорад. Нависанда воқеаҳои айёмеро ба хотир

меорад, ки бачаи 12-сола буд ва аз деҳаи Чинор омада, вориди бозори Ҳисор мегардад ва шоҳиди ҷазодиҳии деҳқони камбағале мегардад, ки ба сабаби камбизоатӣ андозро супурда наметавонад. Нависанда ба хотир меорад, ки шахси нимбараҳнаи ҷомадаридаи асобадасте дар ҳамин асно сафи одамонро ба ду тараф чок карда, ба пеш ҳаракат менамояд. Ҳоло Карим Девона будани он шахсро тахмин мекунад. Нависанда аз одамон мефаҳмад, ки дар хоҷагии ба номи Карл Маркси Ҳисор бародари зани Карим Девона Раҳмон Бобоназаров истиқомат менамудааст. Суханҳои Йӯлдошкомандирро ба ёд меорад, ки гуфта буд, додарарӯси Карим Девона аз деҳаи Хоҷазикриё аст.

Нависанда дар чойхона нишаста, бо акаи Абдулмумини 57-сола, сокини деҳаи Шӯриён, ки Карим Девона ва ҳатто кӯри Баротро хуб медонист, мусоҳиб мегардад. Ҳамин вақт зани қаратоғие, ки суҳбати онҳоро мешунид, ба сухан меояд. Ӯ арза медорад, ки Карим Девона дар назди бобои ӯ бофандагӣ мекардааст. Вай дастгоҳи шахсӣ надоштааст, танҳо бо худ як моку гирифта мегаштааст. Бобои ӯ ду соати тамом ба рафти кори шоир наззора намуда, аз сифати кори вай хеле қаноатманд гардидааст. Бинобар ин бо ӯ шартнома бастааст. Аз ин рӯ, Карим Девона якчанд моҳ дар хонаи онҳо зиндагонӣ кардааст. Баъд ин зан якчанд шеъри ба ёдаш омадаи Карим Девонаро хонда медиҳад [71, 166].

Баъдан ба суҳбат кампири Бибикалон ворид гардида, маълум месозад, ки Карим Девона дар деҳаи онҳо, дар хонаи Бобоназари ҳамсояашон бофандагӣ мекардааст ва дар ҳолатҳои дамгирӣ ғазалхонӣ менамудааст. Кампири Бибикалон симои зоҳирии шоирро кашида, ӯро одами майдахели зардинаи риши дарози зарддошта тасвир менамояд. Ҳамчунин чун дигарон як хару саг ва зану ду писар доштанашро тасдиқ мекунад. Исми занашро Боғигул ном бурда, хотиррасон менамояд, ки ӯ духтари Бобоназар ва дугонаи айёми ҷавониаш будааст. Писаронаш Қурбонмурод ва Муҳаммадӣ ном доштаанд. Зан хислатҳои суҳбаторо

будани Карим Девонаро таъкид намуда, хотиррасон менамояд, ки онҳо аз ӯ рӯй панаҳ намекардаанд, ӯ шеър мехондаасту онҳо гӯш менамудаанд, яъне хулосаи каломи кампир аз он иборат буд, ки ӯ аз ҷавонӣ мухлиси шеъри Карим будааст. Кампир оид ба фарҷоми рӯзгори нобасомони шоир низ маълумотҳои муфид медиҳад. Бинобар гуфтаи ӯ баъди вафоти Карим занаш Боғигул ба ҳавлии падараш Бобоназар (ҳамроҳи писари калониаш) бармегардад. Аввал, дар деҳаи Боғак, баъдан, дар деҳаи Оқулӣ (мавзее, ки онҳо суҳбат меороянд)зиндагонӣ мекардааст. Аммо кампир оид ба писари хурдии шоир – Муҳаммадӣ маълумоти аниқ надоштааст, ки ҳамон вақтҳо ӯ дар қайди ҳаёт буд ё не, вале оид ба писари калонии Карим–Қурбонмурод аниқ медонистааст, ки баъди фавти модараш ба куҷое барои дарёфти қути лоямут азми сафар карда будааст. Кампир ба пурсиши нависанда соли вафоти Боғигули завҷаи Карим Девонаро соли мурғ ё саг мегӯяд, ки саволдиҳанда тибқи тақвими дар дасташбуда соли мурғро 1920 ва соли сагро 1922 таъйид менамояд. Кампир оид ба вафот кардани Бобоназар – падарарӯси Карим Девона ва дар бригадаи чоруми хоҷагии ба номи Калинин кор кардани писари Бобоназар–Раҳмон низ хабар медиҳад.

Баъдан нависанда Раҳмони Бобоназарро меёбад, вале афсӯс мехӯрад, ки аз Қурбонмурод – писари Карим Девона на пай меёбаду на ҳайдар. Раҳмон тасдиқ мекунад, ки ӯ ду хоҳарзода дошт ва Карим Девона хоҳаршӯяш (язнааш) мешуд. Ӯ мегӯяд, ки Карим Девона дар деҳаи онҳо - Хоҷазикриё умр ба сар бурда, дар назди косибони гуногун карбосбофӣ мекардааст. Раҳмон гуфтаҳояшро мушаххастар намуда, мегӯяд, ки баъди ду соли заминҷунбии Қаратоғ, соли 1909 ё 1910 Карим Девона ба хоҳари Раҳмон– Боғигул хонадор шуда, ӯро ба Ҷурак гирифта мебарад ва пас аз фавти шавҳар Боғигул бо ду писараш ночор ба хонаи падараш бармегардад ва баъд аз се сол дар соли 1922 вафот мекунад, ки ҳамон овон Қурбонмурод -11 ва Муҳаммадӣ – 4 ё 5 сол

доштаанд. Баъдан аз деҳаи Ҷурак хеши Карим Девона омада, бачаҳои ӯро бо худ мебарад, зеро мувофиқи шариат низ дар ин ҳолатҳо фарзандон ба хеши падарӣ (амакҳо) бояд зиндагӣ намоянд. Мумкин бобою тағои Қурбонмуроду Муҳаммадӣ аз фармудаҳои шариат пой берун намонда, ҷигарбандони духтарашон (хоҳарашон) – Боғигулро ба пирмуродашон бахшидаанд. Аз дигар тараф, тавре ки Раҳмон низ ба ин иқрор шудааст, онҳоро фақр ба ин амал тела додааст. Раҳмон изҳор медорад, ки дар куҷо будани онҳоро намедонад, вале шунидааст, ки хешовандони Карим Девона пайвандони ӯро баъдан ба хонаи бачагон супурдаанд. Нависанда аз ин тавр сурат гирифтани кор мутаассир мешавад, вале шуълаи умеди охирин низ дар қалбаш ҳанӯз хомӯш намешавад. Фикр мекунад, ки дар ягон ҷойи ин водӣ Қурбонмурод Каримови 47 - сола ва Муҳаммадӣ Каримови 39-сола машғули меҳнати муфиди ҷамъиятианд.

Нависанда баъди бозгашт ба пойтахт оид ба ҷустуҷӯи Карим Девона мақолаи хурде навишта, дар он муҳтавои суҳбати худро бо Раҳмони Бобоназар низ зикр менамояд. Ин мақола дар ҳамаи нашрияҳои ҷумҳуриявӣ ҳамон вақт чоп мешавад ва бисёри рӯзномаҳои ноҳиявӣ низ нусхабардорӣ намуда, онро бознашр менамоянд. Ҳамчунин дар охири мақола нависанда суроғаашро зикр намуда, аз ҳамаи сокинони ҷумҳурӣ хоҳиш мекунад, ки агар оид ба пайвандони Карим Девона чизе донанд, ба нависанда хабар диҳанд. Мардум дар мақолаҳояшон иқдоми нависандаро гарму ҷӯшон истиқбол мегирифтанд, оид ба шоири халқ маълумот медоданд, вале дар аксарияти мактубҳои бо суроғаи нависанда ирсолшуда хабари тоза ба мушоҳида намерасид.

Нависанда дар яке аз рӯзҳо бо даъвати раиси колхози ба номи Карл Маркси ноҳияи Ҳисор Ҳомидов бо 7-8 мӯйсафеди солманд суҳбат меорояд. Инҳо шахсоне буданд, ки шоирро дида буданд, шеърҳояшро дар кӯчаю бозор мешуниданд, вале азёд намедонистанд. Аз байни онҳо

Муллобобо гувоҳӣ медиҳад, ки Карим Девона ба назди падари кабобпаз ва карбосбофаш мунтазам меомад. Нависанда дар ин ҷо шарҳ додааст, ки дӯстони шоир фақат дар бозор омада, шеърҳояшро мешунидаанд ва шоир маҳз дар ҳамин ҷо ёру ошноҳои нав пайдо мекардааст, одамон бо ӯ ба як бор дидан шинос ва бо ду бор дидан ошною дӯст мешудаанд.

Ба суҳбат бобои Ҳамроқул ҳамроҳ шуда, таъкид мекунад, ки он вақтҳо каси Карим Девонаро намедонистагӣ набуд. Мӯйсафед баъдан қиёфаи шоирро тасвир мекунад.»Вай, - мегӯяд Ҳамроқулбобо, - риши зард дошт ва ҷома пӯшида мегашт. Дар бари рӯйи рости ӯ холе намудор шуда меистод». Ҳамчунин мӯйсафед ошкор месозад, ки ӯ бо Карим Девона дӯстӣ пайдо карда, вайро бо нони гарм зиёфат мекардааст (71, 170). Мӯйсафед ҳамчунин хислатҳои шоирро тавсиф намуда истода, одами боақл, боэҳтиром ва меҳрубон будани Карим Девонаро махсус гӯшзад менамояд.

Пасон Ҳамроқулбобо ҳолати Карим Девонаро тасвир мекунад, ки ба девори дӯкони шоҳиворфурӯшӣ такя карда, дузону менишаст, чунки ин ҷо нишастгоҳи муқаррарии ӯ будааст. Вай хаёлаш ба чизе банд будааст, ки чашмаш ба кӯчаву вале чизеро намедидааст. Роҳгузарон ва гӯшанишинон ӯро наззора карда, аз ғарқи хаёлот будани ӯ пай бурда буданд, ки Девонаро тахайюлоти шоирона фаро гирифтааст.

Мӯйсафед нақлашро идома дода, оид ба шеърҳои нишонрасаш шармандаву шармсор кардани ду нафар бойи номдор – Муллобобо ва рафиқи ӯ ҳикоят менамояд [71, 170], ки Карим Девона бо чор байти масхараомез онҳоро шармандаву гурезон месозад. Аммо дар ҳаққи Карим Девона чораи ҷавобӣ андешидани бойҳо ба мақоли мардумии «Бо кӯдак накун бозӣ, худро шарманда созӣ» шабоҳат дошт.

Бобои Ҳамроқул иқрор мешавад, ки Ҳомиди падари раиси хоҷагӣ дар хусуси Карим Девона бештар медонад. Вақте ки нависанда дар

ҳузури Ҳомид-бобо менишинад, мусоҳибаш суханашро аввал аз вазъи Ҳисор ва бозори калони назди Қалъа дар солҳои 10-уми садаи 20 ҳусни оғоз мебахшад. Ӯ лангари суханро дароз партофта, баъдан дар атрофи он оҳиста-оҳиста чарх зада, тадриҷан ба меҳвари он наздик шудан мегирад. Баъди тасвири чойхонаҳо, дӯконҳои фурӯши нон, қассобӣ, чарчинфурӯшӣ диққати нависандаро ҷониби дӯкони савдогари калони воқеъ дар назди мадрасаи нав, ки ба фурӯши асбобу анҷоми рӯзгори хона ва кордҳои машҳури ҳисорӣ овозадор буд, ҷалб менамояд. Аз афташ мӯйсафед аз ин муқаддимаи муфассал дилгир шудани нависандаро пай мебарад, ки ба хондани шеъри машҳури Карим Девона «Ба ранги заъфарони ман расид чангу ғубор имрӯз» ([71, 172] шурӯъ менамояд ва баъдан сомеонашро ба шунидани сарнавишти талхи толибилми берӯзӣ – Абдулмаҷиди шаҳид омода месозад [71, 174-175].

Ҳамон рӯз Карим Девона сари беҷони ҷавони бегуноҳро бардошта, навҳа мебардоштааст ва бар вафоти ӯ марсияи босӯзу гудози «Чӣ рӯз аст, эй бародарҳо, чӣ шуд оқибати корам»-ро месарояд [71, 176].

Ба гунае ки Ҳомидбобо нақл мекунад, даҳҳо ва садҳо савораҳо ба водиҳои Ғозималику Боботоғ, ба Кӯлобу Рашт рафта, хабари марги муфоҷои Абдулмаҷиди бегуноҳ ва амали нангини беки Ҳисор ва гумоштагони ӯро ба мардум мерасониданд ва ҳатман марсияҳои Карим Девонаро дар бораи Абдулмаҷид дар миёни омма азёд мегуфтанд.

Ҳангоми бурдани тобути Абдулмаҷиди ҷавонмарг тамоми мардуми Ҳисор аз паси вай мерафт. Дар паҳлуи волидони Абдулмаҷид Карим Девона пойлуч қадам ниҳода, нолакунон марсияхонӣ мекардааст. Дар сафи пеши мардум парчами сафед, ки рамзи марги бегуноҳӣ буд, ҷилва мекард. Суханони Карим Девона дар миёни издиҳом мисли марш ё

нақароти шеър такрор ба такрор садо медод, ки саршор аз дарду алам, кинаву адоват, ҳисси интиқом ва иттиҳод буданд.

Шӯриши Ҳисор якчанд рӯз идома меёбад, вале ин рӯзҳо посбонони беки Ҳисор дар кӯчаҳо пайдо намешаванд. Мегӯянд, ки кӯри Раҳмон дар зери роҳбарии сарбозон шабона аз қалъа гурехта, ба Душанбе рафтааст ва ӯро халқ дар он ҷо ёфта, мурданивор сангсор кардаанд. Дар Янгибозор ва деҳоти дигар низ амалдорони амирро мардум дошта, мурданивор мекӯбанд.

Тавре ки маълум аст, ҳукуматдорон барои дар Душанбе тарсонидани чашми мардум қатли Аҳмадҷони Бухороиро ташкил карда буданд, вале халқ аз чизе ҳарос надошт. Аз як тараф, зилзилаи Қаратоғ, аз тарафи дигар, марги бегуноҳи Абдулмаҷид косаи сабри мардумро лабрез карда буд.

Нависанда дар охир соли қатли Абдулмаҷидро мепурсад. Ҳомидбобо онро дар соли маймун – 1908 нишон медиҳад. Нависанда дар охири ин қисмат Карим Девонаро «ҷорчии халқ» меномад.

Боби 12-ум «Алоқа» номида шуда, дар ин боб нависанда тибқи тавсияи Ҳомидбобо бо Муллоҷӯра – донишманди бомаърифату доно, донандаи хуби адабиёти классикӣ робита барқарор менамояд. Ин солманди рӯзгордида таърихи Ҳисор ва ашхоси баруманди онро хеле хуб медонист. Нависанда Муллоҷӯраро чун мусоҳиби хеле хуб ва бо вуҷуди пириаш шахси закиву доно дармеёбад. Ӯ Карим Девонаро хуб мешинохтааст. Вай мегӯяд, ки борҳо шунидааст, ки бек ва амалдоронаш ӯро бо ҳамин тахаллус номбар мекардаанд ва воқеан ӯро девона медонистаанд. Ба гуфтаи Муллохӯҷа «Аҳмақ, кӯча ба кӯча бо сару пойи бараҳна гашта, худро шоир номида, термаҳо хонда, одамони обрӯйнокро масхара мекунад, - мегӯяд рӯзе бек. – Агар тезтар мемурд, аз ин девонаи лаънатӣ халос мешудам!» [71, 180].

Мувофиқи гуфтаи Муллоҷӯра бойҳову амалдорон Карим Девонаро бисёр бад медидаанд, вале нафрати шоир алайҳи ин гурӯҳ

зиёдтар будааст. Муллоҷӯра ба нависанда хабар медиҳад, ки баъди мулло Абдурасул ӯ ягона одаме будааст, ки ба Карим Девона китобҳои бузургонро мехонондааст. Вақте ки ӯ дар бораи достони «Лайлӣ ва Маҷнун» нақл мекардааст, Карим Девона фавран ҳар як байту калимаи онро азёд мекардааст. Муллоҷӯра шеърҳои Карим Девонаро дар суҳбатҳо ва дар сари бозор борҳо шунидааст.

Нависанда дар суҳбат бо Муллоҷӯра аз Абдурасул пурсон мешавад. Мавсуф ба ӯ дар бораи Абдурасул – сокини ноҳияи Кӯбодиён ва фориғуттаҳсили мадрасаи Говкушон, шиносоии номбурда бо шоири машҳур Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳангоми толибилм буданаш ҳикоят мекунад.

Ҳамчунин Муллоҷӯра дар бораи аз тарафи амир Олимхон ҳокими Кӯбодиён таъйин шудани Мирзо Саҳбо ва ӯро ғайридин ҳисобида, ваҳшиёна ба қатл расонидани амир дар соли 1918 хеле мутаассир нақл мекунад [71, 181].

Мулло Абдурасул ҳомии камбағалон ва донандаи хуби қонунҳои шариат буд. Ӯ ҷони садҳо бечорагонро аз дасти қозиҳои ҷоҳил раҳонида будааст. Бинобар ин халқ ӯро дӯст медоштааст. Ба гуфти Муллоҷӯра баъди ба Кӯбодиён ба ҳайси ҳоким омадани Саҳбо Абдурасул низ дар зодгоҳаш ба таврӣ доимӣ зиндагӣ ихтиёр мекунад, зеро ин ду кас дӯсти қарин буда, яке бе дигаре зиндагӣ карда наметавонанд. Инҳо ба гуфти халқ яке ҳоким ва дигаре рӯҳонӣ бошад ҳам, ҳардуяш низ шоир ва қадрдони назм будаанд. Бинобар ин халқ онҳоро дӯст медоштааст [71, 181]. Аммо душманонашон ба амири Бухоро дар бораи Абдурасул бадгӯӣ мекунанд, ӯро иғвогар, муқобили аморат, инқилобчӣ ва ҷадид номида, аз Кӯбодиён назарбанд намуда, ба Ҳисор меоранд, то ки ду озодфикр – Саҳбо ва Абдурасул аз ҳамдигар дур бошанд. Абдурасул дар масҷиди сангини Ҳисор таҳти наззораи одамони амир ба сар мебурд. Карим Девона ҳанӯз дар Кӯбодиён бо Абдурасул робита дошт ва эҳтимол бо Саҳбо низ мулоқот ороста

бошад. Баъди ба Ҳисор овардани Абдурасул Карим Девона мунтазам аз файзи суҳбати ин донишманди мумтоз баҳраманд мешудааст ва табаддулоти фикрии шоир низ мумкин аз ҳамин сабаб рух дода бошад. Абдурасул аксари шеърҳои Карим Девонаро азёд медонистааст. Ба қавли нависанда Абдурасул намояндаи он зиёиёни маърифатпарваре буд, ки изҳор менамуд: Дар ин разолату зулм дигар зиндагӣ кардан мумкин нест» [71, 182].

Боби 13-умро Ҳабибулло Назаров «Дувоздаҳ шарт» ном гузоштааст. Ин боб бо он оғоз меёбад, ки дӯсти нависанда Нур Сафаров ӯро ба хонааш даъват мекунад, то ки бо мӯйсафеди Ислом мавсуфро шиносонад. Бобои Ислом вақте ки шеърҳои Карим Девона ва мақолаи Ҳ. Назаровро дар ин хусус мехонад, мехоҳад, ӯ низ таассуроташро дар хусуси Карим, ки дӯсти қарини падараш буд, ироа намояд. Мӯйсафед дуторро ба даст гирифта, сараввал ду шеъри шоир –«Заҳри ситам» ва «Моҷарои пиру мурид»-ро хонда медиҳад. Муҳтавои шеъри дувум аз он иборат аст, ки мурид бояд ҳамеша ба пири рӯҳонии худ итоат намуда, аз хатти маши вай берун по наниҳад,аммо муриди мавриди назар пирро ба ҳадде мезанад, ки шайх хаммаи ордро меолонад [71,183-184].

Баъдан мӯйсафед ба нависанда дувоздаҳ шарти Карим Девонаро нақл мекунад. Бинобар гуфтаи мӯйсафед дар тирамоҳ вақте ки марди деҳқон ғалберро аз об мебардорад, «шикорчиёни» амирӣ-раис (назоратчии қонунҳои шариат), қозию амлокдору дорға ва дигар «каллахӯрон», аз пайи онҳо савдогарони хунхӯр дар пайи ба даст овардани «гӯсфандҳои фарбеҳ» афтода, ҷониби деҳот ғел мехӯрданд ва дар масҷидҳо «қуш» мепартофтанд.

Раис мулло Ғайрулло ва қозӣ мулло Тош рӯзе бо «сагбачаҳои худ» ба Ҷурак меоянд ва дар масҷид ягон 12 нафарро ҷамъ меоваранд, ки дар байнашон Карим Девона ҳам будааст. Карим Девона ҳолати онлаҳзаинаи мулло Ғайруллоро мушоҳида менамуд. Вақте ки раис

мулло Ғайрулло дар тӯли пурсиш ба зери забонаш нос партофта, онро ба рӯи саҳни масҷид туф мекунад, он ба Карим Девона бетаъсир намемонад ва ӯ байти зеринро мегӯяд: «Туф–туфи нос дар меҳров, – Рих мезанад хару гов». Ин байтро шунида, қозӣ мулло Тош ба ҳимояи раис бармехезад, шоирро кофири лаънатӣ, бедин меномад ва носазо мегӯяд: «Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки раисро таҳқир кунӣ?» - мепурсад Тош аз шоир. Карим Девона дар ҷавоб мегӯяд, «Инро бар он барзагове гуфтам, ки оғилро ифлос мекунад» [71, 180].

Шоир ба ин низ қаноат накарда, барои қозӣ Тош низ чун барги сабз шеъре туҳфа мекунад:

Қозии шаръи шариф бошад мулло Тоши лаин,

Ду мулозим пеш – пеш сагҳои чаққонша бубин [71,1978, 186].

Қозӣ ва раис ба ғазаб омада, «Кофири лаънатӣ! Ба дор овезед, кофирро! Сангсор кунед ӯро!» - гӯён фарёд мезаданд, вале аз доду вой овози он «сагҳо» мегирад, аммо қиёфаи шеронаи Карим тағйир намеёбад. Ҳатто пинакаш вайрон намешавад ва масхараомезона ҷониби «ҳомиёни» қонунҳои шариат дида медӯзад.

Бо тақозои қозӣ Тош раис аз Карим Девона талаб мекунад, ки калимаи шаҳодатро ба забон ронда, бинои мусулмониро хонад. Ба гуфти бобои Ислом шоир панҷ шарти асосии мусулмониро медонист. Онро аз дил низ мегузаронад: аввал, панҷ вақт намоз гузоридан; дувум, рӯзаи моҳи рамазон доштан; савум, фитри рӯза додан; чорум, калимаи шаҳодат (Худо як аст ва Муҳаммад расули барҳақ аст) ба забон рондан; панҷум, тавофи хонаи Каъба кардан. Аммо Карим Девона ғайричашмдошти ҳозирин бинои мусулмониро ба 12 навъ гуфт ва хост, ки қозию раиси ғазабнокро девонатар созад. Онҳо ӯро «Кофири мутлақи бедин, муқобили шариати ислом!» гуфта, доду фарёдкунон бо дурра зада, бадани Каримро абгор карданд ва боз таҳдидкунон талаб намуданд, ки дар ҳаққи амиру ҳокимони ӯ дуои хайр карда, бинои мусулмониро гӯяд:

«Аммо Карим Девона бинои мусулмонӣ 12 навъ аст гӯён такрор мекард: шарти якум, луқмаи нон доштан ва шиками сер, дуюм, шоҳи боадолат; сеюм илму маърифат; чорум, хонаю ҷой доштан; панҷум, оила доштан; шашум, асп ё ҳеҷ набошад хар доштан, то ин ки барои ба бозор ё осиё рафта омадан василаи сафар бошад; ҳафтум, сулҳу амонӣ. Шартҳои дигар ҳамон шартҳое ҳастанд, ки шумо дар бораи онҳо мепурсед, агар ҳамаашро ҷамъ кунем, 12–то мешавад» [71,1978, 187].

Илова бар ин Карим Девона ҷавобан ба эътирози раис, ки ӯро бедиёнат ва ба зери шубҳагузорандаи асосҳои мусулмонӣ меномад, оромона ҷавобҳои қотеъ мегардонид: «Дар панҷ шарти шумо гуфта мешавад, ки одам бояд дар як рӯз панҷ карат намоз хонад, дар моҳи рамазон рӯза дорад,- мегӯяд шоир.- Ман, ки бандаи Худояму рӯзҳои дароз мегардаму луқмаи ноне пайдо карда наметавонам, шумо мегӯед, ки ман андоз диҳам. Охир, ман чизе надорам, аз куҷо диҳам? Шумо мегӯед, ки ба Ҳаҷ рафтан даркор, аммо Каъба Ҳисор ё Қаратоғ нест, ба Арабистон рафтан лозим меояд! Ба кадом маблағу воситаҳо ман ба он ҷо рафта метавонам? шумо нағз медонед, ки халқи бесавод аз иҷрои шартҳои шумо оҷиз аст. Вай пеш аз ҳама шиками сер, хотири ҷамъ, дили беғам мехоҳад. Барои вай бинои мусулмонӣ ана ҳамин аст! Ин ҳама кирдорҳои шумо ба ғайр аз ғорат кардани халқи бечора дигар чизеро дар назар надорад» [71, 187 – 188].

Баъдан нависанда кирдорҳои раису қозиро ба рафторҳои он подшоҳи ситамгару хунрези қадим монанд мекунад. Пас аз он сомеонашро водор месозад, ки он ҳикоятро гӯш кунанд [71, 188 – 190].

Хулоса, Карим Девона қозию раисро бо ин ҳикояташ аз мукофоти амал метарсонад, ҳушдор медиҳад, ки «... он шамоли сахт тӯфон карда, ба сари шумо ҳам меояд, зеру забар мекунад ва тантанаи шумо ба охир мерасад!» [71, 190].

Ба ақидаи нависанда, Карим Девонаи дастбаста ин манзараи афсунгариашро моҳирона ба гуфтани афсона амалӣ кардааст, ки

хостааст, аз як тараф, ба деҳқонони диндор таъсир расонад, аз тарафи дигар, ба раису қозӣ низ ин афсонаи шоир беасар намонданд ва дар дили санги онҳо то андозае нармӣ падид омад. Ба ин васила шоир тавонистааст, ки бо сеҳри сухан, ёд кардан аз паёмадҳои бад, ба мисли зилзилаи Қаратоғ мардумро алайҳи андозғундорандагон шӯронад.

Аз рӯйи хулосаҳои бобои Ислом дере нагузашта, ҳамаи «шикорчиён» деҳаи Ҷуракро тарк мекунанд. Ҳама гумон мекунанд, ки шоирро ором мегузоранд, вале гумонашон ботил мебарояд, чунки зимистон сарбозон омада, шоирро ба ҳабс мегиранд.

Мувофиқи гуфтаи бобои Ислом, вақте ки Карим Девонаи даступо-бастаро аз назди бозор гузаронида, ба зиндон мебурданд, мулло Абдурасул бо тӯдаи халқ худро ба пеши сарбозон андохта, ғавчӯби пеши роҳи сарбозон шуда, Карим Девонаро ба оғӯш мегирад, аз сарбозон тақозо мекунад, ки ҳардуи онҳоро бикушанд. Ҳамчунин таъкид мекунад, ки дар ягон қонун девона кушта намешавад, зеро сухани ӯ мубоҳ аст. Мулло Абдурасул Карим Девонаро озод намуда, ба оҳангархона мебарад ва завлонаҳои дасташро пора месозад. Соҳибэҳтиромии Абдурасул дар назди аҳли дарбор ва ҳурмати ӯ нисбат ба Карим Девона муҷиби раҳоии шоир аз дами марг мегардад.

Ҳақ бар ҷониби нависанда аст, зеро ки Абдурасул дар назди бозор тасодуфӣ пайдо нашудааст, балки кадом хайрхоҳе аз бозор давида омада, хабари бандӣ шудани шоирро ба гӯши вай расонидааст.

Нависанда байти зеринро шоҳиди он ҳодисаи ба сари шоир омада медонад:

Тӯб шуда дар саҳни масҷид мезананд девонаро,
Номфурӯшони лаин ин шоири бехонаро [71,191]

Нависанда дар бобҳои 14 «Сафар ба Ҷурак» ва 15 – уми асараш «Карим Девона барҳаёт аст» тафсилоти мусофираташро ба зодгоҳи шоир – деҳаи Ҷурак ва тавофи қабри ӯ бахшидааст. Дар ифтитоҳи боби

14-ум қайд мекунад, ки ӯ барои зиндагиномаи шоирро боз ҳам муфассалтар муайян кардан лозим медонад, ки ба зодгоҳи шоир деҳаи Ҷурак сафар намояд. Ҳамчунин бошандагони Ҷурак ҳамдиёри худ Каримшоирро аз дигарон дида, бояд беҳтару хубтар дониад ва бо онҳо мулоқот кардан албатта ба нависанда муассир хоҳад буд. Дар роҳ нависанда оид ба Карим Девона ин тавр мулоҳизаронӣ мекунад: «Ман дар бораи Карим Девона на танҳо чун шоири халқ, одами аҷоибу мураккаб фикр мекунам, балки дар бораи ӯ ҳамин тавр ҳам фикр мекунам, ки вай одами олиҳиммат, муборизи ҷасур буд, ки оммаҳои халқро, ки инқилоби якуми рус (солҳои 1905 – 1907) бедор карда буд, бо шеъри худ рӯҳбаланд менамуд. Сохти давлати Бухорои амирӣ аз решааш пӯсида, оммаҳои халқ ба инқилоб тайёр шуданд. Тухми пошидаи Карим Девона самараҳои хуб медод. Карим Девона дар замони худ барои ба мубориза бархезонидани халқ корнамоиҳои бузурге карда буд, ки халқ ҳоло ҳам номи неки ӯро бо меҳру муҳаббат ба забон мегирад» [71, 193 – 194].

Ҳангоме ки ба деҳаи Ангулӣ мерасанд, ба ёди нависанда афсонагӯйи машҳур Толиби Ангулӣ, маъруф бо номи Мирзо Бодом мерасад, ки кайҳо бо дунёи равшан падруд гуфта буд, вале чароғи хонадони ӯро акнун писараш – Мирзо Толибов, ки ӯ низ афсонагӯи моҳир буд, фурӯзон нигоҳ медорад. Азбаски онҳо Мирзо Толибовро дар хонааш намеёбанд, то омаданаш аз деҳаи Боғак ба хонаи Назар Юсуфов - амакбачаи Карим Девона, ҳамоне ки нависанда дар боби 10-ум «Шубҳа» ба ноҳияи Куйбишев (ҳоло ба номи Абдурраҳмони Ҷомӣ) рафта, бо бародарони Назар – Ашӯралӣ, Файзалӣ ва Рачабалӣ суҳбат меорояд [71,157 – 161], меҳмон мешаванд. Бо хоҳиши нависанда Мирзо Толибов (Мирзо Аҷиби афсонагӯй) бо дутор ғазали Карим Девона «Бегона шав»–ро мехонад [71,195-196]. Ба қавли нависанда дар ҳақиқат ғазали номбурда гувоҳи он аст, ки Карим Девона афсонаи адабии халқ шуда мондааст. Баъдан Мирзо нақл мекунад, ки бародари

ӯ – Абдухолиқ (котиби отряди Йӯлдошкомандир) мухлиси шеърҳои Карим Девона будааст ва ашъори шоирро дар дафтари калоне ҷамъ карда, дар байни халқ мехондааст. Ӯ дар дами маргаш дафтарро ба дасти Мирзо додааст, вале Мирзо онро ба яке аз мухлисони шеъри Карим Девона, сокини деҳаи Оқулӣ Санатулло Аминов ба ивази чор пут ҷав мефурӯшад. Баъдан Аминов С. кӯчида, ба Ӯзбекистон меравад ва дигар касе суроғаи ӯро намеёбад. Сипас, Назар дар хусуси Карим Девона нақл мекунад, ки ҳикояташ ба гуфтаҳои бародараш Ашӯралӣ Юсуфов хеле монанд аст. Ба гуфти Назар вай Маҷнун буд, агар ба ӯ тӯп мепарронданд ҳам, вай нотарсона пеш мерафт, ҳамеша ғарқи хаёл буд. Аз пешаш касе гузарад ҳам, ӯро намедид. Ҳамчунин номбурда афзуд, ки Карим Девона гоҳ–гоҳ назди писарамакҳояш омада, онҳоро «додарони хурдсол» мегуфтааст ва ҳазлу шӯхӣ мекардааст.

Баъзан гоҳе ки Назар хонаи амакбачааш медаромадааст, медидааст, ки шоир дар замини холӣ нишаста, ба хаёлпардозӣ фурӯ рафтааст. Пай мебурдааст, ки лаҳзаи илҳоми шоир омадааст. Ба гуфти Назар Карим Девона бо мақсади эҷоди шеърҳои ҷиддӣ нишаста, ба фикр фурӯ мерафтааст, шеърҳои сабукро бадоҳатан, роҳравон эҷод мекардааст. Ҳамчунин Назар муътақиди он аст, ки Карим Девона бо забони ӯзбекӣ низ шеърҳо мегуфтааст, зеро ин лисонро ҳангоми мусофират ба шаҳрҳои Деҳнаву Қашқадарё хеле хуб омӯхта будааст.

Ба гуфти Назар соле, ки касалии вабо ба водиҳои Ҳисору Ғозималик меояд, шоир низ гирифтори ин беморӣ мегардад. Тавре ки мӯйсафеди Назар ба хотир меорад, вақте ки бо ду бародараш ба аёдати шоир меоянд, ӯ маризи бистарӣ ва сахт бемор будааст. Ҳангоме ки домани куртаашро боло мебардорад, дар баданаш доғҳои сурхро мебинад, ки ин оризаи вабо будааст. Худи шоир низ аз ин дарди бедаво раҳоӣ наёфтанашро ба онҳо арза медорад. Ҳақиқатан шоир дар тахмини худ хато накарда буд: рӯзи дигараш шоир ҷон ба Ҳақ таслим мекунад. Дар дафнаш Назар ҳузур доштааст. Дар ҷанозаи Карим

Девона тамоми хурду бузурги Ҷурак ва деҳоти ҳамсоя бо истиснои боён иштирок мекунанд, аз марги ногаҳонии шоири маҳбубашон таассуф мехӯранд. Бо хоҳиши нависанда Назар Юсуфов фавти Карим Девонаро соли асп (1918) ва таваллудашро низ дар соли асп (1881) нишон медиҳад, ки гӯё шоир дар 37–солагӣ фавтидааст, аммо нависанда санаи таваллуди шоирро иштибоҳи Назар Юсуфов медонад ва гуфтаҳои аксарияти кулро далели қатъӣ шумурда, соли таваллуди шоирро 1878 муқаррар менамояд ва санаи вафоташро 1918 медонад, яъне Карим Девона ҳамагӣ 40 сол умр дидааст ва дар айни камолот риштаи умраш канда шудааст.

Дар боби 15–ум нависанда, Йӯлдошкомандир ва Назар Юсуфов ҷониби деҳаи Ҷурак роҳ пеш мегиранд. Нависанда роҳ рафта истода, аз фикр мегузаронид, ки як вақтҳо Карим Девона низ аз ин пайраҳа сурудхонон мегузашт ва овози марғуладораш дар миёни кӯҳҳо танин меандохт.

Ҳамсафарон баъди паймудани ду соат ба деҳаи Ҷурак мерасанд. Ба гуфти нависанда дар даромадгоҳи деҳа аз тарафи рост дар ҳамвории подомани кӯҳи баланди Ғозиён қабристони деҳа ҷойгир шудааст. Тибқи нишондоди Назар мусофирон дар атрофи теппачаи болояш пур аз баргҳои хазонгардида қарор мегиранд. Назар бо қатъият гӯри Карим шоир будани ин теппачаро тасдиқ мекунад. Дуртар чордевории вайрона ва дарахти тутро нишон дода, номбурда хонаи шоир буданашро таъйид менамояд ва таъкид мекунад, ки Карим Девона бемор шуда, дар таги ҳамон тут хобида буд ва дар ҳамин ҷо ба Ҳақ пайваст.

Ба гуфти Назар Юсуфов сокинони Ҷурак мурдаҳои худро дар деҳаи Косабулоқ дафн мекардаанд. Карим Девона таклиф мекунад, ки минбаъд дар ҳамин ҷойи деҳа қабристон интихоб намуда, мурдаҳояшонро гӯронанд, зеро агар ҳамин ҳокимону ҳамин давру даврон бошад, ба наздикӣ кулли маскунини деҳаи зиндаҳо сокини

водии хомӯшон хоҳанд шуд. Баъди як соли ин гуфтаҳо Карим Девона низ мефавтад ва ӯ низ яке аз дафншудагони водии навбунёди хомӯшон мегардад. Ин аст, ки масофаи хонаи онҳо то қабристон 20 – 25 қадамро ташкил медодааст.

Бо вуҷуди мушкилоташ Карим Девона зодбумашро дӯст медошт ва ӯ баъди оворагардиҳои тӯлонӣ боз ба Ҷураки вайрона бармегашт.

Дар ин ҷо мехоҳам ба як масъалаи дигар рӯшанӣ андозам, ки ин баҳси зодбуми шоир аст. Перомуни ин қазия профессор Ҳ. Муродиён чунин ақида дорад, «Гоҳо дар атрофи Карим Девона ҷавонони навоҳии Хуросону (Ғозималик) Ҳисору Рӯдакӣ баҳс намуда, зодгоҳи шоирро ҳар кас ҷониби худ тоб медиҳад. Аслан шахс, ки машҳур шуд, ӯро ҳама ва ҳар кас аз они худ карданӣ мешавад, чуноне ки ин моҷаро ба Абӯалӣ ибни Сино низ рух дода буд. Ҳатто кор ба ҷое расид, ки «Бо мӯқаламе ҳасуд туркона кашид, Чун сурати хеш сурати Синоро» (Ғафур Мулло). Карим Девона мухаммаси «Фалаки ситамгар»-ро бо мисраи «Як ҳикоят бишнав аз девонаи пири Ҳисор» [35,14] оғоз менамояд ва худро ҳисорӣ меномад. Ҳабибулло Назаров бошад, дар қиссаи «Дар ҷустӯҷуи Карим Девона» мегӯяд, ки «Ман ҳайрон будам, ки шеърҳои шоири ҳисорӣ чӣ гуна ба Исфара расидааст» [71, 131]. Аммо нависанда дар ҷойи дигар Ҷуракро ба водии Ғозималик мансуб медонад ва кӯҳи Ғозиён низ ба маъвои ҳамин мардум далолат мекунад. Кулли бошандагони собиқи деҳоти Ҷураку Қарасирт ҳоло сокинони деҳаҳои Меҳнатободу Хумдони ҷамоати Қизилқалъаи ноҳияи Хуросон, ки пайвандони Карим Девонаанд, худро ҳисорӣ не, балки бо ифтихор ғозималикӣ медонанд. Аммо мардуми ноҳияи Рӯдакӣ барои он ба ашъори Карим Девона соҳибӣ мекунанд, ки Ҷурак – зодгоҳи Карим Девона ҳоло дар ҷамоати деҳоти Эсанбойи ноҳияи Рӯдакӣ воқеъ аст [65, 6]. Ниҳоят, бо суханони устод Муродиён дар охир ҳаминро таъкид менамоям, ки «... шоир дар деҳаи хурде ба дунё меояд, вале баъди машҳур шудан дигар вай ба як деҳаю як маҳал не, балки ба миллат ва

кулли инсоният тааллуқ дорад. Карим Девона низ шоири шаҳири мардуми тоҷик ва кулли форсизабонҳои дунёст» [62,184-165].

Хулоса, аз диди Ҳабибулло Назаров шоири мардумӣ Карим Девона муборизи ҷасури роҳи озодӣ буд. Вай оммаи халқи аз насими инқилоби якуми рус бедоршударо бо шеърҳои даъваткунандааш рӯҳбаланд менамуд, мардумро ба муқобили сохти пӯсидаи амирӣ бармехезонд. Меҳри Карим Девона ва ашъори дилраси ӯ барои он дар қалби омма ошён гирифтааст ва ҳоло низ мардум ӯро ба некӣ ёд мекунанд, ки шоир барои ба мубориза бархезонидану рӯҳбаланд намудани мардум ва фароҳам овардани вазъияти инқилобӣ хизмати бузургеро анҷом дода буд.

1. 3. ХАЁЛПАРДОЗИҲОИ ХИЛОФИ ВОҚЕИЯТИ ТАЪРИХӢ ДАР «ҚИССАИ КАРИМ ДЕВОНА»-И МУҲАММАДИИ САЛИМ

Тавре ки дар фасли 1 ёдовар шудем, ба муносибати 110-умин солзоди Карим Девона дар байни навоҳии Хуросону Рӯдакӣ як навъ сабқат идома дошт: хуросониҳо осорхонаи шоирро кушоданд, шумораҳои махсуси нашрияи ноҳиявии «Нури Илич»-ро ба ин муносибат интишор намуданд, вале намояндаҳои ноҳияи Рӯдакӣ гӯйи сабқатро аз дасти хуросониҳо рабуданд: дар қатори дар давоми сол чоп шудани силсиламақолаҳо перомуни мавсуф ва аз дасти нашр баровардани шумораи махсуси «Насими айём» дар деҳаи Шӯриён пайкараи барқади шоирро кушоданд, ки баъдтар он ба маркази ноҳия интиқол ёфт. Дар пасманзари чунин тадорукот бо номи «Идомаи ҷустуҷӯи Карим Девона» хабаре дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» [28] чоп шуд, ки дар он аз интишори китоби Муҳаммадии Салим «Қиссаи Карим Девона» [65,166] сухан мерафт. Муаллиф бо овардани мисолҳои аниқу мушаххаси таърихӣ тавонистааст, рӯзгори шоири халқ-Абдукарим Қурбон маъруф ба Карим Девонаро, ки барои беҳбуди рӯзгори мардум бо шеър мубориза бурдааст, тасвир намояд, -

таъкид шудааст дар хабар.- Дар ашъори шӯрангези шоири халқ, ки баҳри тантанаи ҳақиқату адолат, бародарию баробарӣ ва дӯстию рафоқат дар талош буд, зиндагии фоҷиабори сокинони водии Ҳисор дар охири асри XIX ва аввали асри XX образноку хотирмон инъикос ёфтааст. Ҳикояҳои ҷолиб, шеърҳои худи Карим Девона китобро хонданбоб намудаанд [65, 2].

Тавре ки Муҳаммадраҳим Юсуфӣ дар тақризи худ ба ин китоб ишора намудааст, «Қиссаи Карим Девона» бар асоси таҳқиқоту тахайюлоти муаллиф ва асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» таълиф гардида, дар он воқеаҳои таърихӣ бо тобиши бадеӣ пешниҳод карда шудаанд» [65, 2]. Ба қиссаи мазкур Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзо сарсухан навишта, дар пайравии Ҳабибулло Назаров эҷод шудани «Қиссаи Карим Девона»-и Муҳаммадии Салимро таъкид намудааст. Чӣ хеле ки Кароматуллоҳи Мирзо таъкид кардааст, Муҳаммадии Салим қиссаи мазкурро дар асоси таассуроташ аз таълифоти Ҳабибулло Назаров, инчунин ҳамчун ҳамдиёри Карим Девона (зеро деҳаи онҳо дар ҳамсоягии Ҷурак воқеъ будааст), аз шуниданиҳояш аз даҳони наздикон, хешовандони Карим Девона, махсусан писарамакҳои шоир - бобои Холмаҳмад ва бобои Абдухолиқ - сокинони деҳаи Ҷурак навиштааст.

Қиссаи Муҳаммадии Салим ягон хел сарлавҳа ё дебочаи муаллиф надорад. Нависанда баъд аз сарсухани Муҳаммадраҳим Юсуфӣ ва устод Кароматуллоҳи Мирзо ба қисса ҳусни оғоз мебахшад. Ҳар як фикри нав бо ситорача ҷудо шудааст.

Воқеан, дар муқова ва саҳифаи баъди он [65, 1] Муҳаммадии Салим. «Қиссаи Карим Девона» навишта шудааст. Ҳамчунин дар саҳифаи аввали китоб «Ба ифтихори 3000 - солагии Ҳисор» низ сабт шудааст, вале дар ин саҳифа хонанда оид ба соли нашри китоб ва номи нашриёт маълумот ёфта наметавонад. Инчунин дар саҳифаи баъдинаи

китоб, ки аз такризи кӯтоҳ, номи китоб, унвонии нашриёт, ҷамъи саҳифаҳои китоб ва дигар маълумоти библиографӣ бояд иборат бошад, маълумот ҷой надорад.

Таълифоти нависанда аз саҳифаи 7 то 40 аз бадеият орист, шабеҳи таълифоти публисистӣ ё ҳисобот аст, ки онро як навъ аввалсухани муаллифи китоб низ метавон номид.

Баъд аз 50 соли эҷоди повести Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» маротибаи дуюм барои эҷоди қиссаи бадеии фарогири рӯзгору осори Карим Девона камари ҳиммат бастани Муҳаммадии Салим аз ҷавони боғайрату боҷуръат будани ӯ дарак медиҳад. Эҷоди «Қиссаи Карим Девона» ба қавли муаллифи асар кӯшиши бузургест, «...ҷиҳати ба самъи ҳамагон расонидани қисмати шоири шӯридабахти мардумӣ Абдукарими Қурбон, то ба ин васила дар гиромидошти хотираи кулли адибон, нигоҳ доштану инкишофи арзишҳои адабӣ ва рушди фарҳанги миллӣ» [65,6] саҳмгузор бошад. Тавре ки устод Ҳасани Муродиён дар ҳамқаламӣ бо банда дар мақолаи таҳти унвони «Хаёлбофии хилофи воқеияти таърихӣ» [51,322-345] иброз доштааст, Муҳаммадии Салим зодгоҳи Абдукарими Қурбонро чун устод Ҳабибулло Назаров деҳаи Ҷурак таъин кардааст, ки ҳоло шомили ҷамоати деҳоти Эсанбойи ноҳияи Рудакӣ аст. Муҳаммадӣ баъдан аз корҳое ёдовар шудааст, ки ба ифтихори бузургдошти шоир ба анҷом расонидаанд. Соли 1988 ба шарафи 110-солагии шоир бо кӯшиши ҷавонони ноҳияи Хуросон осорхонаи ҳуҷрагии Карим Девона кушода шуда, дар деҳаи Шӯриёни ноҳияи Рӯдакӣ пайкараи шоир гузошта мешавад. Соли 1991 «Сатрҳои оташин» бознашр мегардад. Ба ифтихори 120 - солагии шоир бошад, пайкарааш ба шаҳраки Сомониён – маркази ноҳияи Рӯдакӣ интиқол дода шуда, дар ин ҷо осорхонаи таърихӣ- кишваршиносии шоир низ ифтитоҳ меёбад, кӯчаи Гогол низ номи Абдукарими Қурбонро мегирад. Воқеан, яке аз

маҳаллаҳои мавзеи Шарораи ноҳияи Ҳисор низ номи Карим Девонаро гирифтааст. Тавре ки худи нависанда низ иқрор шудааст, «...қиссаи Карим Девона гуфта, оғоз кардему дар байн қиссаҳои худро низ илова намудем [51, 39], дар оғози қисса муҳоботи саргузашти Муҳаммадии Салим аз рӯзгори нобасомони Карим Девона зиёдтар ҳикоят шудааст, яъне обмӯрӣ аз боғ калон буда, хонанда гумон мекунад, ки қаҳрамони марказии асар Карим Девона нею худи нависанда аст.

М. Салим қисса мекунад, ки саргузашти Карим Девонаро аз китоби Ҳабибулло Назаров Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» хондааст, аз нақлҳои волидонаш Бибимастураю Маҳмадсалим ва ҳамдеҳагону ҳамдиёронаш ба рӯзгори шоир мароқ зоҳир намудааст. Бо мақсади таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ ва ашъори шоир Абдукарими Қурбон дар асоси повести Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона», нақлу ривоят ва қиссаҳои фаровони мардуми мавзеи Эсанбой ва тахайюлоти шахсияш филмномаи филми ҳунарии «Карим Девона»-ро иборат аз ду қисму 77 саҳна ва 153 саҳифа менависад. Ба он Қодир Раҳимов ва Ҳотам Нуров – ҳунармандони варзидаи соҳаҳои кино ва театр тақриз навишта, баҳои баланд додаанд. Мавсуф соҳиби шаҳодатномаи ҳуқуқи муаллифии филмномаи «Карим Девона» низ шудааст. Ҳамчунин дар ин ҷо аз ташаббуси сарвари мактаби таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ Қиёмиддин ёдоварӣ намудааст, ки хешовандони ҳамсари шоир Боғигулро ёфтааст. Ҳатто аз мавҷудияти дарахте ёдовар шудааст, ки дар деҳаи Хуҷазикриё то ҳол пойбарҷо буда, шоир дар сояи он нишаста, бо дугонаҳои ҳамсараш шеърхонӣ мекардааст.

М. Салим байти ба Карим Девона мансуби аз модараш шунидаи Қиёмиддинро меорад, ки хеле ҷолиб аст:

Ҷӯш меорад шароби ишқ дили Девонаро,

Ҳуш дорӣ, нӯш кун, фурсат ғанимат, даргузашт [65, 21].

Нависанда аз шиносояш бо бобои Абдухолиқ - писарамаки Карим Девона (вале бо чунин ном дар қиссаи Ҳабибулло Назаров ба ягон нафар аз пайвандони шоир дучор наомадем, он ҷо танҳо аз Абдухолиқ- котиби отряд ва гирдоварандаи ашъори Карим Девона ёд шудааст, ки дар ҷавонӣ фавтидааст) нақл намуда, аз забони мавсуф ду шеъри нави шоирро пешкаш мекунад:

Сирри дили ошиқон изҳор накардам бар касу нокас,(?)
Тану ҷони сиҳат беҳ аз ҳазорон парчаву атлас,
Суханро бо кӣ мегӯям, канӣ як одами гапрас?

Канӣ дӯсти ширин гирад сарамро дар канор имрӯз,
Ба ҳар ҷое, ки мехонад, Карим аз баҳри ёр имрӯз.

*** *** ***

Ҳар саҳаргоҳ ин нидо аз назди ҳазрат мерасад,
Хонаи тилло иморат кун, ки раҳмат мерасад.
Давлати ҷовид биёбӣ, ҳар саҳар бедор бош,
Лоҷарам бедавлатӣ аз хоби ғафлат мерасад.
Аз хаёли охират ҷое расидан мушкил аст,
Кас ба ҳар ҷо мерасад, аз роҳи ҳурмат мерасад.
Эй Карим, чизе надорӣ, донае, парво накун,
Бар сари ҳар гул машин, аз хор заҳмат мерасад [65, 33].

Ба гумони ғолиб мисраи аввали шеъри мазкур изофист. Байти дуюм, ки мо онро дар алоҳидагӣ овардем, ба мисраъҳои баъдӣ рабте надорад. Баъдан нависанда иброз медорад, ки нисфи умри беҳтарини Карим Девона (15 соли ҳаёташ) дар сафар гузаштааст. Аз номи Раҳмони Раҳим, корманди бахши фарҳанги ноҳияи Рудакӣ нақл мекунад, ки аз рӯйи шуниди ӯ шоире бо номи Карим Девона солҳои 20-уми асри гузашта гӯё дар кадом деҳаи Панҷакент мезистаасту сурудҳои «Дар вафоти Абдулмаҷид», «Марги ногаҳонӣ», «Нолаи модар» ва

«Ранги заъфарон», ки онҳоро сарояндагони панҷакентӣ иҷро мекунанд, моли ӯянд. Аммо нигоранда аз номи Анвар таъкид мекунад, ки Карим Девона ҳисорӣ асту танҳо ба Панҷакент рафтуомад доштааст [65, 36-57].

Муҳаммадии Салим теъдоди абёти сурудаи Карим Девонаро 1001 мисраъ муайян намудааст, ки 987 мисраи он бо кӯшишу ҷамъоварии Ҳабибулло Назаров манзури ақли назар гардида, аз ғазал, мухаммас, тарҷеъбанд, мувашшаҳ ва ашъори гуногун фароҳам омадааст.

Ногуфта намонад, ки ашъори Карим Девона дар кулли бознашри «Сатрҳои оташин» аз рӯйи жанрҳо силсилабандӣ ва ҷудо нашудааст. Ҳамчунин тибқи мавзӯъҳо бонизом мавриди таҳқиқ қарор додани рӯзгори оне, ки аз таваллуд то марг, гарчанде ки тамоми умр танҳо ва фақат баҳри ҳақиқат, адолат, зиндагии шоистаи мардумони диёраш зиста, эҷод кардааасту худ рӯзи беҳ надидааст [65, 28], вазифаи мо - муҳаққиқон аст. Албатта, мурод аз «Ҳоло низ паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ ва ашъори шоир Абдукарими Қурбон ниёз ба таҳқиқ доранд» [65,15] гуфтани Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзо низ ишора ба гуфтаҳои болоии мост.

Устод Кароматуллоҳи Мирзо дар фуроварди сарсухани ба китоби Муҳаммадии Салим «Қиссаи Карим Девона» навиштааш чунин таъкид менамояд: «Умед аст, ки баъди нашри «Қиссаи Карим Девона» агар аз камию костиҳои он аз ҷониби хонанда маслиҳатҳои дилсофона пайдо шавад, муаллиф ба инобат мегирад, ислоҳ менамояд» [65,5].

Бо дар назардошти ин гуфтаҳо мо хостем, ки оид ба баъзе паҳлуҳои ин асар дар муқоиса бо қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» [71,7-205] ибрози ақида намоем.

Аслан қисмати асосии қисса аз саҳифаи 40 оғоз меёбад. Тамоми воқеоти асар дар атрофи шахсияти Карим Девона сурат мегирад.

Образҳои тавсеаёфтаи мулло Абдурасул ва шоир Саҳбо низ барои такомули симои бадеии Карим Девона офарида шудаанд. Бофтаи бадеии нависанда образҳои Пир ва Розия мебошанд, ки онҳо дар қиёс бо асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» симоҳои наванд. Ишораи М. Салим, ки қисса «...бар асоси тахайюлоти муаллиф таълиф гардида...» [65,39], ба образҳои Пир ва Розия нигаронида шудааст. Нависанда саҳифаҳои 40 то 106-и асарашро бо вуҷуди баъзе камбудиҳояш эҷодкорона, тавре ки худаш мегӯяд, бо истифода аз тахайюлоти бадеӣ навиштааст. Бо офаридани образи Пир, ки симои хаёлӣ буда, дар мушкилтарин ҳолатҳо рӯ мезанад (баъди вафоти падари Абдукарим - Қурбон ва ҳангоми зиндонӣ буданаш) ва барои начоти шоир ба ӯ дасти мадад дароз мекунад, Карим Девона дар назари хонанда на чун симои заминии косиб, шахсияти одиву хоксор ва дар миёни заҳматкашон ба воя расида, балки чун симои фавқуттабиӣ, назаркардаи Худо ва ба қавли мардуми одии Ғозималик авлиё намудор мегардад.

Ҳабибулло Назаров низ дар асараш «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ба авлиё будани шоир аз номи одамони одӣ ишора мекунад, вале он ба дигар маъност: «Камбағалони қишлоқ ӯро бисёр ҳурмат мекарданд ва ба ӯ ёрӣ мерасониданд. Мегуфтанд, ки Карим-шоир авлиё мебошад, ӯ дӯсти Худост, агар назаркарда набошад, ин шеърҳоро аз куҷо меёбад? Ҳарчи ки Карим Девона дар ҳаққи боёну амалдорони амир мегӯяд, ҳамааш ҳақ аст» [71,167], яъне ин ҷо танҳо сухан аз лутфи сухани худоди шоир меравад.

Пир танҳо дар назди ду кас: Карим Девона ва мулло Абдурасул рӯ мезанад. Нависанда бо такмили образҳои мулло Абдурасул ва Саҳбо хостааст, хонандаро ҳушдор диҳад, ки шоир дар муҳити аҳли илму адаб, дар халқаи ашхоси бофарҳангу бомаърифат, озодидӯсту ислоҳотхоҳ ба воя расидааст. Барои амалӣ гардидани ҳадафҳояш

нависанда дар масҷиди деҳаи Шӯриён Абдукарими 10-соларо бо мулло Абдурасул рӯ ба рӯ месозад. Абдукарими бепарастор дар симои мулло Абдурасулу Саҳбо дар Қубодиён ҳомиёни худро меёбад. Онҳо ӯро гӯё соле чанд дар муҳити бекигарии Қубодиён тарбия менамоянд ва баъди аз ҷониби амири Бухоро назарбанд шуда, ба ҳайси маслиҳатчии беки Ҳисор ба ин водии зархез омадани мулло Абдурасул Карим Девона ҳамроҳаш бармегардад. Дар повести Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» шоир шахси бесавод муаррифӣ шудааст, вале аз рӯйи тасвири Муҳаммадии Салим шахсе, ки ҳамнишини Саҳбову мулло Абдурасул барин ашхоси босавод асту камоли ҳамнишинӣ бо ин фарҳехтагон ба ӯ асар кардааст ва дар истинод ба нақли Умари Хон - падари Абдураҳмон Хонов Карим Девонаро қории Қуръон ҳукм менамояд [65,101-103].

Агар Муҳаммадии Салим бо рӯ ба рӯ сохтани Карим Девона ба мулло Абдурасулу Саҳбо образи типии аҳли илму адаби Ҳисору Ғозималики оғози садаи ХХ-ро тавре меофарид, ки бо таъсири чунин ашхос дар шуури онҳо бедории фикрӣ, ақидаи шикастани занҷири беҳуқуқию ғуломӣ ва ифтихори миллию истиқлолиятхоҳӣ бедор мешуд ва ҳамаи онҳоро дар симои Карим Девона таҷассум менамуд, қимати асар чун повести Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» як бар чанд меафзуд. Аммо тахайюлоти бадеии бофтаю сохтаи М. Салим гоҳо бар хилофи воқеияти таърихӣ равона гардидааст. Ба аҳли илму адаб маълум аст, ки Ҳабибулло Назаров дар повести мазкур аз мулло Абдурасул аҳёнан ёдовар шудааст. Махсусан пуштибонии ӯ аз шоир дар лаҳзаи аз дасти сарбозони беки Ҳисор озод намудани Карим Девона зоҳир мегардад [71,190]. Хуб аст, ки М. Салим ин образро ҳамчун яке аз шахсиятҳои тақдирҷунбони Карим Девона ба қалам дода, дар хусуси мавсуф ба таври густурда сухан рондааст. Ҳ. Назаров аз Саҳбо танҳо ба шарофати мулло Абдурасул ёдовар шудааст: «Аммо

Абдурасулро хеле ҳурмат мекарданд. Ҳама медонистанд, ки вай дӯсти шоир Саҳбои Қубодиёнӣ мебошад...» [71, 90]. Вале Муҳаммадӣ Карим Девонаро на танҳо бо Саҳбо рӯ ба рӯ месозад, ҳатто гӯё номбурда чанд соле дар Қубодиён монда, аз мавсуф сабаки зиндагӣ ва илму адаб меомӯзад.

Истифодаи бамавқеъ ва оқилонаи сайри хаёл хуб аст, вале набояд тахайюлоти бадеии адиб хилофи воқеияти таърихӣ бошад. Аввалан, Саҳбо соли 1917 беки Қубодиён таъин гардида, қариб як сол адои вазифа намудааст ва соли 1918/1336 ҳ. қ. бо фармони амири мустабид Олимхон аз тарафи Давронбек ваҳшиёна ба қатл расонида шудааст. Агар Абдукарими 10-сола ҳамроҳи Абдурасул соли 1899 Ҷуракро тарк намуда, Қубодиён рафта бошад, танҳо баъди 18 соли ин сафар Саҳбо ҳокими Қубодиён таъин мегардад ва соли қатли Саҳбо ба соли фавти Карим Девона дар як вақт (1918) иттифоқ афтодааст, агарчи яке дар синни 70-солагӣ (соли таваллуд 1845 ё 1848, дигаре дар 40-солагӣ дунёро падруд гуфтаанд ва аз ҳама аҷибаш яке дар сароғози подомани кӯҳи Ғозиён ва дигаре дар интиҳои он ба рӯ ниқоби хок кашидаанд. Дар ин хусус аз «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ [7, 269], «Гулшани адаб» [18, 393-401], «Қиссаи Саҳбо»-и Неъмат Муҳаммад Саид [73, 102], «Саҳбо.Танланган шеърлар» [92,178], «Девони Саҳбо», ки таҳти № 1982 дар китобхонаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба ном Ҳ. Сулаймонови Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, воқеъ дар шаҳри Тошканд маҳфуз аст ва нусхаи он дар китобхонаи шахсии Ҳасан Муродиён низ нигоҳдорӣ мешавад, маълумот гирифтан метавон.

Неъмат Муҳаммад Саид дар «Қиссаи Саҳбо» соли таваллуди Саҳборо 1845 дар ноҳияи Вобканди вилояти Бухоро дар истинод ба маълумоти набераи Саҳбо Ҳалима Мухторова нишон додааст, вале бо дарназардошти маълумоти устод С. Айнӣ, ки ҳангоми қатл синни

Саҳбо ба 70 дакка мезад, мегӯяд, соли таваллуди шоир 1848 бояд бошад. Бинобар маълумоти устод С. Айнӣ Саҳбо соли 1917 ҳамроҳи ҳокими маъзули Яккабоғ - Ҳоҷидодхоҳ ба Қубодиён раҳсипор гардидаанд. Ҳоҷидодхоҳ беки Кӯрғонтеппа ва Саҳбо беки Қубодиён таъйин шудаанд. Соли 1918 ба муносибати воқеаи Колесов бо фармудаи амир Олим тавассути Давронбек ном ҳокими золим ин ду пири равшанзамир ба як сурати ваҳшиёна шаҳид шудаанд. Синни Саҳбо ва рафиқаш ба 70 наздик буд» [7,269]. «Мирзо Ҳайити Тӯпчибошӣ (соли қатлаш 1336/1918) аз арбобони пешқадами давлатии маърифатдӯсти аввали асри ХХ буда, соли 1918 бо фармудаи амир Олимхон дар Қубодиён кушта шудааст»- таъкид гардидааст дар «Гулшани адаб» [18,395-401].

Агар М. Салим асари Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро дуруст мутолиа мекард, ба саҳлангорӣ роҳ намедод, зеро «Абдурасул дар вақти дар мадрасаи Говкушон таҳсил карданаш бо шоири машҳур Мирзо Саҳбо шиносоӣ пайдо кардааст, - таъкид менамояд Ҳабибулло Назаров. - Мирзо Саҳбо бошад, ба корҳои ӯ ёрӣ мерасонд. Дар давраи охирини ҳукмронии амири Бухоро Мирзо Саҳбо ҳокими Қубодиён буд ва ӯро амир одами ғайридин ҳисоб карда, дар соли ҳазору нӯҳсаду ҳаждаҳум ба қатл расонид» [71,181].

Муаллиф дар ҷо-ҷойи қисса аз номи Пир, Абдурасул, Карим Девона ва Саҳбо рубоиёти Умари Хайёмро овардааст, ки ба фикри мо онҳо ноҷо корбаст шудаанд. Хуб мебуд, ки ба ҷойи он ашъори пандомӯзи Карим Девона ва Саҳборо корбурд менамуд.

Симои дигаре, ки ҳангоми офаридани образи он Муҳаммадии Салим маълумоти таърихӣ ва хотироти ҳамдеҳагони Карим Девонаро сарфи назар намудааст, ин шахсияти Розия мебошад. Дуруст аст, ки ба ин ном дар асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» дучор намеоем. Номи Розияро баъдтар Зебо Тағоева - модари

падарбузурги инҷониб Ҳабиб Фақир баъди ба хотир овардани шеъри дар васфи Розия гуфтаи Карим Девона ба ҳайси маъшуқаи шоир вирди забонҳо намуд. Нахустин бор хонандаи тоҷикро бо ин шеър аввал Ҳабиб Фақир ва баъдан мураттиби « Сатрҳои оташин» (1991) Ҳабибулло Нозирӣ ошно сохт:

Ман ба дил иқрор кардам Розия дар хона буд,
Ҷойи хоби Розия дар Ғори кафтархона буд.
Наъли кавшаш як ваҷаб, поҷомааш ҷонона буд,
Дар ҳаққи он Розия, Абдукарим девона буд [35, 9].

Ҳ. Назаров дар боби 9-уми қиссааш, ки»Бозёфт» ном дорад, аз номи Сайидалӣ Сатторов «Ду абруи хамида чун ҳилолат» ном ғазали ишқии Карим Девонаро оварда, таъкид мекунад, ки Карим Девона бо духтаре дил баста будааст. Ин духтар кист, Сайидалӣ Сатторов ба ин савол ҷавоб дода натавонист [71,133]. Баъдан дар боби 10-ум, ки «Шубҳа» номгузорӣ шудааст, Ҳ. Назаров тафсилоти ишқи аввалини Карим Девонаро, ки ғӯраи сармозадаро мемонд, аз номи писарамаки шоир- Ашӯралӣ Юсуфов қисса намудааст. Ба қавли номбурда Карим Девона ҳангоми дар Қаратоғ бофандагӣ карданаш бо бойдухтари ҳамсоя ошиқ мешавад. Барои ӯ зери дарахти тут нишаста шеърҳо низ гуфтааст, ки байти «Шӯри ишқат бар сарам савдои маҳшар гаштааст, Ин Карим Девона дар ишқат қаландар гаштааст» [71,159-160] намунаи он аст. Мутаассифона, ҳамсоядухтар аз дарди бедавое аз олам чашм мепӯшад ва Карим Девона низ дигар кору зиндагӣ кардан дар Қаратоғро барои худ ҳаром медонад [71,159-160]. Муҳаммадии Салим бо истифода аз ана ҳамин қисса хатти сужети моҷарои муошиқати аввалини Карим Девонаро сохтааст ва ба ҳамсоядухтар - Розия, ба духтари соҳибхона – Гулизор, ба бойи ҳамсоя, падари Розия- Камолиддин ном ниҳодааст. Вале дар офаридани образи Розия Муҳаммадии Салим аз воқеият дур рафтааст, зеро Розия аз Қартатоғ

набуда, балки аз деҳаи Шаҳритӯс мебошад, ки баъдан сокинони он муҳоҷир шуда, ба деҳаи Ҳалқаҷари ноҳияи Хуросон кӯчидаанд. Ба гуфтаи Бӯрихон Азиззода - сокини деҳаи номбурда деҳаи Шаҳритӯс дар ин тарафи кӯҳи Ариқтов ҷойгир шудааст. Розия зани кулчарӯи сап-сафеди бо қадду баст ва хеле ҷаззоб будааст, ки дили ҳар ҷавонмардро ба худ чун оҳанрабо мекашидааст ва моили худ месохтааст. Карим Девона низ дар қатори садҳо бачамардони ғозималикӣ шефтаи он рӯйи зебову дилоро, он чашмони шаҳло ва турраи сиёҳи қатронмонанд шуда, дар васфаш шеър гуфта будааст. Розия дар ҷавонӣ вафот накардааст. Ӯ рӯзгори дарози бобаракат дидааст ва аз ҳосили умраш ҷигарбандаш Саъдулло Мавлонов, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷавонмарди чорпаҳлуи сафедрӯ, сокини деҳаи Ҳалқаҷар буда, ин мӯйсафеди дидадаро ва ба дилу дидаи мардум ҷо то лаҳзаи вафоташ дар тӯю сури мардум ошпазӣ мекардааст ва дар қиёфа каллаву кандаи модараш будааст.

Ҳасан Юсуфи Файзбахш, муаллифи рисолаи «Карим Девона, ман ва ҳамдеҳагон» [121,95] муътақиди он аст, ки Карим Девона ҳеҷ гоҳ ошиқи Розия набуд, балки ин шеър (мурод шеъри «Ман ба дил иқрор кардам Розия дар хона буд...») фармоишӣ буда, шоир онро бо хоҳиши дӯстони амалдораш навиштааст, вале ин ақида асос надорад, чунки Карим- шоир бадоҳатан шеър гуфтааст, вале ҳеҷ гоҳ бо хоҳиши касе, махсусан амалдоре шеър нагуфтааст.

Муҳаммадии Салим дар асараш гоҳо бо истифода аз ҳиллаи маъмулии «Ин воқеа қисман дар повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» нақл шудааст» [65,132], хонандаро ҳушдор медиҳад, вале ҷумлаҳои яклухтро аз асари номбурда айнан кӯчонида, гоҳо бо табдили як-ду калима рӯйи коғаз оварда, рӯирост ба сирқати адабӣ роҳ додааст. Ин амали Муҳаммадии Салим баъди эътироф накардани шоири мардумие бо номи Карим Девона, сарфи назар намудан ва

таҳти шубҳа қарор додан аз ҳаммуалифии мавсуф дар эҷоди романи ҳаҷвии «Саргузашти Сафармахсум» [83,3-56]-сеюмин ҳодисаи аз они худ намудани таълифоти Ҳабибулло Назаров мебошад.

Ба ҳамин тариқ, муқоисаи «Қиссаи Карим Девона»- и Муҳаммадии Салим ва повести Ҳабибулло Назаров [71,7-205] қисман анҷомдодаи мо нишон дод, ки Муҳаммадии Салим саҳифаҳои 106 (аз поён сархати 3), 108 (аз боло сархатҳои 2,3), 108-109 (аз поён сархати 1-ум, аз боло сархати 1-ум), 115 (аз поён сархати 1-ум), 116 (аз поён сархатҳои 3-юм ва 4-ум), 117 (аз боло сархати 3-юм), 120 (аз поён сархати 1-ум), 121 (аз поён сархати 2-юм), 122 (аз боло сархати 1-ум), 123 (аз боло сархати 1-ум), 125 (аз поён сархати 2-юм), 126-127 (аз поён сархати якум), 127 (аз боло сархати 2-юм), 128 (аз боло сархати 1-ум ва аз поён сархати 2-юм), 134 (аз боло сархати якум), 135(аз боло сархати якум), 136 (аз боло сархати якум ва аз поён сархати 1-ум) ва 140 (аз боло сархати якум), саҳифаҳои 116 (аз боло сархатҳои 2,3,4), 117 (аз боло сархати якум), 78 (аз боло сархати сеюм, аз поён сархатҳои 5-6-ум), 116 (аз поён сархати 5-6-ум), 116 (аз поён сархати 3-4), 79 (аз боло сархати 4), 44 (аз боло сархати 2-юм ва аз поён сархати 2-юм), 45 (аз боло сархати 3-юм), 47 (аз боло сархати 1-ум ва 4-ум), 48 (аз поён сархати 2), 49 (аз боло сархати 3-юм), 50 (аз боло сархати 3, аз поён сархати 1-ум), 51 (аз боло сархати 3), аз поён сархати 2), 186 (аз боло сархатҳои 2 ва 5), 187 (аз боло сархати 3 ва аз поён сархати 3) ва 174-175 (оғоз аз сатри охир) қиссаашро айнан ё бо табдили вожае аз повести Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» рӯбардор кардааст. Ба фикри мо, пайравӣ ба бузургон хуб аст, агар эҷодкорона бошад.

Дар «Қиссаи Карим Девона» баъзе хатоҳои забонӣ ва услубӣ низ роҳ ёфтаанд. Нависанда ба ҷойи «хостгорӣ» вожаи «зангапзанӣ» (с.90)-ро истифода кардааст. Ба ҷойи «ҳезум мебуридем»

нависанда»..саргарми ҳезум мебуридем» навиштааст, ки вожаи «саргарм» зиёдатист. Дар саҳифаи 141 мисраи аввали мухаммаси «Ба ранги заъфарони ман расид чангу ғубор имрӯз»-ро «Ба ранги заъфаронам мерасад чангу ғубор имрӯз...» навиштааст, ки мисраъ ифодакунандаи замони оянда аст, ҳол он ки дар ҳамаи нашрҳои «Сатрҳои оташин» нусхаи қаблан зикршуда истифода шудааст [35,36]. Ҳамчунин ба сабаби нашинохтани жанрҳои адабӣ ва воҳидҳои шеър дар саҳ.145 «Шеъри шамси анвар»-ро ғазал номидааст, ҳол он ки он тарҷеъбанд аст. Муҳаммадии Салим дар зикри шеъри ба Розия бахшидаи Карим Девона ба ҷойи вожаи «поҷомааш» калимаи «ҷомааш»-ро корбаст намудааст, ки дар натиҷаи ин мисраъ сактадор гардидааст [65,77].

Ба ҳамин тариқ, мутолиаи «Қиссаи Карим Девона» нишон дод, ки Муҳаммадии Салим барои суханеро бо сухане зам кардан хеле заҳмат кашидааст ва яқин қатрае аз хуни ҷигар кам кардааст, вале охирсухани банда ин аст: нависандаи хуб он аст, агар таълифоташ нисбат ба навиштаҳои ҳамтояш эҷодкорона бошанд, ба зеҳни хонандаи борикбини ҳозира афкори наву тоза зам намоянд. Аз ҳама муҳимаш, нависанда вақте ки оид ба шахсиятҳои таърихӣ асар меофарад, бофтаҳои бадеияш ҳам бояд воқеияти таърихиро сарфи назар накунад. Агар М. Салим дар нашрҳои минбаъда камбудиҳои қиссаашро эҷодкорона рафъ созад, дар болои он ҷиддӣ кор кунад, қимати он як бар сад хоҳад афзуд.

БОБИ 2. БАҲСИ ДОНИШМАНДОН ПЕРОМУНИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ ШОИРИ МАРДУМӢКАРИМ ДЕВОНА

2.1. МУҲТАВОИ БАҲСИ СОҲИБНАЗАРОН ПЕРОМУНИ МАВҶУДИЯТИ ШОИРИ МАРДУМӢКАРИМ ДЕВОНА

Пӯшида нест, ки ашъори дилангези Карим Девона то солҳои 50-ум низ тасаллобахши дили маҳзуни ҳар як тоҷики кӯҳистонии ҳисорию қубодиёнӣ, ғозималикию кӯлобӣ, вахшию раштӣ, зарафшонию дарвозӣ ва хуҷандию ховалингӣ буд, вале хонандаи тоҷик ба таври оммавӣ бо ин шоир ба шарофати кӯшишҳои шоир ва нависанда Ҳабибулло Назаров ошно гардид. Барҳақ маҳсули эҷоди Карим Девона барин шоирони халқӣ чун рози ниҳонест, ки аз даҳон берун ҷастан пас тасаллобахши дили ошиқон, таскиндиҳандаи қалби реши бенавою бечорагон ва парчами муборизаи меҳанпарастон мегардад.

Тавре ки дар фаслҳои гузашта иброз доштем, пас аз нашри дуюми «Сатрҳои оташин»-и Карим Девона (1961) бо иловаҳои нави Ҳабибулло Назаров ва ба чоп расидани қиссаи мавсуф бо номи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» (1961), баъд аз оне, ки ӯ дар пайравӣ аз Ираклий Андронников (муаллифи рисолаи илмӣ-бадеӣ оид ба адиби рус М. Ю. Лермонтов) қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро бо маслиҳати дӯстонаш ба шакли диссертатсия дароварда, дифоъ намуд, бо мақсади тозагии кори илмӣ сар аз соли 1964 дар саҳифаҳои рӯзномаи «Маориф ва маданият» аз тарафи фолклоршиносон, муаррихон, омӯзгорону рӯзноманигорон оид ба мавҷудияти Карим Девона, инқилобчӣ будан ё набудани ӯ, ба номбурда тааллуқ доштан ё надоштани баъзе шеърҳо ва монанди инҳо баҳсҳои доманадору бесобиқа бархост. Ташаббускори баҳс фолклоршиносон Рачаб Амонов ва Воҳид Асрорӣ гардиданд. Азбаски кори Ҳабибулло Назаров ба талаботи рисолаи илмӣ ҷавобгӯ набуд, дар мақолаи «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?», ки тавассути рӯзномаи маъруфи «Маориф ва

маданият» - минбари олимону фарҳангиён ва маорифчиёни ҷумҳурӣ рӯзи 23 июни соли 1964 ба чоп расида буд, мавҷудияти шоири мардумӣ Карим Девона ва ашъори марбут ба ӯро зери суол гузоштанд.

Саволе ба миён меояд, ки чаро аз соли 1958 то соли 1964 фолклоршиносони тоҷик алайҳи «Сатрҳои оташин» чизе нагуфтанду бо гузашти шаш сол – сар аз соли 1964 дар атрофи Карим Девона баҳсу мунозира барпо намуданд? Ба ин савол фолклоршинос Бозор Тилавов дар мақолааш «Карим Девона ҳанӯз дар байни оташу дуд» [102] ҷавоби хеле воқеӣ ва дуруст додааст: «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» асари бадеӣ мебошад, воқеаро бо асосу далелҳои баҳснопазири илмӣ не, балки ба воситаи тасвири бадеӣ нишон медиҳад. Повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» маҳз ҳамчун асари бадеӣ дар байни хонандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷа мунташир шуда, аз тарафи бисёр адибон баҳои мусбат гирифт. Ин асарро ба сурати илмӣ ҳам даровардан мумкин буд, вале Ҳабибулло Назаров худи ҳамин повестро ба сифати диссертатсия ба ҳимоя барои гирифтани унвони илмӣ пешниҳод кардааст, ки ин албатта боиси норозигии донишмандони ин соҳа шуд» [102, 3].

Устодон Рачаб Амонов ва Воҳид Асрорӣ мақоларо бо он оғоз кардаанд, ки Ҳабибулло Назаров – муаллифи повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» иддао дорад, ки намунаҳои ашъори Карим Девона барин як шоири инқилобиро ёфтааст ва инчунин аз интишори маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» (1958, 1961) ёдовар мешаванд. «Агар дарвоқеъ рафиқ Назаров мавҷуд будани Карим Девона барин як шоири озодихоҳи муборизро бо далелҳои муътамад исбот намуда, мавқеи онро дар таърихи адабиёт ва фолклори тоҷик дуруст ва боварибахш нишон медод, мо бо ҷону дил ӯро табрик мекардем» [102, 3] ,– мегӯянд Р. Амонову В. Асрорӣ ва баъдан таълифоти Ҳ. Назаровро ҳамчун таҳқиқот эътироф намекунанд. Онро сатҳӣ, сохтакорона ва шубҳаангез

номида, таъкид мекунанд, ки асар «...дар бораи хусусиятҳои ҷустуҷӯи илмӣ ва умуман дар бораи кори илмӣ тасаввуроти бардурӯғ ва фаҳмиши ғалатро ба амал оварда, хонандагонро ба иштибоҳ меандозад» [102, 3].

Баъдан онҳо ба сарсухани муфассали ба «Сатрҳои оташин» (чопи соли 1961) навиштаи Ҳ. Назаров эрод гирифта, таъкид мекунанд, ки Карим Девонае, ки хонааш ҳатто дар надошт, ҷандапӯш буд, тамоми сол пойлуч мегашт, бо баромадани офтоб дар зимистон ба пайраҳаҳои лағжонак аз Ҷурак ба деҳоти поён мефуромад, «Ана, ҳамин шахси бесаводи ҷандапӯши побараҳна дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар Ҳисор барин гӯшаи дурдасти аморати феодалии Бухоро тарғиби ғояҳои инқилобиро гӯё мақсади ҳаётии худ қарор дода, қишлоқ ба қишлоқ, шаҳр ба шаҳр мегардад, ба Самарқанду Бухоро меравад, бо одамони пешқадаму тараққипарвар вохӯрда, ҳамсуҳбат мешавад, ба шӯриш ва муборизаҳои халқ сардорӣ мекунад ва ҳоказо» [102,3].

Р. Амонов ва В. Асрорӣ шеъри Карим Девона «Абри зулмат»-ро [34,109-110], ки марсия дар вафоти мулло Абдурасул аст, асос намуда, мавсуфро ба сабаби «раҳнамои хосу ом», «ҳодии аҳли тариқат» буданаш ва «аз аввали шаб то саҳар зикри Худои лояном»-ро карданаш «рӯҳонии реаксионӣ» меноманд ва бо дастрасӣ ба ин шеър иддао менамояд, ки азбаски дӯсти Карим Девона – Абдурасул мулло аст, номбурда низ тараққипарвар буда наметавонад.

Агар Ҳ. Назаров Карим Девонаро яке аз ташкилкунандагони шӯриши Ҳисор [34,11] номида бошад, шояд то андозае муҳобот кардааст, вале нақши шоирро чун иштирокчии фаъоли исён будани шоирро касе рад карда наметавонад, зеро шеърҳояш аз он гувоҳӣ медиҳанд.

Р. Амонов ва В. Асрорӣ барои муқоиса ашъори дар бораи шӯриши Восеъ сурудаи мардумӣ ва ашъори Фахрии Рӯмониро мисол меоранд,

ки ҳанӯз дар солҳои 20-уми садаи XX дар байни аҳолии Кӯлобу Суғд паҳн шуда буданд. Ҳамчунин таъкид мекунанд, ки дар аввалин маҷмӯаи интишоршудаи фолклории М. Турсунзода, А. Н. Болдирев ва Алихуш ягон шеъри Карим Девонаро пайдо накардаанд, то ки ҷо диҳанд. «Агар дарвоқеъ Карим Девона шоири машҳур мебуд, ҳар як муаллим, ҳар як ходими партиявӣ ва советии район ва худи онҳое, ки аз номашон Ҳ. Назаров сурудҳо навишта гирифтааст, инро кайҳо маълум мекарданд».- [10,3] мегӯянд онҳо. Устодон Р. Амонов ва В. Асрорӣ дар ҳайрат мондаанд, ки рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» соли 1936 тавассути мухбирони худ дар водиҳои Ҳисору Вахш асарҳои фолклориро гирд оварда, дар саҳифаҳои худ чоп мекард, соли 1951 Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар водии Ҳисор экспедитсияи фолклорӣ гузаронид, экспедитсияи фолклоршиносӣ чанд сол дар водиҳои Вахшу Ҳисор давом кард, вале касе аз Карим Девона барин шоир хабар надодааст. Онҳо ба маълумоти экспедитсияи фолклорӣ такя намуда, аз мулло Карим ном шоир, ки сокини деҳаи Тошбулоқи ноҳияи Ҳисор будааст, ёдовар мешаванд ва ашъорашро инқилобӣ наменоманд. Агар экспедитсияҳои фолклорӣ ва мухбирони «Коммунист Таджикистана» ҷиддӣ ба ҷамъоварии фолклор машғул мешуданд, албатта чизе меёфтанд. Муаллифони мақола ба Карим Девона мансуб будани шеърҳои дар «Сатрҳои оташин» чопшуда шубҳа доранд. Онҳо шубҳаи худро ба он асоснок мекунанд, ки ашъори дар «Сатрҳои оташин» нашршуда услубан гуногунанд.

Қисме аз онҳоро фолклоршиносон дар вазни сабуки кӯтоҳ ва бо забони одии лаҳҷавӣ эҷодшуда ҳисобида, маҳз ҳамин қабил шеърҳоро моли Карим Девона ҳисобидаанд [34, 77]. Қисмати *дигари* шеърҳои «Сатрҳои оташин»-ро ба қалами шахси камубеш саводнок мансуб медонанд, ки он аз лиҳози вазн, қофия ва пухтагии забон ҷавобгӯи

талаботи назми классикии тоҷик мебошанд. Ба ин қисмат шеъри «Шамси анвар» ва силсилаи шеърҳои «Шӯриши Ҳисор»-ро мансуб донистаанд [34,62].

Қисмати *сеюми* шеърҳои маҷмӯаи «Сатрҳои оташин»-ро ба қалами шахси саводнок ва ба илми шеъру шоирӣ комилан балад мутааллиқ медонанд. Ғазали «Фарёд, ки маро кулфату андӯҳ ба бар ояд, Тарсам, ки аз ин воқеа умрам ба сар ояд»-ро ба ҳайси мисол оварда, иддао кардаанд, ки он аслан шеъри мукаммал ва бенуқсон будааст ва мураттиб гӯё ба он тағйирот даровардааст.

Р. Амонов ва В. Асрорӣ дар истинод ба ғазали Карим Девона «Қабои лолагун бар тан, ки бар тан бар тан аст имшаб» муъталиқиди онанд, ки шеъри мазкур моли Карим Девона нест, зеро услубаш мураккаб буда, дар пайравии ғазали Мирзо Бедил эҷод гардидааст. Муаллифони мақола оид ба масъалаҳои болоӣ фикрашонро ҷамъбаст намуда, таъкид кардаанд, ки шоири бесаводи халқӣ ин қабил ашъори гуногунуслуб навишта наметавонад. Ҳабибулло Назаров ҳар шеъру сурудеро, ки аз баёзҳо ва аз даҳони мардум шунидааст, гӯё ба Карим Девона нисбат додааст. Ба гуфти онҳо мураттиб «Дилбар» ва «Абдулмаҷидҷонам, балам» барин шеърҳоро ба сабаби дар яке зикр ёфтани калимаи «девона» ва дар дигаре «Карим» ба маҷмӯаи ашъори Карим Девона ворид намудааст. Онҳо шеърҳои «Шамолак мезанад бо барги гандум» ва «Эй очаи ҷон, бар лави дарё шавӣ-чӣ?» [34,56]-ро низ моли Карим Девона намеҳисобанд.

Онҳо ба тахаллуси Карим Девона низ эрод гирифта, иддао намудаанд, ки тахаллусгузорӣ одати шоирони бесаводи халқӣ набуда, он ба адибони босаводи касбӣ хос аст. Исми «Девона»-ро низ адибони классикӣ ба сифати тахаллус истифода кардаанд. Устод Ҳасани Муродиён Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [139, 396-397] фақат дар асрҳои XIV-XVI зикри номи шаш шоирро дарёфт

намудааст, ки ба худ тахаллуси «Девона»-ро гирифтаанд: Девонаи Балхӣ (асри XVI), Девонаи Гулханӣ (асри XIV), Девонаи Нишопурӣ (асри XVI), Девонаи Нойӣ (асри XVI), Девонаи Ҳисобӣ (асри XV), Девонаи Ҳисомӣ (асри XVI) [62,39]. Илова бар ин мо дар тазкираҳои Соммирзои Сафавӣ «Туҳфаи Сомӣ» [93, 327] бо номҳои шоирон Девона Наққоши Табрезӣ ва дар ҷилди якуми тазкираи Волаи Доғистонӣ «Риёз-уш-шуаро» [22, 572] бо Аҷрии Девона ва Девона Ҳусомии Қаландар низ дучор омадем.

Устодони фолклоршинос ба шеъри «Баъд аз зилзилаи Қаратоғ» эрод гирифта, таъкид мекунанд, ки дар фуроварди ин шеър Ҳ. Назаров баъзе порчаҳои ҷанбаи инқилобидоштаро аз худ илова кардааст:

Нидои пурсадои дӯстон андар ҷаҳон омад,

Биё, бедор шав, ки нашъаи дигар замон омад [33,43].

Устодон Р. Амонов ва В. Асрорӣ азбаски фарзандони замони худ буданд, аз мисраи Карим Девона «Тарки фармони Худо кард Олиму мири Ҳисор» [33,42] бисёр қаҳрашон меояд, вале (аз шеъраш низ пайдост) барои Карим Девона санги маҳаки ҳақиқат ва ростӣ фармудаҳои Худову расул ва Қуръони азимушшаън буд.

Муаллифони матлаб дар истинод бо мақолаи О. Маҷлисов «Ҳуҷҷати нодир» [41] иддао намудаанд, ки шеъри «Баъд аз зилзилаи Қаратоғ»-и Карим Девона мухаммаси 80-мисраиест, ки ба Хатиб ном шоир мансуб аст («Биҳамдуллоҳ зи юмни давлати оли Хатиб ҳастам») ва аз маҳфуз будани нусхаи шеъри Хатиб дар захираи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон таҳти рақами 3226 хабар додаанд. Баъдан ду банди онро меоранд, ки бо мисраи *«Қаландарҳо канӣ, ҳам косаи кӯкнори онҳо ку?!»* оғоз меёбад.

Ҳамчунин номбурдагон иддао намудаанд, ғазали дигари Карим Девона «Бегона шав»-ро мулло Абдуллоҳи Понсадғозӣ (Понғози ноҳияи Ашт), ки дар «Ҷамъ-ул-баён»-аш [107,205-206] овардааст ва дар

мақтааш тахаллуси Ғиёсӣ сабт шудааст. Сипас, зикр мекунанд, ки баёз дар китобхонаи шахсии бошандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 1 январ, шаҳраки Яккачинор, ҳавлии №62 Д. Аҳмадов маҳфуз аст. Ҳамчунин меафзоянд, ки»...асли ғазал сӯфиёна буда, дар тақлиди шоирони дарвештабиати дунёбезор гуфта шудааст:

Эй дил, ту бо пири муғон ҳамхона шав, ҳамхона шав,
Даркаш шароби ломакон, мастона шав, мастона шав...
Аз худ, Ғиёсӣ, шав фано, дар вақҳи Мансурӣ даро,
Шиблисифат аз мосиво бегона шав, бегона шав[10, 4].

Баъдан устодон ғазали Карим Девонаро меоранд, ки гӯё бо кӯшиши Ҳ. Назаров ғазали Ғиёсӣ ба худ шаклу мазмуни тозае гирифта, муаллифи нав пайдо кардааст:

Эй дил, ту бо пири муғон ҳамхона шав, ҳамхона шав,
Дар каф шароби лоласон, мастона шав, мастона шав.
Аз дарду ғам гаштам фано, афтода дар доми бало,
Аз давраи мотамсаро бегона шав, бегона шав!
Аз қайди ҳастӣ шав бурун, дар кӯчаи ҷазму ҷунун,
Дар зери чархи нилгун, Абдукарим, афсона шав! [33,55].

Р. Амонов ва В. Асрорӣ ба шеъри «Зуд вайрон шав» [33,104] низ, ки онро сокини деҳаи Тугараки ноҳияи Восеъ Камол Сафаров бо расмулхати бобоӣ навишта, ба Ҳ. Назаров фиристодааст, бо шубҳа нигаристаанд. Ба мавзӯи шеър, муъҷазии он, ба халқ фаҳмо будан ва ба осонӣ дар хотир мондани он, пухтагӣ ва ҳозирҷавобӣ, ихтилофоти ғоявӣ дар шеър дудилагӣ мекунанд ва дар мавридҳои зерин ба шеър аломати савол мегузоранд:

Фалак, фарёд дорам аз ҷафоят, зуд вайрон шав,
Ба дарду меҳнати айём чун ман синабирён шав (?)
Ба дасти модари гетӣ(?)ту ҳам ғарқоби тӯфон шав(?)
Зи авҷи рифъати (?) худ бар замину хок яксон шав.

Дар ин дайри фано кардӣ ту чандин халқро ғорат,

Илоҳӣ, эй фалак, асло назодӣ модари зорат (?)

Бикардӣ ҷумла махлуқони олам чун (?) гирифторат.

Бисӯзад(?)оташи қаҳри Худо(?)аз ин нақши тӯморат(?)

Чу беморон ту муҳтоҷи дуои ҳар дуохон шав.

Тамоми халқи оламро (?) ту аз ёраш ҷудо кардӣ,

Тамоми инсу ҷинро (?!) ҳам ту бар доми бало кардӣ,

Илоҳо, эй бадахтар, ту ҷудо аз нури имон шав!

Устодон шеърҳои Карим Девонаро аз диди ғоявӣ низ аз ғирболи андеша гузаронида, ба шеъри «Моро ятим кардаст Худо...» [33,48] эрод гирифта, «Ӯ аз дасти Худо дод мегӯяд» [10, 4] гуфта, ҳама неку бадро аз тақдирнавис дидани шоирро чун шахси Худобезор маънидод месозанд.

Устодони фолклоршинос аз он ки Карим Девона дар марсияи ба мулло Абдурасули Қубодиёнӣ бахшидааш, ки пири рӯҳониаш низ мебошад, чун марди Худоҷӯи ихлосманд «Рӯҳи покаш дар садри ҷаннат ҷо гирифт» [33,109] мегӯяд, изҳори норизоӣ мекунанд. Шоир, ба ақидаи онҳо, чун инқилобчӣ бояд дар ягон ҷойи шеъраш номи Худову ҷаннатро нагирад, яъне онҳо чун фарзандони замони худ мардумро дар рӯҳияи динситезӣ тарбия карданӣ мешаванд:

Аз дари Қубодиён омад бурун моҳи тамом,

Ҳодии аҳли тариқат, раҳнамои хосу ом,

Баҳри файзаш халқи оламро ба ӯ кардӣ ғулом,

Аввали шаб то саҳар зикри Худои лояном,

З-ин ҷаҳон бигзашт пири мо, раҳи уқбо гирифт,

Рӯҳи покаш аз бадан дар садри ҷаннат ҷо гирифт [33,109].

Ё дар ҷойи дигар устодон ба он ҷиҳати шеъри «Зилзилаи Қаратоғ» эрод гирифтаанд, ки Карим Девона ба ғазаби Худо гирифтор шудани амалдоронро хостгор шудааст. Онҳо шеъри зерини ба забони

ӯзбекӣ навиштаи Карим Девонаро, ки бо байти «Бу дардингни Худо осон айлар, Ким ошиқ бўлган Ҳаққа йиғлар» оғоз меёбад, ба Ҳувайдо нисбат додаанд:

...Карим Девона, ё Раб сенга шайдо,
Ки мен парвона, сан шамъи жаҳонсан [33,115-117].

Ниҳоят, онҳо тахаллуси Карим Девонаро низ ҷанбаи динӣ медиҳанд: «...шоирони масти ишқи Худо гардида «Девона» барин тахаллусро ба худ аз ҳама муносибтар медонанд» [10,4] ва таҳти таъсири таълимоти роиҷи давр шеърҳои мазмуни динӣ доштаи шоирро зарарнок номидаанд [10, 4].

Дар фуроварди мақола устодон Р. Амонов ва В. Асрорӣ мавҷудияти шоире бо исми Карим Девонаро рад карда, аз кулли гуфтаҳояшон хулоса мебароранд: «Карим Девона, гӯё мисли шамъдони тилисмот дар афсонаҳои «Ҳазору як шаб» ба қаъри гумномӣ афтода, худу соҳиби худ -Аловаддини худро интизорӣ мекашид. Ҳамин ки соҳибаш аз ӯ нишоне ёфт, муъҷизаҳо ба миён омад: пай дар ҳам шеърҳояш пайдо шудан гирифтанд, як шоири револютсионии машҳури Бухорои шарқӣ, муаллифи шеърҳои ҷанговарона, маршҳо ва шиорҳои инқилобӣ буданаш, аз инқилоби соли 1905 рус таъсир гирифта, шӯришҳои инқилобии оммаи меҳнаткашро ташкил карданаш «маълум» гардид. Инчунин «маълум» гардид, ки на фақат аҳли адаб, балки таърихшиносон, аз ҷумла, таҳқиқотчиёни таърихи Ҳисор ба кадом сабабе аз ин хел ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ ва ҷамъиятӣ тамоман бехабар монда будаанд» [10,4].

Баъди чопаш мақолаи устодон Р. Амонов ва В. Асрорӣ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» [10] дар байни аҳли илму адаб ва фарҳанги ҷумҳурӣ ҳам ҳамовозӣ ва ҳам акси садо пайдо намуд. Охир, барои бо ҳуқуқшиноси намоёни ҷумҳурӣ панҷа нарм кардан ва ҷустуҷӯҳои

чандинсолаи ӯро зери тозиёнаи танқид кашидан танҳо ва танҳо ҷуръат ва диловарӣ талаб мекард. Агарчи нуқтаи назари устодон Р. Амонов ва В. Асрорӣ ба ҳама қобили қабул набошанд ҳам, вале онҳо бо ин мақолаашон барои тозагии кори илмӣ ва таълифи рисолаҳои номзадию докторӣ дар илми фолклоршиносӣ хизмати босазоеро анҷом додаанд.

Пас аз интишори ин мақола таҳти унвони «Хонанда фикр мекунад, хулоса мебарорад, баҳс мекунад» дар саҳифаҳои рӯзномаи «Маориф ва маданият» мақолаҳои ҷавобии З.Ш. Раҷабов «Оё ин дуд оташ дорад?» [88], Б.Тилавов «Карим Девона ҳанӯз дар байни оташу дуд» [102], Раҳматов Ҳ. «Бори дигар дар бораи оташу дуд» [81], Мухторов А. «Дар бораи»оташу дуд» [63], Мирзоев К., Ҳусейнов И., Саидов Д. «Дар бораи «оташу дуд»[45] ва «Оташе, ки Карим Девона афрӯхт...» [46], С. Шоҷамолов «Баъзе андешаҳо»[118], И. Ҳидоятов «Сатрҳои оташин»-и Карим Девона – меҳмони ӯзбекон» (1964) ва дигарон чоп шудан гирифтанд.

Академик З. Ш. Раҷабов аввалин шуда ба мақолаи устодони фолклоршиносон Р. Амонов ва В. Асрорӣ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» мақолаи ҷавобӣ навишт.

З. Ш. Раҷабов мақоларо аз тавсифи Ҳ. Назаров ва фаъолияти эҷодии ӯ оғоз намудааст. Тибқи маълумоти номбурда Ҳ. Назаров кайҳост, ки ба омӯхтани рӯзгор ва осори Карим Девона машғул буда, доир ба ин масъала як қатор мақола ва корҳои муҳим, аз ҷумла, китоби «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро навиштааст. Ин асар ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ пурра ва бо забонҳои англисӣ, олмонӣ, шведӣ ва ғайра қисман тарҷума шудааст.

Номбурда таъкид мекунад, ки Ҳабибулло Назаров мутахассиси соҳаи фолклоршиносӣ намебошад, вале бо кашфи ному эҷоди Карим Девона ба бозёфти азиме комёб гардид. Ба қавли З. Ш. Раҷабов аксари

намояндагони аҳли илму адаби собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба бозёфти Ҳ. Назаров мароқ зоҳир кардаанд. Дар ин бора С. Куликов [37], Л. Ломатина [40], С. Липкин [38], Л. Михайлова [48], Н. Соколова [96], Н. Тихонов [104], Г. Корабелников [36], Ю. Смирнов [95], Н. Маъсумӣ [42] ва дигарон афкори мусбат баён кардаанд. Бинобар ақидаи З. Ш. Рачабов профессорон И. С. Брагинский, Г. Ломидзе ва Д. Комиссаров низ ба китоби Ҳабибулло Назаров»Дар чустучӯи Карим Девона» баҳои баланд додаанд.

Дар идомаи мақола З. Ш. Рачабов дар истинод ба таълифоти *М. Турсунзода* бо номи «Кобзари мо» («Наш Кобзарь»), ки мақола дар рӯзномаи «Правда» аз 10 марти соли 1961 чоп шудааст, баҳои номбурдаро дар қиболи чустучӯҳои ачоиби Ҳ. Назаров овардааст: «Шеърҳои Шевченкоро хонда, дар онҳо оҳанг, фикр, ҳатто нидоҳои шиносро пайдо менамоем ва симои санъаткори дигаре ба назар чилвагар мешавад, ки он сарояндаи халқии мо-точикон, сарояндаи оворагард Карим Девона мебошад. Ӯ дар шеърҳои худ бо як ҳисси ҳамдардӣ ва бо аламу ҳасрат дар бораи аҳволи вазнини камбағалон ҳикоят мекунад, ба рӯҳониён, қозӣ ва муллоёни чоҳил нафрат мехонад, мардумро дар мубориза ба муқобили бою давлатмандон, бар зидди ҳукумати амирӣ ба по мехезонад».

З. Ш. Рачабов бо ҳамин ба хулосае меояд, ки «Дар чустучӯи Карим Девона»-и Ҳабибулло Назаровро барчастатарин арбобони адабиёт ва адабиётшиносӣ маъқул донистаанд» [88]. Баъдан З. Ш. Рачабов инони суханро чониби такризи Р. Амонов ва В. Асрорӣ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» гардонида, эродҳои онҳоро оид ба классики адабиёт дониста шудани Машраб, на ҳамеша низоми талаботи илмиро дар кори худ риоя кардани Ҳ. Назаров, бо ғалатҳои даҳал чоп шудани баъзе шеърҳои мачмӯаи «Сатрҳои оташин» ва монанди инҳоро маъқул медонад» [88,3].

З. Ш. Рачабов аввал мулоҳизаҳои худро оид ба методи танқиди адабӣ баён мекунад. Ӯ изҳор медорад, ки «Танқиди рафиқонаи осори адабӣ, ёрии рафиқонаи тарафайн, мубодилаи озод ва бетакаллуфонаи рафтор» бояд «маҳаки мубоҳисаи ҳақиқии эҷодӣ» [88,3] бошад.

С. Шоҷамолов аз шаҳри Хоруғ дар мақолаи худ бо номи **«Баъзе андешаҳо» [134]** ақидаи муаллифони мақолаи «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» [10] Р.Амонов ва В.Асрориро пурра дастгирӣ кардааст ва мақолаашонро аз ҷиҳати моҳияти масъала диққатангез номидааст.

С. Шоҷамолов низ чун Р. Амонов ва В. Асрорӣ аз он ки Ҳ.Назаров «Карим Девонаро аз шоири номаълум ва гумноми халқӣ, ки то ба наздикӣ мардуми Ҳисор дар бораи ӯ маълумоте надоштанд, яку якбора ба дараҷаи шоири инқилобӣ бардошта, бо номи»Сатрҳои оташин» ашъорашро низ дар шакли китобчае дастраси оммаи хонандагон гардонидааст» [134,1] бонги изтироб мезанад. Аз он С. Шоҷамолов изҳори ташвиш мекунад, ки чаро дар китоби «Фолклори тоҷик», ки солҳои 40-ум аз тарафи М. Турсунзода ва А. Н. Болдирев тартиб дода шудааст, ҳатто порчае аз шеърҳои Карим Девона оварда нашудааст. Баъдан фикру мулоҳизаҳои худро оид ба «баъзе шеърҳои шубҳангезе, ки дар китоби «Сатрҳои оташин» ба назар мерасанд» [134, 1], баён намудааст, ки тақрибан фарогири чунин масъалаҳост:

1. Чун Р. Амонов ва В. Асрорӣ шеъри «Бегона шав»-ро моли шоир Ғиёсӣ мешуморанд, фикри дуруст аст ва гӯё ин шеър дар «Сатрҳои оташин» бо баъзе дигаргуниҳо оварда шуда бошад.

2. Шеъри «Кач ояд»-ро низ ба қалами Карим Девона мансуб намедонад ва мегӯяд, ки шеър дар Бадахшон бо номи «Бедавлату бодавлат» машҳур аст. Аз номи сокини деҳаи Поршневи ноҳияи Шуғнон, сароянда халқӣ Шомаҳмуд, ки он солҳо 60-сола будааст, ин шеърро аз они Шамси Табрезӣ медонад:

Метарсам аз он рӯз, ки умрам ба сар ояд,

Ин толею бахтам бинигар хубтар ояд.
Бедавлат агар барра барорад бар сари бозор,
Он барра ҳамон лаҳза ба дуздӣ ба дар ояд.
Бодавлат агар дуздӣ равад бар сари бозор,
Гӯянд, ки ҳоҷист, ҳамин дам зи ҳаҷ ояд.
Бедавлат агар ташна шавад бар лаби обе,
Ӯ роҳ наёбад, ки дар он об дарояд.
Бодавлат агар ташна шавад дар сари кӯҳе,
Гар ҳоҷати обе шавад, аз санг барояд.
Бедавлат агар аспи накуро бинишинад,
Шеби қадамаш лошахари ӯ бадар ояд.
Бодавлат агар лошахареро бинишинад,
Дар чашми халоиқ зи ҳама хубтар ояд.
Бедавлат агар масҷиди одина нишинад,
Хишташ фурӯ резаду меҳроб каҷ ояд.
Бодавлат агар хонаи торик нишинад,
Он хона шавад равшану ганҷаш бадар ояд.
Бедавлат агар ҷомаи сӯфӣ бипӯшад,
Аз хона берун ояд, дузде бирабояд.
Бодавлат агар кӯҳнагилеме бипӯшад,
Дар чашми халоиқ зи ҳама хубтар ояд.
Бингар ки чӣ мегӯяд Шамсулҳақи Табрез,
Бодавлату бедавлат ҳарду басар ояд [134,1].

С.Шоҷамолов шеъри «Дилбар»-ро низ ба «Сатрҳои оташин» саҳван дохилшуда мешуморад, зеро он дар «Фолклори тоҷик» низ дарҷ ёфтааст. Ҳатто дар банди охири шеър омадани номи «Девона»-ро ба таври худ шарҳ медиҳад:»Дар ин ҷо ба фикри мо, «девона» мурод аз ошиқ аст, на Карим Девона» [134, 1] мегӯяд ӯ (шакли дурусташ «мурод аз девона» бояд бошад – Х.Ф.). Агар ҳамин тавр бошад, чӣ гуна ғазали

Саҳбо аз Бухоро то ба Бадахшон расид ва шоири халқ Қудрати Шуғнонӣ (1824-1914) онро ба таври худ дигаргун сохта суруд. Ғазали Саҳбо бо байти *«Дил шарбати васли ту чашидан натавонист, Чашмам маҳи рухсори ту дидан натавонист»* [18, 395-401] оғоз меёбад ва Қудрати Шуғнонӣ ба он ба таври зайл мухаммас бастааст:

Чашмам гули рухсори ту дидан натавонист,
Дастам гуле аз боғи ту чидан натавонист,
Гӯшам зи лабат ҳарф шунидан натавоист,
Дил соғари васли ту чашидан натавонист.
Ҷонро ба талаб оварду супурдан натавонист...[62,63].

Фолклоршинос **Бозор Тилавов** низ баъди чопи мақолаи Р.Амонов ва В. Асрорӣ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» ва мақолаҳои ҷавобии А. Мухторов «Дар бораи оташу дуд» ва З. Ш. Раҷабов «Оё ин дуд оташ дорад?» таҳти унвони «**Карим Девона ҳанӯз дар байни оташу дуд**» [102] мақолаи ҷавобӣ менависад ва дар он аз мавқеи Р. Амонов ва В. Асрорӣ ҳимоят мекунад, ақоиди А. Мухторовро, ки барои дастгирии номбурдагон овоз баланд карда буд, дастгирӣ менамояд.

Б. Тилавов мақоларо бо суханони тавсифии «Ҳабибулло Назаров нисбат ба фолклор ҳақиқатан чанд сол боз аз пайи ҷустуҷӯи шоир Карим Девона гашта, дар натиҷа повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ва маҷмӯаи «Сатрҳои оташин»- ро ба майдон овард» [102,3] оғоз менамояд.

Баъдан, ба таҳлили «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» гузашта, онро асари бадеӣ меномад, зеро «...воқеаҳоро бо асосу далелҳои баҳснопазири илмӣ не, балки ба воситаи тасвири бадеӣ нишон медиҳад» [102, 3]. Таъкид мекунад, ки ин повест ҳамчун асари бадеӣ дар байни хонандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷа мунташир ва

баҳои мусбат гирифт, аммо иқрор мешавад, ки ин асарро ба сурати илмӣ ҳам даровардан мумкин буд. Вале аз амали Ҳ.Назаров, ки ин повестро ба сифати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология пешниҳод кардааст, баробари Р.Амонов ва В.Асрорӣ изҳори норозигӣ мекунад [102, 3]. Дар идомаи сухан Б.Тилавов иддао мекунад, ки «...мубоҳиса дар бораи шахсият, яъне умуман будан ё набудани шоир Карим Девона намеравад» [102,3]. «Модоме ки сокинони деҳаҳои кӯҳистони Ҳисор, водии Боботоғу Ғозималик, - мегӯяд Бозор Тилавов,- Карим Девона ном як шоири халқиро шахсан мешинохтаанд ва як қатор шеърҳои ӯро дар хотир доштаанд, ин масъала худ аз худ аз миён бардошта мешавад» [102, 3]. Б. Тилавов ақидаи Р. Амонов ва В. Асрориро дар хусуси шоири инқилобӣ набудани Карим Девона бо назардошти он, ки Ҳ.Назаров ба эҷодиёти Карим Девона бе алоқамандӣ бо таърихи макони зисти ӯ баҳогузорӣ кардааст, дастгирӣ мекунад, зеро «Ҳ.Назаров бе исбот Карим Девонаро шоири инқилобӣ эълон кардааст, кори дақиқи текстологӣ, тадқиқотӣ –илмӣ набурда, чанде аз шеърҳои камубеш тағйирдодаи халқӣ ва шоирони гуногуни босаводро ба як шоири бесавод нисбат медиҳад, тарафҳои сусти ғоявӣ ва маҳорати эҷодӣ, маҳдудияти таърихии шоир Карим Девонаро аз назари эътибор дур меафканад» [102,3].

Б.Тилавов ақидаҳои Р.Амонов, В. Асрорӣ, А.Мухторов ва З.Ш. Рачабовро бонизом шарҳ дода, нуқтаи назари худро зикр менамояд. Ба Карим Девона тааллуқ доштани кулли шеърҳои «Сатрҳои оташин»-ро исботнашуда меҳисобад, чунки гӯё матни аслии ашъори шоир муайян ва муқаррар нагардидааст.

Б. Тилавов суханони дар муқаддимаи «Сатрҳои оташин»-и Карим Девона [34, 30] ироадоштаи Ҳ. Назаров:«Ҳоло тадқиқоти мо оид ба Карим Девона давом дорад. Аз хонандагон илтимос дорем, ки дар ин

бора ёрӣ ва фикру мулоҳизаҳои худро дареғ надоранд»-ро асос намуда, таъкид мекунад, ки Р.Амонов, В.Асрорӣ ва А. Мухторов бо мақолаҳои асосноки танқидиашон кӯмакашонро аз Ҳ.Назаров дареғ надоштаанд.

Б.Тилавов чунин ақидаро низ пеш меронад, ки шоирони халқӣ аввал шеърҳои дигар шоиронро аз ёд мекунанд ва баъдан худашон шеър мегӯянд, вале дар вақти гуфтан дар миёни халқ байни шеъри худ ва аз они дигарон тафовут намегузоранд. Бинобар ин на ҳама шеърҳое, ки халқ аз номи Карим Девона мехонад, аслан ба ӯ тааллуқ доранд.

Ӯ ақидаи Р. Амонов ва В.Асрориро дастгирӣ намуда, ғазали «Бегона шав»-ро ба шоир Ғиёсӣ ва мухаммаси «Баъд аз зилзилаи Қаротоғ»-и Карим Девонаро моли Хатиб ном шоир меҳисобад.

Бозор Тилавов навиштаҳои Ҳ.Назаровро ба муқобили ӯ гоҳо истифода мекунад. «Маълум аст, ки шоир Карим Девона шахси бесавод буда, аз он ягон чизи навишташуда чун мерос ба мо намондааст» [34,29],- таъкид мекунад Ҳ.Назаров». «Лекин дар ду шеъри мазкур («Баъд аз зилзилаи Қаротоғ» ва «Бегона шав» -Х.Ф.),- менависад Бозор Тилавов, - инчунин дар саҳифаи 71, 105, 117-уми «Сатрҳои оташин» [34] сурати дастхати арабии шеърҳои Карим Девона дарҷ гардидааст» [34,3], ақидаи Ҳ. Назаровро оид ба ягон дастхат надоштани Карим Девона зери суол мегузорад.

Ғазал-мувашшаҳи Карим Девона бо радифи «Имшаб» гуфташударо, ки ба қорӣ Баракатхон бахшида шудааст, шеъри аз тарафи шахси босавод гуфташуда меҳисобад ва чунин меҳисобад, ки Карим Девонаи бесавод мувашшаҳ гуфта наметавонад ва ҳамчунин дар мақтаи ғазал тахаллуси шоир оварда нашудааст:

Зи ашъори фасеҳ гар ту умеди муддао хоҳӣ,

Зи ҳарфи аввалин чидан, ки чидан-чидан аст имшаб.

Муҳаққиқ ба шеъри Карим Девона «Шамси анвар» [34,61-65], ки аз 21 банд фароҳам омадааст, низ бо шубҳа менигарад. Ӯ аввал матлау мақтаи онро меорад:

Матлааш:

Шамси анвар дар ҳиҷил аз рӯят, эй абрӯкамон,
Чашми мастат-дилбару рухсораат- шамъи ҷаҳон ,
Зулфи ту чун турраи сунбул фитода дар миён.
Ҳарчи гӯям, фарқ дорад аз замин то осмон,
Меҳри ту дар сина ҷо шуд кори ман шӯру фиғон,
Сӯхтам ман дар фироқат, дилбари номеҳрубон.

Мақтааш:

Ҳарду рухсорат ба мисли шамси анвар гаштааст,
Аз фурӯғи ҳусни ту олам мунаввар гаштааст,
Шӯри ишқат бар сарам савдои маҳшар гаштааст,
Ин Карим- Девона дар ишқат қаландар гаштааст,
Меҳри ту дар сина ҷо шуд кори ман шӯру фиғон,
Сӯхтам ман дар фироқат, дилбари номеҳрубон [34, 3-4].

Б. Тилавов иқрор мешавад, ки зикри тахаллуси Карим Девона дар ин шеър шубҳаро дар хусуси моли Карим Девона будани он барҳам мезанад, вале боз асноди маҷҳули бесавод будани Карим Девонаро асос мекунад ва мегӯяд, ки аз ҷиҳати забон, тарзи баён, вазн, қофия, тасвир, образҳои бадеӣ шеъри «Шамси анвар» пурра ба талаботи назми хаттӣ мувофиқ аст, хусусиятҳои эҷодиёти даҳанакӣ бошад, дар шеъри мазкур тақрибан мушоҳида карда намешавад» [102,4]. Б. Тилавов «Шамси анвар» барин шеъри калонҳаҷмро зиёда аз 50 сол дар хотир нигоҳ доштанро имконнопазир меҳисобад ва хулоса мебарорад, ки «...ё Карим Девонаи мо босавод будааст, ё Карим Девона ном шоири бесаводи дигаре гузашта будааст» [102, 4].

Бозор Тилавов мухаммаси «Инсон ғулом намешавад» [102, 37-38]-ро низ ба сабаби ҷанбаи китобӣ доштанаш ва дар мақтааш байти «*Агар ин кулфату хорӣ, азобу ғуссаи дилҳо - Баён созам, намеғунҷад ба дафтар доғи мушкилҳо»* [102,38] зикр шуданаш моли Карим Девона буданашро ба шубҳа менигарад.

Б. Тилавов Ҳ. Назаровро ба идеализатсия кардани Карим Девона ва ба тарафҳои сусти ғоявӣ ва маҳорати бадеии Карим Девона аҳамият надоданаш мулзам намуданӣ мешавад, ки Карим Девонаро чун муборизи ашаддии зидди дин нею чун як инсони одии Худотарс нишон додааст ва байтҳои марбут ба ин мавзӯъ сурудаи Карим Девонаро аз байни шеърҳояш гулчин намуда, зикр намудааст:

Чу беморон ту муҳтоҷи дуои ҳар дуохон шав,
Илоҳо, эй бадахтар, ту ҷудо аз нури имон шав (34,104).
Ин ғазаб аз Холиқи ҳарду ҷаҳон шуд, во дареғ,
Офате нозил ба халқи Андиҷон шуд, во дареғ [34,46],
Ҷунбиши ин зилзила аз олами асрор шуд,
Як хабар бар мардуми бедодгару хунхор шуд [34, 42].
Як муноҷот бишнав аз Девонаи пири Ҳисор,
Суҳбати марди Худо беҳтар зи ҳар қанду асал,
Эй бародар, ҳарчи бошад тақдири рӯзи азал,
Ихтиёри куллуҳум дар дасти зоти бебадал [34,34].

Ҳамчунин дар танқиди мухаммаси ӯзбекие, ки дар саҳифаҳои 115-116-уми «Сатрҳои оташин» (1961) оварда шудааст, ба муаллифони мақолаи мубоҳисавӣ ҳамовоз шудааст.

Б. Тилавов ба шарҳи маънои тахаллуси Девона гирифтани Карим, ки онро Ҳ. Назаров «...муборизу тарғиботчии ҳақиқату адолат» (ҳамон мақола, 4) маънидод намудааст, зид баромада, аз он низ мазмуни динӣ ҷустааст ва барои исботи фикраш мухаммаси ӯзбекии зеринро овардааст:

Аё саттор, эй собир, Худоё,
Узингсан бандани ҳолидин ого(ҳ),
Мурод сендин, эгам, имрӯзу фардо,
Карим Девона, ё Раб, сенга шайдо,
Ки ман парвона, сан шамъи жаҳон сан [34,116)]

Аз оне, ки Карим Девона дар марсияи «Абри зулмот» мулло Абдурасули Қубодиёниро «Ҳодии аҳли тариқат» ва «Қутби асри хеш бар давраш муридон саф ба саф» мегӯяд ва Ҳ. Назаров ӯро шахси фозил ва тараққипарвар меномад, Б. Тилавов як байти марсияи фавқро оварда, эълом меорад, ки «...сӯфии мутаассиб ва ошиқи Худо будани Карим Девона аз он равшан шуда меистад» [102, 4]:

З-ин ҷаҳон бигзашт пири мо, раҳи уқбо гирифт,
Рӯҳи покаш аз бадан дар садри ҷаннат ҷо гирифт [34,109].

Б.Тилавов чунин ақида дорад, ки баъзе шеърҳои Карим Девона шарҳу эзоҳи илмиро тақозо мекунанд. Барои мисол ӯ шеърҳои зеринро овардааст:

Чу сарфи бедарак нос аст,
Арақу нашъа ифлос аст.
Касе накнад, ҳамон хос аст,
Ба марди кӯр фанар ҳайф аст [34,84].

***

Тарки фармони Худо кард олиму мири Ҳисор,
Баъзе онҳо хӯрд арақ бар даст гирифт чоми шароб...(34, 42).

***

Ғозиён кӯҳи баланду босафову дилбар аст...[34,41].

Номбурда калимаҳои «арақ» ва «фанар»-ро мисол меорад ва онҳоро ба замон, забон ва услуби Карим Девона, ки дар охири асри XlX ва ибтидои асри XX зистааст, чандон созгор намеҳисобад. Б. Тилавов

шеърҳои Карим Девона «Ба дӯст» [34,39-40] ва «Мезананд девонаро» [34,58)] низ «...бе шарҳу эзоҳи даркорӣ номафҳум» мешуморад.

Б.Тиловов суруди зеринро низ бо услуби имрӯза гуфташуда дониста, онро «шубҳанок» меҳисобад:

Ду абруи хамида чун ҳилолат,
Гирифторам ба он ҳусну ҷамолат.
Намедонаи туро, ҷононаи ман,
Дар ин деҳа дурри якдонаи ман.
Куҷою кай бубинам, роз гӯям,
Азизам, дилбарам, бахти накӯям [34, 57].

Ҳамчунин Б. Тилавов ба он эрод мегирад, ки Ҳ.Назаров ба матни аз гӯяндаҳо навишта гирифтааш тағйирот даровардааст, сарлавҳаҳоро худаш худсарона гузоштааст.

Дар охир аз маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» Б. Тилавов танҳо «Девона «...шеърҳоеро, ки бо услуби халқӣ, мувофиқи қонуну қоидаҳои назми даҳанакӣ гуфта шудаанд», ба Карим Девона нисбат медиҳаду халос, зеро «...дар баъзеи онҳо мотивҳои иҷтимоӣ, шикоят аз бедолатии замон, золимон, ҳаҷви боён, арбобони давлат, шахсони ҷудогона бо мазмунҳои динӣ- реаксионӣ омехта шуда омадаанд» [102, 4].

Дар мақолаи «**Дар бораи оташу дуд**» [45], ки ба қалами Кароматулло Мирзоев, Иззатулло Ҳусейнов ва Давлат Саидов, муаллимони мактаби ба номи Аҳмади Дониши ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) мансуб мебошад, сухан аз онҳоест, ки Карим Девонаро мешинохтанд.

1. Сокини деҳаи Сарикиштӣ Йӯлдош Соҳибназаров (Йӯлдош-командир) хотираҳояшро дар бораи Карим Девона навишта, ба нашрия фиристодааст, ки номбурда дӯсти падараш буда, дар дӯкони ӯ карбосбофӣ мекардааст. Дар ин хусус Ҳ. Назаров низ дар қисми 6-уми повести «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» [71, 89-90] ҳикоят намудааст.

2. Бошандаи деҳаи Сунбулаи ноҳияи Ленин (Рӯдакӣ) Имомназар Соҳибови 76-сола дар мактуби худ навиштааст, ки Карим Девонаро хеле хуб мешинохтааст, бо ӯ ҳамсуҳбат шуда, шеърҳояшро аз забони худи ӯ шунидааст. Имомназар низ мисли Карим Девона аз деҳаи Хӯҷазикриё зан гирифта будааст ва баъзан онҳо ба хонаи хусурашон ҳезум мекашонидаанд ва дар давоми сафар Карим Девона оид ба падарарӯсаш шеърҳо мегуфтааст, ки хеле аҷиб будаанд, вале ба сабаби аз калимаҳои фаҳш иборат буданашон гуфтанашонро зарур нашумурдааст.

3. Кормандони Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимони шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) Ш. Сафаров ва М. Ҷайлоев аз номи сокини 84-солаи ҳамин шаҳр Ширинқул Авлиёқулов овардаанд, ки Ширинқул ва Карим Девона домодҳои мулло Зикриё, сокини деҳаи Хӯҷазикриё будаанд ва зани Карим Девона духтари калонии Зикриё-Боғигул будааст. Ширинқул бисёр шеърҳои Карим Девонаро аз ёд медонистааст.

4. Ҳунарманди театри драмавӣ-мусиқии шаҳри Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) Саидмурод Мардонов дар мактубаш менависад, ки соли 1961 ба зодгоҳаш деҳаи Дурбати ноҳияи Ҳисор ба хонаи бобояш усто-Давлат рафтааст. Дар рафти суҳбат бобояш аз Карим Девона ёд карда мегӯяд, ки пеш аз инқилоб Карим Девона ном шоир аз деҳаи Ҷураки Ғозималик ба ҷойҳои онҳо меомадааст. Ӯ марди сурхинаи миёнақад буда, риши зардчатоб доштааст.

К. Мирзоев дар хусуси Карим Девона аз падари марҳумаш, ки дар соли 1950 дар синни 74-солагӣ фавтида будааст, баъзе ривоятҳо шунида, дар хурдсолӣ «Тӯйи калон дар Ҷурак» ном шеъри шоирро азёд карда будааст.

Муаллифони мақола мешунаванд, ки сокини деҳаи Оқчакман, шоири халқӣ Қаюм Ҷаббор гуфтааст, ки мулло Исои Моинкаҷӣ Карим Девонаро мешинохтааст. Муаллифон ба деҳаи Моинкаҷ рафта, бо

мулло Исо мулоқот меороянд. Мавсуф нақл мекунад, ки як рӯзи тирамоҳ бо рафиқаш ба бозори Душанбе рафтаанд. Арафаи инқилоб будааст. Рафиқаш ба ӯ як одамро нишон дода, мегӯяд, ки ана Карим Девона. Мулло Исо он вақт як шеъри ба зилзилаи Қаротоғ бахшидаи ӯро азёд медонистааст. Ӯ дар бозор карбос мефурӯхтааст. Дар танаш як ҷомаи серямоқи дарозе дошта, лаби домани он қариб ба замин мерасидааст. Андомаш низ зоҳиран ба девонаҳо монанд будааст. Мулло Исо бо ӯ вомехӯрад ва таъкид мекунад, ки дар якчанд маъракаҳо низ ӯро дида будааст. Мулло Исо баръакси тамоми шоҳидони ҳол изҳор мекунад, ки «Ӯ андаке хату савод ҳам дошт» [45,1].

Ҳасан Юсуф бесаводии шоирро комилан рад мекунад: дар иртибот ба ин гуфтаҳои мулло Исо («Ӯ андаке хату савод ҳам дошт»), шавҳари хоҳари завҷаи шоир Ширинқул Авлиёқулов («Карим Девона худаш менавишт, хату савод дошт») ва тахмини Ӯроқ Ҳамидови Даштнаботӣ («Карим Девона камтар хату савод дошт, чунки дар маъракаҳои китобхонӣ китобҳоро гирифта нигоҳ мекард») муътақиди он аст, ки Карим Девона бесавод нест [120,70].

«Ин суханони мулло Исо, - изҳор мекунанд муаллифони мақола,- ҳам далели онанд, ки Карим Девона шахси ҳақиқист, ки ёру ҷӯра, хешу табор ва мухлисони шеърҳояшро низ доштааст» [45,1].

Муаллифон мақолаи М. Турсунзода «Кобзари мо» («Наш Кобзарь»)-ро ба хотир меоранд, ки соли 1961 (10 март) дар рӯзномаи «Правда» чоп шуда буд. Мавсуф бо ифтихор менависад: «Шевченкоро хонда истода, ман ҳамоҳангии ашъорашро дар шеърҳои сарояндаи тоҷик, шоири халқӣ Карим Девона мебинам».

Муаллифон дар охир дар шакли китобчаи алоҳида чоп шудани ашъори Карим Девонаро табрик гуфта, миннатдории худро ба Ҳ. Назаров баён мекунанд.

Мақолаи дуюми муаллифони фавқ **«Оташе, ки Карим Девона афрӯхт…»** ном дошта, дар газетаи «Маориф ва маданият» рӯзи 27

феврали соли 1965 интишор шудааст. Мақолаи мазкур чун таълифоти пешинаи муаллифон барои дастгирии Ҳ.Назаров нигаронида шудаанд. Муаллифони мақола изҳори хурсандӣ кардаанд, ки Р. Амонову В. Асрорӣ дар мақолаи баъдинаи худ аз 6 январи соли 1965 мавҷудияти Карим Девонаро эътироф мекунанд. Муаллифон муътақиданд, ки Ҳ.Назаров ҳоло ҳам ба бисёр ёру дӯстони Карим Девона вонахӯрдааст, теъдоди ашъори гумноми шоир ҳанӯз кам нест. Онҳо барои тасдиқи фикри худ аз кӯри Ҳалим, машҳур бо номи Ҳалим Девона ёд мекунанд, ки дар деҳоти атрофи Роҳатӣ зиста, бинобар гуфтаи домодаш Мавлон Махсумови 50-55-сола-сокини деҳаи Оқчакман табъи шоирӣ дошта, аз ёрони қарини Карим Девона будааст. Ҳалим Девона дар сафарҳои Карим Девона ба Деҳнав, Даштинавот, Регар ва дигар ҷойҳо бо шоир на танҳо ҳамсафар будааст, балки аксари шеърҳои шоирро азёд месурудааст. Муаллифон ин ҷо аз забони Мавлон ду тарона ва як байти нави ҳаҷвии Карим Девонаро низ овардаанд. Ҳамчунин онҳо ду шеъри то ҳол китобатнашудаи Карим Девонаро аз номи Ҳофизи халқӣ Қодир Наботов ва шоири мардумӣ Ҷаббор Қаюмов-сокинони деҳаи Роҳатӣ, ки 60-70-солаанд, навишта гирифта, пешкаши хонандагон кардаанд. Ниҳоят, муаллифон аз он изҳори ташвиш кардаанд, ки гоҳо ашъори дилангези Карим Девонаро бо шеърҳои шоири мутаассиб ва дунёбезор Абдукарим омехта мекунанд. Баъдан онҳо баъзе шеърҳои Карим Девона ва мулло Абдукаримро оварда, қиёс кардаанд ва ба хулосае омадаанд, ки ба ин амал худи мулло Абдукарим низ даст зада, гоҳо шеъри Карим Девонаро барои шуҳрат аз они худ эълон кардааст.

Дар мақолаи **Иззатулло Ҳидоятов**, аспиранти сектори этнографияи Институти таърих ва археологияи Академияи илмҳои Ӯзбекистон бо номи «Сатрҳои оташин»-и Карим Девона - меҳмони ӯзбекон» сараввал аз интишори мақолаҳои танқидии «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?», «Оё ин дуд оташ дорад?», «Дар бораи оташу дуд» ва «Бори дигар дар бораи оташу дуд» - и В. Асрорӣ, Р. Амонов, З.Раҷабов, А. Мухторов ва

Ҳ. Раҳматов [81; 86; 98] перомуни «Сатрҳои оташин»-и Карим Девона суханро оғоз намудааст. Баъдан баҳои шоири ӯзбек, академики Академияи илмҳои Ӯзбекистон Ғафур Ғуломро ба шеъри Карим Девона, ки тавассути радиои Ӯзбекистон баромад кардааст, овардааст: «Карим Девона бо шоири ӯзбек, демократ Муқимӣ дар як қатор меистад» [129,3].

Дар идома И. Ҳидоятов аз заҳматҳои Ҳ. Назаров дар болои ҷамъоварии шеърҳои Карим Девона, бо зиёда аз 300 нафар сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистону Ӯзбекистон- шахсони донандаи ашъори Карим-Девона ҳамсуҳбат шудан ва гоҳо аз пайи як байт 100-200 километр роҳро тай кардани нависанда ёдоварӣ намудааст.

И. Ҳидоятов муътақиди он аст, ки шоир тасодуфан худро девона эълон накардааст. Номбурда бо истинод ба «Персидско-руский словарь».- (Москва, 1950, 381) мазмуни калимаи «Девона»-ро кайф, нашъа бурдан меҳисобад. Ҳамчунин Ҳидоятов чунин меҳисобад, ки шоир аз мазмуни ашъори худ, ки бар зидди золимон менавишт, лаззат мебурд ва бо ҳамин дилаш таскин меёфт. Барои он ки давлатмардон ба ӯ кордор нашаванд, вай мехост, ки ба девонагӣ ном барорад ва бо ҳамин васила ормонҳои худро бароварда созад.

Чуноне ки болотар ёдовар шудем, дар адабиёти классикӣ бисёр шоирон ба номи худ калимаи «Девона»-ро часпонида будаанд. И. Ҳидоятов ба «Туҳфат-ул-аҳбоб» [107] муроҷиат мекунад, ки дар он аз Мирзо Раҳими Девонаи Самарқандӣ ёд шуда, зикр мегардад, ки номбурда бо тахаллуси «Раҳимӣ» шеър менавишт. И. Ҳидоятов меафзояд, ки Карим Девона ба деҳоти Сариосиё, Деҳнав якчанд маротиба сафар карда, дар байни мардум шеърхонӣ менамудааст. Ҳатто дар Дашнобод муддати мадиде ба сар бурдааст. Ҳамчунин таъкид мекунад, ки ӯ аз забони ҳамсолони шоир ҳофизи халқ Саидҷон Тӯхтаев (соли таваллудаш 1948) ва Муллоаҳмад Муродови 70-сола (аз

деҳаҳои Аширҷелон ва Дашнобод) дар хусуси ин марди наҷиб нақлҳои аҷоиб ва шеърҳои ғароиб шунидааст.

И. Ҳидоятов муътақид аст, ки шоири бесаводи халқӣ, ки деҳа ба деҳа гашта, бо одамони гуногун вомехӯрд, албатта ӯ метавонад, ки ашъори гуногунуслубу гуногунжанр нависад. И. Ҳидоятов даъвои Ҳ.Назаровро дар хусуси бозёфти Карим Девона ном шоири халқ дуруст меҳисобад.

И. Ҳидоятов аз таассуроташ ҳангоми ҷустуҷӯи маводи этнографӣ ба навоҳии дурдасти Ӯзбекистон - Деҳнав ва Сариосиё, мулоқоташ бо солмандони 70-102 - сола нақл намуда мегӯяд, ки аз қавли онҳо Карим Девона дар Дашнобод ду сол бофандагӣ кардааст ва мардум то ҳол шеърҳои ҳаҷвии ӯро азёд медонанд. Баъдан аз забони муйсафеди дашнободӣ Муллоаҳмад Муродов як шеъри ӯзбекии Карим Девонаро меорад, ки бо байти «Етти йил боқдим сани, Охир, Худо урди мани…» оғоз меёбад (129, 3).

Ҳамчунин И. Ҳидоятов як шеъри нави тоҷикии Карим Девонаро низ меорад, ки дар «Сатрҳои оташин» (1961) дида намешавад:

Гандум гашт қимат,
Номи атола гум шуд.
Якбора меҳру шафқат
Аз амма, хола гум шуд.
Ҳангоми чою чойнак
Номи пиёла гум шуд.
Аз тобеи кӯҳистон
Қурбон-кашола гум шуд [129, 3].

Дар хулосаи мақола И. Ҳидоятов бо қатъият изҳор медорад, ки Карим Девона ном шоир вуҷуд дорад ва саҳми Ҳ. Назаров дар зинда гардонидани ӯ хеле бориз аст. Ҳамчунон аз фолклоршиносони тоҷик дархост менамояд, ки дар пуррагардонии маҷмӯаи ашъори шоир аз пажӯҳишгарон кӯмаки худро дареғ надоранд.

Мақолаи «Карим Девона» [130], ки онро кормандони Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Ҳисомов ва Т. Неъматов бо дархости муаллими забон ва адабиёти тоҷики мактаби таҳсилоти умумии ба номи Лоҳутии ноҳияи Шофиркоми вилояти Бухоро И. Назаров навиштаанд, ҷанбаи мубоҳисавӣ надорад. Онҳо аввал оид ба шоири халқӣ Карим Девона, ки ӯро аз гумномӣ Ҳабибулло Назаров нақот дод ва ашъорашро таҳти унвони «Сатрҳои оташин» ба чоп расонид, сухан оғоз намудаанд. Баъдан, аз қиссаи Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ёдовар шуда, шарҳи ҳолу намунаи шеърҳои шоирро овардаанд.

Мақолаи **А.Мухторов «Дар бораи «оташу дуд»** [63] сеюмин мақолаи баҳсист, ки баъд аз мақолаҳои Р. Амонову В. Асрорӣ ва З.Ш.Рачабов перомуни пажӯҳишҳои Ҳ.Назаров оид ба рӯзгор ва осори Карим Девона интишор шудааст ва муҳтавои он ба ҳимояи мақолаи аввал нигаронида шудааст.

А.Мухторов мехоҳад ба саволи «Ҳақ бар ҷониби кист?» посух гӯяд. Ӯ яке аз сабабҳои таҳти шубҳа қарор гирифтани Карим Девона ва ашъори ӯро на ба шахсияти шоир, балки ба усули пажӯҳиши Ҳ.Назаров ва хулосаҳои «начандон аниқу дақиқи ӯ» рабт медиҳад, зеро номбурда дар рафти таҳқиқ танҳо ба як манбаъ – фолклор такя кардааст, «Ҳар чизе, ки аз номи Карим Девона гуфта шудааст, бе муқоисаи зарурӣ, бе тафтиши илмӣ ба китобчаи «Сатрҳои оташин» дохил намудааст» [63,3].

А.Мухторов баъзе шеърҳои Карим Девонаро, ки Ҳ.Назаров аз китоби «Фолклори тоҷик» гирифтааст, аз гирдоварандаи он тақозо намудааст, ки аз хонандагон пӯзиш хоҳад. Ин ҷо ӯ шеърҳои «Дар вафоти Абдулмаҷид», «Дилбар», «Шамолак» ва монанди инҳоро дар назар дорад ва ба гуфти ӯ дар кадом асос ба Карим Девона мансуб донистани онҳоро бояд муҳаққиқ маълум мекард. Ба замми ин ба муаллиф эрод гирифтааст, ки ашъори шубҳаангези шоирро ишорат

мекард. Ба фикри А.Мухторов дар ин сурат мардум оид ба ашъори шубҳанок мувофиқи дархости муҳаққиқ фикру мулоҳизаҳои худро мефиристоданд. Ҳамчунин ба мураттиби «Сатрҳои оташин» эрод гирифтааст, ки ба манбаъҳои сершумори адабӣ ва таърихӣ – тазкираҳо, баёзҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии он давра, ки дар китобхонаҳо, осорхонаҳо маҳфузанд, бояд муроҷиат мекард.

А. Мухторов ба шеъри «Шӯриши Ҳисор», ки зери чунин сарлавҳа Ҳ.Назаров чор шеърро ҷой дода, чоп кардааст, эрод гирифта, танҳо шеъри «Қатл дар Душанбе»-ро мансуб ба шӯриши Ҳисор медонад ва ду шеъри аввалро марбути зилзилаи Қаратоғ ва шеъри чорумро мансуб ба ошӯбҳои мазҳабӣ ҳисобида, бо қатъият иброз медорад, ки Ҳ.Назаров аз куҷо санаи 1907-1908-ро солҳои шӯриши Ҳисор шумурда бошад? Махсусан ҷумлаи Ҳ.Назаров «Ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар бораи шӯриши дар Тоҷикистон шудаи деҳқонон ба шӯриши солҳои 1907-1908 гувоҳӣ медиҳанд»-ро таҳти шубҳа қарор медиҳад ва аз асари монографии М.Ҳамроев бахшида ба таърихи бекигарии Ҳисор дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX (1959) ва рисолаи И.А.Стетсенко бахшида ба шӯришҳои халқӣ дар Тоҷикистон (1963) ёдовар шуда, тасдиқ мекунад, ки дар ин асарҳо оид ба шӯриши Ҳисор дар солҳои 1907-1908 чизе гуфта нашудааст.

А.Мухторов асари Д.Н. Логофетро низ бинобар сабаби аз забони ашхоси алоҳида ахбор чоп карданаш зери суол қарор медиҳад ва санаи нишондодаи ӯро чандон аниқ намеҳисобад, ҳамчунин шахсияти Логофетро миёни муаррихон беэътибор мешуморад. Воқеаи дар шеъри «Қатл дар Душанбе» тасвиршударо на солҳои 1907-1908, балки солҳои 1910 ё 1913 тахмин мезанад. Ба Ҳ.Назаров тавсия медиҳад, ки асари Логофетро ҳамчун сарчашмаи иловагӣ корбаст намояд. Барои ин ӯро таъкид менамояд, ки «аввал сарчашмаи дар ин бахш пайдонамудаашро номбар намояд, мазмуни мухтасари онро оид ба шӯриши Ҳисор баён намуда, баъд аз он то кадом андоза дар асари

Карим Девона акс ёфтани ин воқеа таваққуф кунад. Вагарна сухани Ҳ.Назаров «роли калони Карим Девона дар шӯриши Ҳисор» ва соли ба вуҷуд омадани он шӯриш асосе надоранд ва хушку холӣ шуда мемонанд» [63,4].

Ба пиндори А.Мухторов «Табли ҷанг» ном шеъри чоруми силсилашеърҳои «Шӯриши Ҳисор» ё порае аз ягон достони қаҳрамонӣ ё таърихиест, ки дар он на шӯриши деҳқонон, балки ҷанги байни феодалон ва задухурди мазҳабӣ акс ёфтааст. Мазмунашро низ аз он иборат медонад, ки сардорони ду даста – Қосимхӯҷа ва Расул – чағир байни ҳамдигар меҷангидаанд.

Оид ба истифода ва шарҳи калимаҳои «Аскалон», «Язид» ва «Марвониён» дар шеъри «Табли ҷанг» Ҳ.Назаров низ баъзе ислоҳоти худро ворид сохтааст. Шарҳи калимаи аввалро (Аскалон – яке аз шаҳрҳои қадимаи Арабистон) дуруст ҳисобидааст. Шарҳи дуюм – Язидро на чун амири араб, балки ба ҳайси писари Муъовия» - халифаи дуюми сулолаи хонадони Умийя, ки солҳои 680-683 мелодӣ ҳукмронӣ дошт, маънидод кардааст. Шарҳи сеюми Ҳ.Назаров – калимаи «Марвониён»-ро «…аҳли Марв не, балки ба ҳайси ҷараёни мазҳабӣ дар дини ислом, асосгузораш Марвон ном шахс, ки Мирзои ҳазрати Муҳаммад (с) буд ва ба иллати сохтакорӣ аз вазифа ва аз Мадина ронда мешавад, медонад. Ба сабаби ақориби ҳазрати Усмон будан ҳангоми хилофати ӯ боз соҳибмансаб мегардад ва баъди сари Усмон оқибат бо номи Марвони 1 ба маснади хилофат менишинад.

А.Мухторов ба чунин хулоса меояд, ки Карим Девонаи бесаводи аз муборизаҳои дохилии қабоили араб бехабар қодир нест, ки воқеаҳои гузаштаи дурро бо зиддиятҳои давронаш дар қиёс ба назм дарорад. Бинобар ин порчаи «Табли ҷанг»-ро моли ӯ намеҳисобад ва шеъри «Қатл дар Душанбе»-ро низ, ки ба «Табли ҷанг» услубан монанд аст, аз они дигар кас мепиндорад. Бо қатъият иброз медорад, ки дар ин шеърҳо муборизаи байни синфҳои ҳукмрон тасвир ёфтааст.

Дар фуроварди мақола А.Мухторов сабабҳои зерини зери шубҳа қарор гирифтани эҷодиёти Карим Девонаро аз диди худ нишон додааст:

1.Ҳ.Назаров мутахассиси соҳаи фолклоршиносӣ нест.

2. Таҳқиқотчӣ қоидаи тадқиқоти илмиро намедонад. Аз ин рӯ, Ҳ. Назаров бе далелҳои даркорӣ шеърҳои шоирони дигарро ба Карим Девона нисбат дода, мақоми ӯро ниҳоят баланд бардоштааст.

3. «Ҳ.Назаров шеърҳои ҷамъкардаашро бе алоқамандии таърихӣ бо он муҳите, ки Карим Девона зиндагӣ мекард, омӯхтанӣ шудааст. Аз ин рӯ, хонандагон ба бисёр саволҳои худ аз китоби Ҳ.Назаров ҷавобҳои аниқ гирифта наметавонанд» [63,4].

Дар иртибот ба мақолаи А.Мухторов баъзе масоиле ҳаст, ки қобили мулоҳизаанд. Бо гузашти муддати мадиде дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диди илмии устод табаддулоти азиме рух дод. Муаллифи мақолаи «Эътирофи хатои худ мардонагист» Ҳасан Юсуфи Файзбахш дар китобаш «Дар ин дунё Карим Девона буд» [120, 75-93] таъкид менамояд, ки А. Мухторов дар китобашон «Ҳисор. Очерки таърихӣ»-и худ (Душанбе: «Адиб», 1995) навиштаанд: «Соли 1900 дар Ҳисор, 1901 дар Деҳнав, 1902 дар Кӯрғонтеппа, 1907 боз дар Ҳисор, 1909 дар Ҳисору Кӯлоб шӯришҳои халқӣ ҷой доштаанд» [120, 89]. Акнун дар ин китоб А. Мухторов маҳсули эҷоди Карим Девона будани ашъори гирдовардаи Ҳ. Назаровро низ эътироф кардаанд: «Ҳисори замони ҳукмронии Остонақулқушбегӣ, яъне охири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро Карим Девона дар эҷодиёти худ равшану возеҳ баён кардааст. Ӯ худсарии мансабдоронро аз амири Бухоро сар карда, то мансабдори деҳотӣ, қозию муфтиро аз назари худ берун ногузошта, баъзеашонро номбар кардааст…» [64, 176]. Дар поёнтари ин саҳифа устод 8 мисраъ шеъри ба зилзилаи Қаратоғ бахшидаи Карим Девонаро низ оварда…» [120,89]. А. Мухторов, ки дар мақолаашон шеъри ба зилзилаи Қаратоғ

бахшидаи Карим Девонаро моли Хатиб дониста буд, акнун дар китоби «Ҳисор» ақидаашро такмил додааст: «Карим Девона эҳсос кардааст, ки ин навъ сиёсат на танҳо боиси зилзилаи Қаратоғ шуд,… балки ба шӯриши халқ оварда расонид». Пасон шеъри «Баъд аз зилзилаи Қаратоғ»-ро низ иқтибос кардаанд [64,176-177].

Тавре ки Ҳасан Юсуфи Файзбахш таъкид кардаанд, «Устод Аҳрор Мухторов мардона иқрор шудаанд, ки «Карим Девона ифодакунандаи мақсаду мароми халқи мазлум мебошад, ки аз номи онҳо изҳори ақида намуда, «ҷавонону дабирони» мулкро ба мубориза даъват кардааст» [64,177].

А.Мухторов дар иртибот ба шӯриши Душанбе (соли 1909) низ нақши бориз доштани Карим Девонаро ёдоварӣ кардаанд: «Шоири халқӣ Карим Девона се нафари сардорони лашкарро номбар кардааст - Қосимхӯҷа, Расулчағир ва кӯри Раҳмон…Карим Девона бо як муҳаббати авомона сардори шӯришро Раҳмон номида, қисмати ӯро тасвир карда, нафрати сипоҳиёни ҳукуматиро нисбат ба ин шахс… ба қалам овардааст» [64,178]

«Ҳамин тавр, - таъкид мекунад Ҳасан Юсуфи Файзбахш, - устоди азиз Аҳрорако Мухторов дар китоби бисёр ҷолибу арзишмандашон «Ҳисор» Карим Девонаро чун шоири муборизи халқ, шеърҳояшро чун маводҳои таърихӣ эътироф намуда, бо ҳамин баъди 31 сол иштибоҳи хешро рӯирост ва басо мардонаю ҷасурона ба гардан гирифтаанд. Ин бори дигар исбот мекунад, ки устод воқеан шахсияти бузург буданд» [120, 92].

Ҳикмат Раҳмат дар мақолаи **«Бори дигар дар бораи «оташу дуд»** [81] мақолаҳои «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» ва «Оё ин дуд оташ дорад»-и В.Асрорӣ, Р.Амонов ва З.Рачабовро мавриди баррасӣ қарор дода, дар робита ба пажӯҳишҳои Ҳабибулло Назаров перомуни ҳаёт ва эҷодиёти Карим Девона ва ақидаҳои олимон роҷеъ ба экспедитсияи фолклоршиносии водии Ҳисор нуқтаи назари хешро баён менамояд,

зеро ду маротиба (солҳои 1959 ва 1960) дар ин экспедитсия иштирок доштааст. Бинобар ин изҳор медорад, ки «… отрядҳои экспедитсияи фолклоршиносӣ ба водии Ғозималик, ки дар байни кӯҳҳои Боботоғ ва Қаршитоғ, дар ду соҳили дарёи Кофарниҳон воқеъ гардида ва зодгоҳи Карим Девона ҳам дар он водист, ҳеҷ гоҳ нарафтаанд. Инчунин, аксарияти маҳалҳое, ки Ҳабибулло Назаров ҷустуҷӯи худро дар он ҷоҳо гузаронидааст, ҳанӯз ба харитаи сайру сафари фолклоршиносони мо дохил нашудааанд» [83, 29].

Ҳ.Раҳмат иқрор мешавад, ки то ин дам ба водии Ҳисор панҷ маротиба (1951, 1959, 1960, 1962, 1963) отрядҳои экспедитсияи фолклоршиносӣ рафтаанд, ки ҳар кадоме аз ин отрядҳо хатти ҳаракат, мақсад ва вазифаҳои муайяни худро доштанд ва баъд ҳар кадомеро муфассал шарҳ додааст ва таъкид кардааст, ки ин ҳайат ҳеҷ гоҳ ба водии Ғозималик нарафтааст ва ба маҳалҳое, ки рафтаанд, аҳолӣ оид ба Карим Девона тасаввуроти дуруст надоштаанд. Баъдан, касе ба ҷустуҷӯи Карим Девона ва шоирони халқӣ машғул нашуда буд. Бинобар ин Ҳ.Раҳмат таъкид мекунад, ки «…ҳақ надорем, ки ба ҷустуҷӯ ва бозёфти Ҳ.Назаров, ки дар натиҷаи меҳнати зиёд ва пурмашаққате ба даст омадааст, бо шубҳа назар андозем ва ҳамчун шахси таърихӣ вуҷуд доштани шоир Карим Девонаро инкор намоем» [83, 31]. Баъдан, оид ба баъзе камбудию нуқсонҳои илмии Ҳабибулло Назаров ибрози назар менамояд:

1. Дар масъалаи нуқсонҳои илмӣ-тадқиқотии Ҳ.Назаров, методи тадқиқотӣ ва усули илмии ӯ, зиддиятҳои эҷодии шоир Карим Девона бидуни инкори шахсияти шоир Ҳикмат Раҳмат тарафдори Р. Амонов, В. Асрорӣ, З.Раҷабов ва А.Мухторов аст.

2. Ба ақидаи Ҳ. Раҳмат азбаски Ҳ.Назаров асосан ба корҳои давлатию ҳизбӣ машғул буда, дар ибтидо дар соҳаи корҳои илмӣ – тадқиқотӣ таҷрибаи камтар дошт, аввалин кори тадқиқотии ӯ аз нуқсонҳои илмӣ холӣ намебошанд. Дар тадқиқоти ӯ бисёр фикрҳо ба

тариқи тезис ба миён гузошта шуда, ҳаматарафа ҳал нагардидаанд. Аз ин рӯ, баъзе далелҳои Ҳ.Назаров боварибахш набаромадаанд, ки инро худи ӯ ҳам пай бурда, чунин менависад: «Мо дар бобати муқаррар намудани шумораи онҳо [83], муносибати онҳо нисбат ба халқ ва муносибати Карим Девона бо онҳо, албатта, бисёр кор мекунем ва хонандагони муҳтарам ба ин боварӣ ҳосил карда метавонанд» [33,185]; иқтибос аз [83,32].

3. Ҳ.Раҳмат ба А.Мухторов ҳамовоз шуда, иддао намудааст, ки «Пеш аз ҳама Ҳ.Назаров эҷодиёти шоири халқ Карим Девонаро… дар алоқамандии зичи таърихӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва муҳити таърихии шоир наомӯхтааст, ҳол он ки талабот ва характери воқеаҳои замонро надониста, мавқеъ ва аҳамияти эҷодиёти санъаткорро муайян намудан мумкин нест» [83, 33].

Ихтилофҳои ғоявии эҷодиёти Карим Девона масъалаи маорифпарварӣ ва дӯстони маорифпарвари ӯ низ аз он масъалаҳоест, ки ҳалли пурраи худро аз тадқиқотчӣ талаб менамояд [83, 33].

4. Ҳ.Раҳматов оид ба ихтилофи ғоявии Карим Девона, роҷеъ ба он ки як шоир наметавонад ҳам худопараст бошаду ҳам ақидаҳои пешқадами инқилобӣ дошта бошад, дахл карда, тақозо менамояд, ки Карим Девона низ фарзанди замони худ буда, чунин калавишҳо дорад, бинобар ин ба эҷодиёти ӯ ҳамчун ба эҷодиёти фарзанди замони худ баҳои сазовор медодем [83,34].

Ҳ.Раҳмат ба таҳқиқотчӣ тавсия медиҳад, ки бояд ихтилофоти эҷодии Карим Девонаро чуқуртар меомӯхт, зеро шеърҳои Карим Девона, ки ақидаҳои динӣ – худопарастиро ифода мекунанд, маҳсули давраи аввали эҷодиёти шоиранд ва шеърҳои дорои ақидаҳои пешқадам сонитар ба вуҷуд омадаанд [83,34].

5. Ҳ.Раҳмат ба масъалаи бо чанд услуб шеър эҷод кардани Карим Девона дахл намуда, Ҳ. Назаровро водор месозад, ки хусусиятҳо ва

тафовутҳои услубии ашъори Карим Девона ва ҷиҳатҳои умумии онҳоро чуқуртар омӯзад [83,35].

6. Ҳ.Раҳмат ба фикри В. Асрорӣ, Р. Амонов ва А.Мухторов оиди ду рубоие, ки таҳти унвони «Шамолак» ба «Сатрҳои оташин» дохил карда шудааст, ҳамфикр мешавад [83,36].

Ҳикмат Раҳмат соли 1997 бо номи «Ду моҷаро» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№1-6) мақолае ба нашр мерасонад, ки қисмати аввали он фарогири моҷарои таҳқиқоти Ҳ.Назаров перомуни рӯзгор ва осори Карим Девона аст. Ҳ.Раҳмат асари Ҳ.Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро «асари моҳиятан илмию услубан бадеӣ» [83,3] меномад. Баъдан оид ба шуҳрати асари Ҳ. Назаров, баҳои дигарон ба ӯ сухан меронад. Ба гуфти ӯ баъди чанд рӯзи чопи мақолааш Ҳ.Назаров Ҳ.Раҳматро ба назди худ даъват мекунад. «Ӯ дар хусуси мақолаи банда танҳо ҳамон қадар гуфт, ки, – мегӯяд Ҳикмат Раҳмат, - камбудиҳое, ки ман ба онҳо ишора кардаам, дар асаре чун «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ҷой доштанаш мумкин ва табиӣ мебошад. Онҳо ба услуби асар вобастаанд. Асари номбурда ҳамчун таҳқиқоти илмии академӣ ва барои ба даст овардани унвони илмӣ навишта нашудааст. Қимати он дар аҳамияти амалии он мебошад. Ин гуна асарҳо ҳастанд. Барои мисол таҳқиқоти Ираклий Андронников дар бораи М.Ю. Лермонтов ном бурда шуд» [83, 8].

Баъдан Ҳикмат Раҳмат ба масъалаи мубоҳисаи дар атрофи шахсияти шоири халқ Карим Девона, ашъори ӯ ва китоби Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» баргашта, таъкид мекунад, ки баҳс дар саҳифаҳои «Маориф ва маданият» қариб як сол давом кард ва 11 мақола перомуни он ба табъ расид. Ҳамчунин дар охир таассуроташро аз ҷамъбасти мубоҳиса, ки худ иштирокчии он буд, нақл кардааст.

Ҳикмат Раҳмат дар иртибот ба ин мубоҳиса баъдтар дар мақолаи «Ҳарчи буд, дар ёд монд» [85] низ ёдовар шудааст.

Дар мақолаи **Асадулло Сӯфизода «Кашшофи ашъори шоири шӯрангези мардумӣ»** [99,223-230] сараввал хотироти муаллиф дар хусуси дидорҳояш бо Ҳабибулло Назаров оварда шудааст. Баъдан, аз суҳбаташ бо мудири шуъбаи фолклор Рачаб Амонов (охири соли 1963) перомуни «Сатрҳои оташин» ёдовар мешавад [99,225].

Мақолаи профессор И.С.Брагинский «Оташ кучову дуд кучо? [17] аз гуфтаи муаллиф маълум мегардад, ки ҳафтумин мақолаи мубоҳисавист. И.С.Брагинский низ мехоҳад шахсияти Карим Девонаро равшан намояд ва нишон диҳад, ки Карим Девона кист? Машъали фурӯзандаи шеър аст ё дуде, ки аз он чашмҳо ба сӯзиш меоянд. Дар ҳамин чо номбурда эълон мекунад, ки аслан масъала моҳиятан ҳал шудааст. Экспедитсияи санчишии дар водии Ҳисор гузаронидашуда ҳама гуна гумону шубҳаро перомуни шахсияти Карим Девона барҳам зад. Дар ин чо И.С. Брагинский бо қатъият изҳор медорад, ки «Масъалаи марказӣ ё асосии мубоҳиса – вучуд доштан ё надоштани Карим Девона ном шоири халқӣ … буд ва мемонад» [17]. Сипас, масъалаи марказиро устод Брагинский аз мубоҳиса берун кашида, (…зеро мавчудияти Карим Девона пурра эътироф карда шудааст»), ба якчанд савол мухтасар посух медиҳад:

1.Карим Девона кист?

Шоири оварагарди халқӣ, ки дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX зиндагӣ карда, дар шеърҳои худ рӯҳияи деҳқонҳои бенавои тоҷик: шикоят аз замон ва танҳоӣ кашидан аз дасти бою амалдорони давр, орзуи хушбахтӣ ва ғайраро ифода кардааст.

2. Аз мавчудияти ин шоир магар фолклоршиносон хабар доштанд? Не.

3. Оё таҳқиқ кардани Карим Девона аҳамияти бузурги илмӣ ва маданӣ дорад?

Бале. Худи ҳамин асноди вучуд доштани ин гуна шоир тасдиқ мекунад, ки дар охирҳои асри XIX байни халқи тоҷик рӯҳияи эътирози иҷтимоӣ баланд мегардид ва он ба муборизаи васеи зидди аморати

Бухоро оварда расонид, ки дар шахси ҳофизон ва шоирони халқӣ тавсифкунандагони худро дошт. Эҷодиёти Карим Девона ба туфайли Ҳ.Назаров дастраси омма гардида, аз тарафи аҳли ҷамоатчигии Тоҷикистон баҳои босазое гирифт ва ба барномаҳои таълимии мактабҳои миёнаву олӣ роҳ ёфт.

4. Карим Девонаро кӣ таҳқиқ кард?

Ҳабибулло Назаров, шахсе, ки фолклоршиноси касбӣ набуда, ходими ҷамъиятист. Пажӯҳишҳои Назаров дар тӯли чандин сол дар навоҳии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, натиҷаи суҳбат бо зиёда аз сесад тан донандагони ашъори шоир мебошад. Ҳ.Назаров таҳқиқоти худро нахуст таҳти унвони «Дар ҷустуҷӯи Карим – Девона» дар намуди асари бадеӣ чоп карда, пасон, такроран ду маротиба маҷмӯаи шеърҳои шоирро ба табъ расонид. Сипас, Назаров дар асоси ин корҳои худ диссертатсияи номзадӣ навишта, ба он таҳти сарлавҳаи «Карим Девона ва эҷодиёти ӯ» бо забони русӣ автореферати муфассале тартиб дода, бо нишондоди санаҳо, ҷой ва маҳали шеърҳои навишта гирифташуда ва гӯяндагон, ки дар матн дар бораи онҳо зикр карда шудааст, пешниҳод намуд. Ҳ.Назаров бо ҳар гуна далелҳо мақоми ӯро муайян карда, дар баробари ин исбот менамояд, ки ӯро набояд бо ҳар гуна шоирони дарвештабиат, аз он ҷумла Қаландар Бодомак, Мулло Карим ном шеъргӯи рӯҳонӣ, бо Ҳалим Девона ва бо Карим Девонаи дар Кӯқанд дар замони Худоёрхон зиндагӣ карда ва баъди фавташ авлиё эълоншуда омехта кард. Ӯ матни шеърҳоеро, ки ба Карим Девона тааллуқ доранд, муқоиса карда, бо пайвандони дар ҳаётбудаи шоир суҳбатҳо ороста, сипас, як қатор шоирони соҳибмаълумотеро, ки баКарим Девона ишорат мекарданд, таъин намуд.

5. Ҳ.Назаров дар корҳои худ чӣ гуна камбудиҳо дорад?

Чуноне ки худи Ҳ.Назаров иқрор мешавад, нисбатдиҳии баъзе шеърҳои Карим Девона мубоҳисаталаб аст: масъалаи шӯриши

деҳқонон дар Ҳисор дар солҳои 1907-1908 ба таври қаноатбахш аниқ карда нашудааст; дар шарҳу эзоҳи номҳои мухталиф, калимаҳо, дар тарзи навишти баъзе мисраъҳо, транскриптсияҳо ва ғайра камбудиҳои алоҳида ҷой доранд.

И.С.Брагинский ба кори Ҳ.Назаров чунин баҳо додааст: «Кори Ҳ.Назаров, ки ба иди маданияти тоҷик табдил ёфта буд, муваффақияти эҷодии ӯ буда, сазовори тақдир ва дастгирист. Он камбудиҳое, ки дар кораш дорад, ӯ бояд онҳоро ислоҳ ва бартараф намояд».

Хулоса, мақолаи профессор И.С.Брагинский як навъ маводи ҷамъбастие буд, ки ба баҳси тӯлонии фолклоршиносон ва аҳли илми ҷумҳурӣ як навъ нуқтаи таммат гузошт.

Ба ҳамин тариқ, баҳси адабии бо мақолаи устодон Р.Амонов ва В. Асрорӣ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» оғозёфта собит намуд, ки таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик кори саҳлу сода набуда, аз тарафи мутахассисони омодагии пешакии касбидошта, дақиқназар ва ҷӯяндагони воқеии илм дар чаҳорчӯбаи муайяни илмӣ анҷом дода мешавад. Услуби илмӣ аз сабки бадеӣ ва нависанда аз олим низ бо ҳамин вижагиҳояшон фарқ мекунанд.

2.2.ҶАМЪБАСТИ БАҲС ВА БАРДОШТҲО АЗ ОН ПЕРОМУНИ ШАХСИЯТ ВА ШЕЪРИ КАРИМ ДЕВОНА

Ҷамъбасти мубоҳиса оид ба шахсият ва шеъри Карим Девона моҳи майи соли 1965 дар маҷлиси якҷояи Президиуми Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва идораи нашрияи «Маориф ва маданият» сурат гирифт. Ин маҷлиси хеле бонуфуз ва сернамоянда таҳти раёсати котиби ҳамонвақтаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир Аминҷон Шукӯҳӣ ва бо иштироки

аҳли илму адаби шаҳрҳои Душанбе, Маскав ва Тошканд, ҳамдиёрони шоир, инчунин намояндагони маҳалҳои гуногуни мавриди ҷустуҷӯҳои Ҳ.Назаров гузашт [135, 10].

Дар маҷлис мудири шуъбаи илм ва маданияти КМ ПК Тоҷикистон Р.Додобоев, муовини мудири шуъбаи илм ва маданияти КМ ПК Тоҷикистон А.Бобоҷонов, олимони шаҳрҳои Душанбе ва Маскав- А.Баҳоваддинов, И.С. Брагинский, Д.С.Комиссаров, А.Мирзоев, Б.Ниёзмуҳаммадов, К.Т.Порошин, С.Табаров, Д.Тоҷиев, М.Эркаев, Раҳим Ҳошим ва дигарон иштирок доштанд ва дар маҷмӯъ 19 нафар баромад карданд [135,4].

Маҷлисро котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аминҷон Шукӯҳӣ – ҳусни ифтитоҳ бахшида, қайд намуд, ки ин баҳсу мунозира дар ҳаёти илмӣ ва адабии ҷумҳурӣ яке аз мубоҳисаҳои ҷиддии солҳои охир аст. Олимон, муаллимон, донишҷӯён ва дигар намояндагони меҳнаткашон аз рӯйи ақида, дониш ва фаҳмиши худ дар бораи маҷмӯаи шеърҳои Карим Девона «Сатрҳои оташин» ва қиссаи Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» баҳс доштанд. Баҳс бо вуҷуди баъзе нуқсонҳо асосан аҳамияти илмӣ дошт [135, 3].

Дар маҷлис масъалаҳои зерин шунида ва муҳокима карда шуд:

1. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоири халқ Карим – Девона. Маърӯзаи директори Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ Н.Маъсумӣ.

2. Оид ба усулҳои илмии тадқиқи эҷодиёти шоири халқ. Маърӯзаи мудири сектори фолклоршиносии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ Раҷаб Амонов.

Аз рӯи масъалаи якум Н.Маъсумӣ ба масъалаҳои мавҷудияти шахси Карим Девона, мақоми шоирӣ, мероси эҷодӣ, гуногунуслубии ашъор ва равияи ғоявии эҷодиёти ӯ таваққуф кард. Н.Маъсумӣ қайд кард, ки «Дар ҷараёни мубоҳисаву муҳокима, ҳам аз рӯи мақолаҳои

мубоҳисавӣ, ҳам аз рӯйи изҳороти шиносҳои худи Карим Девона мисли Йулдош Соҳибназаров, Имомназар Соҳибов, Уроқ Ҳамидов, Ширинқул Авлиёқулов, мулло Исо ва дигарон, ҳам аз рӯйи таҳқиқоти иловагии идораи «Маориф ва маданият» ва ҳайати экспедитсионии Институти забон ва адабиёти АФ Тоҷикистон ҳастии воқеӣ ва таърихии Карим Девона тасдиқ гардид ва илова бар ин доир ба ҳаёту эҷодиёти шоир бисёр маводҳои нав ёфт шуданд. Чуноне ки аз гуфтаи ҳамватанони шоир маълум мегардад, Карим Девона шахсе будааст, ки ёру ҷӯра, хешу табор ва мухлисони бисёре низ доштааст. Ин фактҳо таъкид мекунанд, ки пайдоиши шахси Карим Девона ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки инъикоси ҳақиқати воқеист» [42,3].

Н.Маъсумӣ дар баромадаш таъкид кард, ки «Шоири халқ Карим Девонаи ғозималикӣ гумном буд, вале ҷустуҷӯи муттасили Ҳ.Назаров ӯро аз Каримҳо ва Карим Девонаҳо фарқ кунонида, ошкор кард, ки ин ҳодисаи ягона нест» [42,3].

Н.Маъсумӣ мегӯяд: «Дар кушоиши гиреҳҳои мушкилот ва ҳалли масъала Ҳ.Назаров душвориҳои махсус дошт. Вай ба ҷустуҷӯи шахсе баромадааст, ки номаш дар ҳуҷҷатҳо сабт нашудааст»[42,3]. Вале Ҳ.Назаров тавонистааст, ки дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои муттасил шахсияти Карим Девонаро муайян намояд. «Ана ҳамин ёфт шудани Карим Девона ва муайян гардидани шоирии ӯро бисёр адибон, олимон ва хонандагони одӣ бо қаноатмандӣ «кашфи адабӣ» номидаанд. Дар ҳақиқат Карим Девонаи шоир кашф шуд, яъне ёфт шуд, шарҳи ҳол ва мавқеи ӯ ба андозае муайян ва муқаррар гардид…» [42, 3].

Доир ба мероси адибии Карим Девона ва гуногунуслубии ашъори ӯ Н.Маъсумӣ арз кард, ки дар ин бобат як қатор шубҳаю эроди рафиқон дар ҳақиқат ҷолиби диққат аст. Эҳтимол ҳар кадом сабабе ё асосе дошта бошанд.

Шеъри «Имшаб»-ро тақлид ба Бедил донистаанд ва Н.Маъсумӣ низ тақлидӣ будани онро эътироф намуда, онро тақлид ба шоирони

охири асри XIX медонад, зеро мувашшаҳнависӣ дар ҳамин давра авҷ гирифта буд.

Н.Маъсумӣ даъвоҳо дар бораи моли Ғиёсӣ донистани шеъри сӯфиёнаи «Бегона шав!», моли Шамси Табрезӣ ҳисобидани шеъри «Кач ояд» («Бедавлату бадавлат»)-ро комилан дуруст шуморида, шеъри «Баъд аз зилзилаи Қаратоғ»-ро ҳам, ки ба Хатиб ном кас нисбат додаанд, шубҳанок мешуморад ва дар ин хусус хоҳиш мекунад, ки ҷустуҷӯҳо идома дода шаванд. Шеърҳои «Дилбар», «Абдулмаҷидҷонам, балам» ва «Шамолак»-ро, ки даъвогарон моли умумии халқ донистаанд, Н.Маъсумӣ низ ба ин фикрҳо розӣ мешавад.

Шеърҳои «Шамси анвар», «Инсон ғулом намешавад», «Абри зулмат» ва монанди инҳоро, ки гуногунуслубанд ва мухолифон ба услуби Карим Девона мувофиқ надонистаанд, вале ба ақидаи Н. Маъсумӣ «Шоирони бесаводи халқӣ дар айни ҳол ҳофизанд», барои ҳамин Карим Девона низ баъзе шеърҳои дигаронро ба табъи худ мувофиқ карда, мехонда бошад, ки мардум баъдҳо онҳоро эҷоди худи ӯ пиндоштаанд [42,3].

Н.Маъсумӣ изҳор мекунад, ки «ҳофиз будани шоири бесаводи халқӣ барои ҳамаи шоирони халқӣ қонуни умумӣ шуда наметавонад… Аммо дар шоирони халқӣ ҳам тақлиду тазмин ва такрор мавҷуд аст, ки ба ин ҳодиса диққати алоҳида додан лозим мешавад» [42,3].

Н.А.Маъсумӣ ақидаи «тахаллусгузорӣ хоси шоирони халқӣ нест»-ро такмил дода, итминон дорад, ки «дар ашъори шоирони халқӣ тахаллусгузорӣ гоҳ-гоҳ дида мешавад» [42,3]. Масалан, Юсуф Вафо мегӯяд, ки «Ҳар гаҳ ки бипӯшӣ куртаи шоҳира, девона кунӣ Юсуфи Мастчоҳира».

Мунаққидон мегӯянд, ки шеърҳои ба Карим Девона нисбатёфта услубан хеле гуногунанд: «Қисме дар вазни сабуки кӯтоҳи халқӣ, қисми дигар ба қалами шахсони каму беш саводдошта дахл дорад ва қисми сеюм – шеърҳои комилан бесаводона». Н.Маъсумӣ ҷавобан ба эроди

мазкур иброз доштааст: «Экспедитсия муайян кард, ки шиносҳо ва ҳолдонҳои Карим Девона аз гуногунуслубии ашъори ӯ воқифанд ва ба мансубияти ягонаи шеърҳо шубҳае надоранд. Онҳо гуногунуслубии шоирро бо ду истилоҳи махсуси халқӣ шарҳ медиҳанд, ки ин истилоҳот дар фолклоршиносии мо ҳанӯз кор фармуда нашудаанд. Шаҳодат медиҳанд, ки Карим Девона дар ду хел вазъият шеър мегуфт ва бинобар ин ду хел шеър дорад: *шеърҳои майдонӣ ва шеърҳои чакдонӣ*. Шеърҳои майдонӣ шеърҳое буданд, ки бадоҳатан, ҳозирҷавобона гуфта шудаанд, шеърҳое, ки бафурҷа, дар вазъияти сукуту хаёл, хомӯшӣ ва оромӣ гуфта мешудаанд, «чакдонӣ» ном гирифтаанд, ки ин мафҳум ба «чакдон», «оташдон», гулхан тааллуқ дорад [42,3].

Н.Маъсумӣ бо қатъият таъкид намуд, ки «… ҳанӯз ба таври қатъӣ муайян нашудани ҳаҷму ҳудуди эҷодиёти Карим Девона, гуногунии услуби ашъори шоир, муайян шудани муаллифи аслии баъзе шеърҳо, дар фолклор машҳур будани ду-се порча ва хусусияти китобӣ доштани чанд шеъри дигар мавриди баҳсу мунозира бошад ҳам, ба инкори мероси адабии Карим Девона ва гуногунии услуби эҷодии вай асос намедиҳад.

Н.Маъсумӣ ҷавобан ба масъалагузории мунаққидон роҷеъ ба равияи ғоявии эҷодиёти шоир гуфт, ки «қисми асосии шеърҳои ғуншудаи шоир аз рӯи мундариҷа ва хусусияти худ танқидӣ ва ҳаҷвӣ мебошанд» [42, 3]. Баъдан Н.Маъсумӣ муфассал ашъори ҳаҷвӣ ва танқидии Карим Девонаро мавриди таҳлили амиқ қарор додааст, перомуни рӯҳи исёнӣ доштани шоир зимни шеърҳояш изҳори ақида менамояд, ашъори ҷанбаи сиёсию таърихӣ доштаи шоирро арҷ мегузорад, вале дар масъалаҳои баҳо додан ба шеъри «Табли ҷанг» ба фикри А.Мухторов розӣ мешавад ва ба шӯришҳои халқӣ дахл надоштани онро таъкид мекунад.

Н.Маъсумӣ дар фуроварди суханаш таҳқиқотчиро водор месозад, ки «Минбаъд кори худро давом дода истода, дар бораи такмили кор ва

бартараф намудани нуқсонҳои илмию таҳририи вай ба дараҷаи матлуб фикр кунад» [42,3].

Баъдан Р.Амонов баромад намуда, оид ба масоили зерин ибрози ақида менамояд. Ғазали «Ба дӯст»-ро мавриди таҳлил қарор дода, оид ба моли Карим Девона будани он бо шубҳа менигарад. Ғазали мазкурро назираи оҷизона ба ғазали машҳури Хоҷа Ҳофиз «Таолуллаҳ, чӣ давлат дорам имшаб, Ки омад ногаҳон дилдорам имшаб…» мешуморад[118, 49].

Ғазал-мувашшаҳи «Қабои лолагун бар тан»-ро шеъри шоири босавод меҳисобад, мухаммаси «Як муноҷот бишнав аз девонаи пири Ҳисор»-ро муноҷоти дарвеши худоҷӯй, муриди рӯҳонии реаксионӣ номида, баъдан ғазали «Ба шоҳ»-ро бовар намекунад, ки ҳамон гӯяндаи «Як муноҷот…» суруда бошад.

Дар шеъри «Тарки фармони Худо кард олиму мири Ҳисор» Р.Амонов аз оне, ки калимаи «олим»-ро ба ҳарфи хурд навиштаанд, эътироз карда, таҳти ин вожа «уламо» не, балки амир Олимхонро мефаҳмад. Шеъри «Қатл дар Душанбе» бо ду вазн эҷод шудааст ва дувазна навиштанро Р. Амонов танҳо хоси адабиёти муосири тоҷик медонад.

Дар охир устод Р.амонов хулосаҳояшро ироа медорад:

«1. Маводҳое, ки Ҳ.Назаров қувва ва меҳнати зиёд сарф карда, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Карим Девона ва умуман фолклори як қатор маҳалҳои Ҳисор ба даст овардааст, барои таҳқиқоти илмӣ оид ба фолклори тоҷик, аз ҷумла шоирони халқ манбаи муҳим аст.

2. Инқилобчӣ ва шоири инқилобӣ будани Карим Девона, маорифпарвар будани як қатор дӯстони ӯ исботи ҷиддӣ талаб мекунад» [135, 3-4].

Б.Тилавов, сардори отряди экспедитсияи назоратӣ, дар баромади худ гуфт, ки баъд аз сар шудани мубоҳиса бо мақсади тафтиши далелҳо ва гирдоварии маводи иловагӣ барои равшан намудани

масъалаҳои баҳсталаб ва муайян намудани қимати илмии таълифоти Ҳ.Назаров оид ба Карим Девона ва эҷодиёти ӯ аз тарафи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон экспедитсияи назоратӣ таъсис ёфт.

Экспедитсияи назоратӣ аз 19 август то 3 сентябри соли 1964 дар водиҳои Вахшу Ҳисор, чунончи, дар шаҳри Кӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), ҷамоати Октябр, деҳаҳои Қизилқалъа, Хумдон, Меҳнатобод, Куйбишев, қалъаи Ҳисор (Ҳисори куҳна), Хонақо, Қаратоғ ва Шаҳринав кор кард.

Б.Тилавов натиҷаҳои асосии экспедитсияро чунин арз намуд: Карим Девона солҳои 70-ум ё 80-уми асри XIX дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд ёфтааст. Овони кӯдакӣ ва охирҳои умраш дар зодгоҳаш – Ҷурак гузаштааст ва мардуми Ҷураку Қарасирт солҳои охири умри шоирро ёд доранд. Даврахои ҷавонӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, камолот ва нашъунамои Карим Девонаи бофанда, шоир ва ҳофиз дар водии Ҳисор ва аз рӯйи баъзе маълумоти пешакӣ қисман дар навоҳии шимоли Тоҷикистон ва ноҳияҳои шарқии Ӯзбекистон гузашта будааст.

Куҳансолон бисёр шеърҳоеро, ки ба маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» дохил гардидааст, аз забони худи Карим Девона шунида, ёд гирифтаанд.

Карим Девона ба қавли Шукур Ниёзмуҳаммадов, истиқоматкунандаи деҳаи Меҳнатобод, ки аз хешовандони падарии шоир будааст, се ё чорсола аз модар ва дере нагузашта аз падар ятим мондааст. Падари шоир Қурбон – носфурӯш ва модараш Расулова Рачаббӣ будааст. Карим Девона тирамоҳи соли 1917 ё 1918 вафот кардааст.

Бозор Тилавов оид ба саводи Карим Девона нуқтаи назари ҷолиб пешниҳод мекунад. Ӯ мегӯяд, ки «Карим Девонаро мардуми Ҷураку Қаросирт «бесавод буд» гуфта, тасдиқ мекунанд. Ҳ.Назаров низ ба ҳамин асос шоирро бесавод ҳисоб кардааст, вале дар бораи каму беш хату савод доштани Карим Девона баъзе маълумот ба даст даромад.

Чунончи, мулло Исои Моинкаҷӣ гуфтааст, ки «Карим Девона то андозае хату савод дошт, чунки дар маъракаҳои китобхонӣ китобҳоро гирифта нигоҳ мекард». Хешовандони наздики Карим Девона, масалан, Шукур Ниёзмуҳаммадов, Раҳмон Бобоназаров, Ширинқул Авлиёқулов ва дигарон саводи куҳна доранд. Падари зани Карим – Девона, ки мулло Бобоназар ном доштааст, ба гуфти Ширинқул Авлиёқулов «муллои калон будааст» ва тағоии худи шоир низ будааст. Агар ин муҳитро ба эътибор гирем, имконияти каму беш савод бароварда тавонистани Карим Девона шубҳа ба миён намеоварад.

Аз рӯйи далелҳои мазкур метавон тахмин намуд, ки Карим Девона каму беш хату савод доштааст ва аз ин рӯ, дар воқеъ, ӯ метавонист ба мисли Фахрии Рӯмонӣ бо ду услуб- услуби назми даҳонӣ ва китобӣ шеър гӯяд. Агар мо ба ҳамин қарор оем, сабаби ихтилофи ҷиддии китобӣ кушода ва равшан мегардад» [102, 4].

«... чунон ки маводҳои экспедитсия шаҳодат медиҳанд, - гуфт дар идомаи баромадаш Б.Тилавов, - матни шеърҳои маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» дар байни халқ мувофиқи қонуни фолклор вариантҳои гуногун доранд, баъзан каму беш ва баъзан хеле фарқ мекунанд» [102, 4].

Мудири шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзномаи «Маориф ва маданият» Мастон Шералиев дар баромади худ дар баробари 13 мақола интишоршуда оид ба муҳтавои 11 мақолае, ки доир ба мубоҳисаи «оташу дуд» навишта шудааанду дар рӯзнома чоп нагардидаанд, ахбор дод, ки инҳоянд:

1) Б.Тилавов. Танқиди илмӣ бадхоҳӣ не, дидаю дониста рӯпӯш кардани камбудӣ бадхоҳӣ аст.

2) З.Ш.Рачабов. Масъалаи асосии мубоҳиса ба фоидаи Ҳ.Назаров ҳал шуд.

3) З.Саидов, А.Валиев (донишҷӯёни УДТ). Ба ҳар ҳол дуд аст.

4) Иброҳим Ҷалилов (ш.Кӯлоб). На ба он шӯрии шӯру на ба он бенамакӣ.

5) Зокиров, Абдуллоев, мактаби № 61, н. Ҳисор. Карим Девона буд.

6) Абдурраҳмон Азизов (ш.Конибодом). Дуд оташ дорад.

7) Р.Амонов, В.Асрорӣ (мақолаи 3-юм). Масъалаҳои илм дар асари бадеӣ.

8) Раҳмат Раҷабов, Айнулло Солиев (мактаби №36, ш.Душанбе). Ҳар нукта мақоме дорад.

9) Ғозӣ Аҳмадов (ходими калони шуъбаи дастхатҳои китобхонаи Фирдавсӣ). Миннатнома ва миннатдорам.

10) С. Норматов (ходими илмии сектори фолклоршиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон). Карим Девона ва масъалаҳои тадқиқотии илмӣ.

Мастон Шералиев ба мақолаҳои Зокиров, Абдуллоев, А. Азизов, Ғ. Аҳмадов, ки ба баҳс баҳои воқеӣ додаанд, арҷ гузоштааст, вале мақолаҳои дигаронро иборат аз ҳамон афкори такроршуда донистааст.

Номзади илмҳои филологӣ Х.Отахонова дар баромадаш қайд кард, ки дар муқаддимаи «Сатрҳои оташин» ва дар қиссаи Ҳ.Назаров Карим Девона шоири «пуристеъдод», шоири забардасти халқи тоҷик муаррифӣ шудааст, вале баъзе шеърҳои дар ин маҷмӯа гирдоваришуда моли Карим Девона ҳастанд ё не, ба ин баҳо сазовор нестанд. Ҳамчунин дар маҷмӯаи мазкур услубҳои мухталиф мушоҳида мешавад, ки барои равшан шудани симои асосии Карим Девона халал мерасонад [102,4].

«Дар масъалаи шӯриши Ҳисор, - дар баромади худ гуфт А.Мухторов, - рафиқ И.С.Брагинский бо ман ҳамфикр мебошад. Ман бо асарҳои таърихӣ такя карда, исбот намудам, ки солҳои 1907-1908 дар Ҳисор воқеъ шудани ҳаракатҳои инқилобӣ маълум нест» [102, 4].

«Ин ҷо, - гуфт Йӯлдош Соҳибназаров (Йӯлдошкомандир), - суҳбат дар бораи он меравад, ки Карим Девона буд ё набуд? Ӯ шоир буд ё набуд ва ба рӯҳониён алоқа дошт ё надошт? Карим Девонаро худи ман шахсан дидаам. Ӯ як одами майдахел буд. Риши зардча дошт. Бо падари ман ошно буд, омадурафт мекард. Саводнокиашро намедонам, бача будам. Чаласавод ҳам ки бошад, бесавод медонистем. Шеър мехонд, ашӯла мехонд. Бою муллоҳоро танқид мекард. Як бор ба худи ман гуфта буд, ки писар, ҳамин ашӯлаҳои маро ёд гир, ягон вақт даркор мешавад» [192,4]. Баъдан Йӯлдошкомандир аз корҳое, ки ҳамроҳи Ҳ.Назаров ба хотири ҷустуҷӯи шеърҳои Карим Девона анҷом додаанд, нақл мекунад.

Баҳром Шермуҳаммадов дар қатори тавсиф камбудиҳои зерини кори Ҳ.Назаровро нишон дод:

1) Ҳабибулло Назаров ба қоида ва талаботи фолклорҷамъкунӣ риоя накардааст, ки дар натиҷа баъзе шеърҳои ба Карим Девона нисбатдодаи ӯ бе шиноснома мондаанд, яъне аз кӣ, кай ва дар куҷо навишта гирифтани шеърҳо маълум нест.

2) Ҳ. Назаров дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» китоби машҳури «Фолклори тоҷик» (Душанбе, 1954, тартибдиҳандагон М.Турсунзода ва А.Н.Болдирев)-ро нодуруст ба Л.Бузургзода ва Р.Ҷалилов нисбат додааст [71,129-130].

Ҳ.Раҳматов, ходими илмии сектори фолклоршиносии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии экспедитсия дар баромадаш ахбори Б.Тилавовро пурратар намуд.

«Масъалаи асосии мубоҳиса, - гуфт профессор И.С.Брагинский, - баҳо додан ба эҷодиёти Карим Девона мебошад. Ба эҷодиёти шоир танҳо вобаста ба шароити таърихии замони ӯ, шароити ибтидои асри ХХ баҳо додан мумкин аст. Дар ин давра дар байни деҳқонони меҳнаткаши Бухорои Шарқӣ ба муқобили беҳуқуқӣ ва режими тоқатфарсои аморати Бухоро рӯҳияи озодихоҳӣ ва эътирози иҷтимоии

мардум баланд мешуд. Дар эҷодиёти Карим Девона низ ҳамаи ҷиҳатҳои рӯҳияи инқилобии деҳқонони замони феодализм инъикос ёфтааст. Диндории ӯро гуноҳи ӯ донистан мумкин нест» [17,4].

Ҳамдиёрони шоир Ғуломқодир Абдуллоев, Шукур Ниёзмуҳаммадов, Холиқназар Абдуалиев ва Ҳабиб Фақиров ба сухан баромада, хотираҳои худро дар бораи шоир Карим Девона нақл карданд ва намунаи баъзе шеърҳои ӯро азёд хонда додаанд. Махсусан баромади пирамарди 80-сола Шукур Ниёзмуҳамадов, ки марсияи «Нолаи модар»-ро бо як оҳанги ҳазине месарояд, ҳамагонро мутаассир менамояд. «Карим Девона як марди камбағал буд, - мегӯяд Шукурбобо, - вай на гадо буду на қаландар, на каҷкӯл дошту на кулоҳ, тарафдори камбағалҳо буд» [17,4].

Академик А.Мирзоев дар баромади худ таъкид кард, ки дар «Сатрҳои оташин» дар қатори шеърҳои ба Карим Девона мансуб ашъори дигарон низ роҳ ёфтааст, ки дар натиҷа он шеърҳои дигари маҷмӯаро низ таҳти шубҳа мегузорад. Академик А.Мирзоев Аҳрор Мухторовро тавҳин мекунад, ки таърихи шӯриши Ҳисорро (1907-1908) наомӯхта, онро ба феҳрасти ҷашнҳои ҷумҳурӣ ворид кардааст, акнун боз аз ин сана (1907-1908) рӯй гардонидааст. Бинобар ин Институти таърихро вазифадор мекунад, ки шӯриши Ҳисорро дуруст омӯзанд. А.Мирзоев З. Ш. Рачабовро бо он гунаҳкор менамояд, ки дар мақолаи баҳсиаш барои ашъори инқилобиаш шахсияти Карим Девонаро, ки ба ӯ мансуб буданаш ҳанӯз аниқ нест, аз Аҳмади Дониш, Шоҳин, Асирӣ ва Айнии тоинқилобӣ барин маорифпарварон боло гузоштааст [17,4].

Ҳ.Назаров ба минбар баромада, изҳор мекунад, ки доир ба шоири халқ Карим Девона ва таъин кардани мақоми ӯ дар фолклор ва адабиёти тоҷик он чи ки кардааст, ибтидои кор аст. Азбаски доир ба фаъолияти адабии шоир ба ҷуз лавҳи хотири куҳансолон сарчашмаи дигаре нест ва ба замми он пурра гирд овардани осори адабии шоир меҳнати зиёдеро талаб мекунад, тадқиқоти нахустин аз камбудиҳо

барӣ буда наметавонад. Дар ин бобат ба бисёр эродҳои ҳаққонии мубоҳисакунандагон розӣ нашудан мумкин нест [17, 4].

В.Асрорӣ дар баромади худ дар хусуси баъзе шеърҳои маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» сухан меронад, ки аз ҷиҳати ғоя чандон солим нестанд ва таъкид менамояд, ки онҳо набояд ба маҷмӯа роҳ меёфтанд. Ҳамчунин меафзояд, ки як қисм шеърҳои маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» ба забони русӣ аз аслашон дур тарҷума карда шудаанд. «Мансубияти шеърҳои шубҳаноки «Сатрҳои оташин» минбаъд бояд равшан карда шаванд», - мегӯяд дар фуроварди суханрониаш В.Асрорӣ [88, 4].

Дар хотима маърӯзачиён Н.Маъсумӣ ва Р.Амонов бори дигар ба сухан баромада, ба як қатор саволҳои ҳозирин ҷавоб мегардонанд ва дар хусуси тадқиқоти минбаъдаи Карим Девона таклифҳои худро арз менамоянд. Р. Амонов зарурати давом додани тадқиқоти ҳаматарафаи илмиро оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир таъкид менамояд. Вай ёдовар мешавад, ки «Карим Девона дар ҳақиқат ҳам шоири бад набудааст, мумкин аст шоири хуб ҳам бошад. Дар як қатор шеърҳояш рӯҳияи шӯришгарона, исёнгаронаи халқ ифода ёфтааст» [88,4].

«Дар натиҷаи таҷриба надоштан дар гузаронидани мубоҳисаҳо, - меафзояд Р.Амонов, - дар натиҷаи аввалин будани чунин мубоҳисаи соҳаи фолклоршиносӣ, ки дар ҷумҳурии мо ҳеч гузаронида намешуд ва ин хеле бад аст, мо хатоҳои бисёре кардем. Хатоҳо аз тарафи мо ҳам шуд, аз тарафи рафиқ Асрорӣ ҳам шуд, аз тарафи дигарҳое низ шуд, ки аз пайи мо баромада, ба ҷойи хатоҳои моро оромона ислоҳ кардан онҳоро чуқуртар карданд. Вале бо ҳамаи ин як таҷрибаи хуб ҳосил кардем...» [88,4].

Раиси маҷлис А.Шукӯҳӣ дар хотима иброз медорад, ки ба гуфтаи халқ дарахти мевадор калтак мехӯрад, он касе, ки кор мекунад, ягон чиз эҷод мекунад, дар вақти эҷод намудан ба камбудиҳо роҳ медиҳад. Аз ин нуқтаи назар бояд Ҳ.Назаров фахр кунад, ки дар як сол дар бораи асари офарида ва маҷмӯаи шеърҳои мураттабсохтаи ӯ баҳсу

мунозираи гарму ҷӯшоне шуда гузашт, ки на фақат барои Назаров, балки барои дигар олимон, адибон ва зиёиёни тоҷик дарс хоҳад шуд. Баъдан диққати ҳозиринро ба нуктаҳое ҷалб менамояд, ки бечуну чаро исбот шудаанд: (1) Асари Ҳабибулло Назаров дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ҳамчун асари бадеӣ навишта шуда ва на фақат дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти умумииттифоқӣ ва берун аз он ҳам эътироф карда шудааст.

(2) Он чизе, ки дар рафти баҳсу мунозираҳо исбот карда шуд ва ҳамаи рафиқон қариб дар як фикр буданд, он аст, ки Карим Девона ном шоири халқие будааст ва дар охири асри XIX ва аввалҳои асри XX зиндагӣ кардааст, бо вуҷуди мухолифатҳое, ки дар баъзе шеърҳои ӯ ҳаст, фикру ғояҳои халқиро ифода кардааст.

(3) Ҳамин асаре, ки Ҳ.Назаров навиштааст, маводи илмии бисёре дорад, лекин ҳамчун асари илмии ҳартарафа пухта ҳанӯз тайёр нест ва рафиқон таклиф карданд ва дуруст гуфтанд, ки аз ин асар асари илмие сохтан даркор аст, ки вай барои илми мо зарур ва аҳамият дорад [88,4].

Ниҳоят, маҷлис ба чунин хулоса омад:

Дар солҳои 1964 – 1965 дар саҳифаҳои нашрияи «Маориф ва маданият» дар бораи Карим Девона ва мероси адабии ӯ, ки Ҳабибулло Назаров ҷамъ оварда, бо номи «Сатрҳои оташин» (соли 1957 ба забони русӣ ва солҳои 1958, 1961 ба забони тоҷикӣ) чоп карда буд, мубоҳисаи илмӣ ба амал омад. Мубоҳиса 23 июни соли 1964 аз мақолаи номзадҳои илмҳои филологӣ Р.Амонов ва В.Асрорӣ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» сар шуд. Дар мубоҳиса олимони фолклоршинос, адабиётшинос ва таърихшиноси Душанбе, Маскав, Тошканд, инчунин муаллимони мактабҳои миёна, донишҷӯён, деҳқонон ва ғайра иштирок карданд ва аз маводҳое, ки ба рӯзнома омада буд, 13 адад чоп шуд. Ин мубоҳиса дар таърихи фолклоршиносии тоҷик аввалин мубоҳисаи ҷиддие буд, ки чандин масъалаҳои илмию амалӣ, хусусан тарзҳои ҷамъ овардан, омӯхтан ва нашр кардани эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик ва

намояндагони ҷудогонаи он хеле муфассал муҳокима шуд. Дар натиҷаи ғайрат ва ҷустуҷӯи чандинсолаи Ҳ.Назаров як миқдор сурудҳои халқӣ ва шеърҳои гуногун ҷамъ шуданд ва дар бораи ҳаёти Карим Девона барин як шоири халқии охири асри XIX ва ибтидои асри XX маълумоти муҳим гирд омад, ки ҳамаи ин барои тадқиқоти илмӣ оид ба эҷодиёти Карим Девона ва фолклори тоҷик маводи муҳим ва муфид аст. Вале тадқиқоте, ки ба талаботи илми имрӯза пурра ҷавоб дода метавониста бошад, ҳанӯз ба вуҷуд наомадааст.

Мубоҳиса собит намуд, ки ҳарчанд бисёр масъалаҳои эҷодиёти Карим Девона то андозае ҳал шуда бошанд ҳам, вале дар омӯхтани мероси адабии ӯ ҳанӯз чанд масъалаи баҳсталаб мавҷуд аст, ки муҳимтарини онҳо масъалаи мансубияти якчанд шеърҳо ба Карим Девона, сабаби гуногунии услуби шеърҳои ӯ ва як қатор лаҳзаҳои тарҷумаи ҳоли шоир мебошанд. Дар як қисми шеърҳои маҷмӯаи «Сатрҳои оташин» осори таҳрир мушоҳида мешавад ва тарҷумаи русии на ҳамаи шеърҳои ин маҷмӯа ба аслаш мутобиқат мекунанд, ки ин барои баҳои воқеӣ додан ба эҷодиёти Карим Девона халал мерасонад. Дар як қатор шеърҳои маҷмӯаи «Сатрҳои оташин», ки аҳволи вазнин ва рӯҳияи деҳқонону косибони камбағал дар шароити аморати Бухоро дар онҳо акс ёфтаанд, водор мекунанд, ки минбаъд ҳам ҷустуҷӯ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси адабии Карим Девона ва фолклори замони ӯ давом дода шавад. Дар ҷараёни ҷустуҷӯ ва таҳқиқоти минбаъда масъалаҳои баҳсталаби номбурда низ бояд ҳал карда шаванд. Ҷустуҷӯ ва таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба эҷодиёти Карим Девона ва нашри илмии осори ӯ аз вазифаҳои муҳими фолклоршиносон ҳисоб карда шавад. Мубоҳиса дар хусуси Карим Девона ва эҷодиёти ӯ сарфи назар аз баъзе нуқсонҳо асосан характери илмӣ дошт ва барои пешрафти фолклоршиносии тоҷик аз аҳамияти холӣ набуд [88, 4].

2.3. ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ ВА ИСЛОҲИ КАМБУДИҲОИ МУБОҲИСА: МУҲТАВОИ ҚИСМАТИ ДУЮМИ ҚИССАИ «ДАР ҶУСТУҶӮИ КАРИМ ДЕВОНА»

Ҳабибулло Назаров ҳангоми барҳаёт буданаш танҳо қисмати якуми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро ба чоп мерасонад, ки нашри нахустини он соли 1961 иттифоқ афтодааст. Нависанда баъди анҷоми баҳс перомуни мавҷудияти Карим Девона, ки бо ташаббуси ҳафтаномаи «Маориф ва маданият» соли 1964 оғоз гардид ва моҳи майи соли 1965 онро ҳайати таҳририяи нашрияи мазкур, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ҷамъбаст намуданд, бо дарназардошти эроду мулоҳизаҳои муқарризон ва барои пурра намудани баъзе образҳои асар, махсусан барои тавсеа бахшидан ба бархе саҳифаҳои норавшани зиндагиномаи шоир ва дӯстону ҳамнишинонаш, ба мисли мулло Абдурасул, Саҳбо ва муносибати шоир бо санъаткорон, косибону ҳунарандони Қаратоғу Ҳисор ва роҳандозии театрҳои халқӣ ҳамчун воситаи мубориза алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро навишт. Баъди сари нависанда, ба шарофати 100-солагии зодрӯзаш, бори нахуст бо саъю талоши устодон Гулназар ва Кароматулло Мирзо соли 2007 қиссаи мазкур дар ду қисмат ба чоп расид, ки маводи қисмати дуюми асар як навъ пурракунандаи қисмати аввали он аст.

Бо анҷом ёфтани қисми аввал ва дар айни камолоти эҷодӣ ҳаётро падруд гуфтани Карим Девона нахуст табъи хонанда озурда мегардад ва барои мутолиаи идомаи қисса кас ҳавсала намекунад, вале бо мутолиаи боби 1-уми қисмати дувум, ки «Идомаи роҳ» ном дорад, хонанда қадам ба қадам барои мутолиаи қисса шавқманд мегардад ва дар қатори нависанда роҳро идома медиҳад: рӯзгори нобасомон, вале иборатомӯзи Карим Девона ва ҳамсафонашро бо ҷону дил пайгирӣ менамояд.

Дар қисмати дуюм низ адиб аз ҷустуҷӯҳояш, аз мулоқотҳояш бо пирони 80-90-сола ёдовар шудааст. Дар баробари пурсуҷӯи рӯзгору осори Карим Девона зиндагии хуррамонаи ҳамдиёрони шоирро тасвир кардааст. Нависанда хулосаи ҳамсуҳбатонашро зикр намуда, таъкид менамояд, ки онҳо шоирро ба некӣ ёд мекунанд, ӯро «шоири калон», камбағалу бечора, вале ҷасур мегуфтанд. «Дар шеърҳояш бечорагонро таъриф мекард, ғосибону ғоратгарон, кулакону мансабдоронро ба масхара мекашид,-мегӯяд шоир.–Шеърҳояш чунин буданд, гоҳ ғамангез, гоҳ ҳаҷви тезутунд, ки дар онҳо дастнишинони амир ё қозию раисҳо зери тозиёнаи танқид гирифта мешуданд. Вай ба он рӯзҳои сиёҳ нафрин мехонд, онҳоро ба дуди ғализе монанд мекард, ки болои сари деҳқонони бенаво хайма задаанд, он рӯзҳои ношоду пурандуҳро ба зиндагии мурғаконе ҳамранг медонист, ки лона надоранд ва дар суроғи дона оворааанд» [69, 231].

Ҳ. Назаров таъкид мекунад, ки ашъори ба мерос мондаи Карим Девона гувоҳи он аст, ки ӯ шоири далеру нотарс ва ҳамдаму ҳамнафаси деҳқонони бенаво, дар ҳолатҳои маҳзунӣ ғамбарору темордори камбағалон ва дилбардори беваю бечорагон будааст. Мардум аз он изҳори миннатдорӣ мекардаанд, ки шахси хайрхоҳе пайдо шудааст, ки ашъори Карим Девонаро ҷамъоварӣ ва чоп мекунад.

Баъдан шоир аз корҳои наҷиби Ҳукумати Шӯравӣ, аз бунёди ҷодаҳои ҳамвори мошингард, сохтмони пули мошингузар дар болои дарёи Вахш, ба макони пахтаи маҳиннах табдил ёфтани ин водии тиллоӣ, аз зуҳури радиову телевизион дар хонаҳои деҳқонон ёдовар мешавад. Бо ифтихор иброз медорад, ки акнун ашъори Карим Девонаро на танҳо дар водии Ғозималик, Ҳисор, дар шаҳракҳои Қаратоғу Дашнобод ва баъзе мавзеъҳои Ӯзбекистон мехонанд, балки акнун маҳсули эҷоди ӯро дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он низ мутолиа мекунанд. Нависанда аз донандагони Карим Девона –

Файзалӣ Гулови 54-сола, зодаи деҳаи Қаратоғи ноҳияи Даҳанакиик ва Тоҷиддин Қурбонови 57-сола, сокини деҳаи Боғаки деҳшӯрои Косабулоқ суроғ меҷӯяд ва бо онҳо дар водӣ, дар мавзеи Садвинтрести ноҳияи Шаҳринав рӯзи 13 июни соли 1957 дидор мебинад, аз зиндагии орому осуда ва бофароғати онҳо ҳикоят мекунад. Сипас, бо хондани шеъри дар мазаммати Муҳаммадалии Ашқар навиштаи Карим Девона диққати мусоҳибонашро ҷониби шоир ҷалб мекунад:

Эй пирбузи ҳилоли ман, Набудӣ дар хаёли ман… [69,236].

Ба гуфти нависанда ҳамсуҳбатонаш бо шунидани номи шоир ӯро тавсиф мекунанд, қиёфаашро мекашанд. Баъд аз он ёдоварӣ менамояд, ки Карим Девона муддати мадиде аз Ҷурак нопадид мегардад. Бисёриҳо ба ташвиш меафтанд, ки душманонаш мумкин ӯро кушта партофта бошанд, вале онҳо баъдтар огоҳ мешаванд, ки ӯ дар Дашнободи Ӯзбекистон бофандагӣ мекардааст. Баъди дар деҳа пайдо шуданаш деҳқонон аз дидорбинӣ бо ӯ шодӣ мекардаанд.

Тоҷиддин Қурбонов низ ба Ҳ. Назаров нақл мекунад, ки ӯ дар деҳаи Боғак–ҳамсоядеҳаи Ҷурак, батраки халифа Зокир будааст. Бо пайдо шудани Карим Девона халифа Зокир ва Тоҳир ба ҳарос меафтодаанд, ки онҳоро ҳаҷв накунад. Дар атрофи шоир панҷяккорону муздурони деҳа ҷамъ мешаванд. Шоир ба онҳо дар бораи Ҳисор, қалъаи мирнишини он ва бозори серғавғои ин мавзеъ, дар бораи Қаратоғ ва гулмоҳиҳои дарёҳои пуршӯраш, оид ба ҳаёти шаҳриҳо ва мансабдорҳо қисса мекардааст. Ҳамчунин Қурбонов аз он ёдовар мешавад, ки шоир дӯсташ-мулло Абдурасули қубодиёниро бисёр таъриф мекунад, аз он ёдовар мешавад, ки аз зиндони маргбори беки Ҳисор - Шоҳимардонқул ва муллоҳои найрангбоз маҳз бо дастгирии бевоситаи мулло Абдурасул раҳоӣ меёбад. Баъдан шоир аз шеърҳои худ барои онҳо қироат мекунад. Қурбонов шеърҳои «Ба ҳасрат меравам, ёрон, аз ин шаҳри Ҳисор имрӯз», «Муллосафар

ҷодугар…», «Шӯриён бозор шуд», «Тӯй дар Ҷурак» ва «Абдулмаҷидҷонам, балам»-ро замзама мекунад.

Боби дуюми асар «Мулло Абдурасули Қубодиёнӣ» номида шудааст. Нависанда дар дафтарчаи ёддоштҳояш аз мулло Абдурасул ёд мекунад. Ин аз он сабаб аст, ки нависанда ба ашъори ба мулло Абдурасул бахшидашудаи Карим Девона дучор меояд, ҳамчунин мӯйсафедони бешумор дар баробари Карим Девона аз дӯсти донишманди ӯ – мулло Абдурасул низ ёд мекардаанд ва олими соҳаи дин ва инсони равшанфикр буданашро таъкид менамудаанд. Мулло Абдурасул дар ҷамъияти деҳқонон соҳибобрӯ буда, ҳатто онҳо ӯро авлиё медонистаанд, зеро ӯ деҳқононро аксар вақт аз андози бераҳмонаи беки Ҳисору Қубодиён ҳимоя мекардааст. Ба сари кадом беваю бечорае, ки бадбахтие меомадааст, ҳатман ба мулло Абдурасул муроҷиат мекардааст. Аз ҳамин рӯ, мансабдорон Абдурасулро хуш надоштаанд, аммо намедонистаанд, ки чӣ гуна ӯро нест кунанд. Нависанда номи писари мавсуф Муҳаммадалӣ Расулов ва онҳое, ки ӯро мешинохтанд, Муҳаммадсаид Юнусов, Бобоҷон Соҳибназаровро навишта мегирад ва рӯзи 5 июли соли 1957 озими ноҳияи Қубодиён мегардад. Як сари қадам ба кулбаи ошноҳои деринааш–пайвандони Карим Девона – бобои Шукур ва Ғуломқодир медарояд, вале охириро ёфта натавониста, роҳашро идома медиҳад.

Дар Қубодиён баъди ҷой гирифтан дар хонаи раиси комиҷроияи ноҳия Зиёдалиев мизбон аз гузаштаи ноҳия ва мулло Абдурасул ёдовар мешавад. Таъкид менамояд, ки ӯ хеле ҷавон бошад ҳам, ин шахсро ёд дорад. Ӯ бачагонро таълим медодааст ва ҳамеша пуштибони мардуми камбағал будааст. Ҳамчунин ӯ аз дӯстии байни Саҳбо, ба гуфти нависанда беки охирини Қубодиён, ёдовар мешавад. «Бо амри амир одамонаш ӯро куштанд, балки зинда ба зинда бузкашӣ карданд, - таъкид мекунад Зиёдалиев. – Ёд дорам, Саҳбо марди солхӯрда буд,

қомати начандон баланд дошт, аммо шонаҳои васеъ ва риши сафеди паҳновараш ӯро ангуштнамо мекарданд» [69, 242].

Баъдан Ҳабибулло Назаров аз қавли Зиёдалиев тафсилоти қатли Саҳборо овардааст. «Ду нафар амалдори амир ӯро аз ин ҷо баровардaнд, - ишора кард ҳамсуҳбаташ ба арки нимвайрон (зеро хонаи Зиёдалиев аз қалъа дур набудааст – Х.Ф.). – Шоир дар тан курта ва шалвори сафед дошт. Ба сари китфонаш ҷома партофта буд. Чизе аз ӯ напурсиданд, якбора бо калтаку санг заданаш гирифтанд, ба заминаш яксон карданд, баъд ба бузкашӣ сар карданд, пора–порааш сохтанд. Ҷаллодон ҳамвора фарёд мезаданд: «Занед ин кофири бехудоро!». Баъди ин ҳама маросими мудҳиш муллое ба сухан баромаду гуфт: «Саҳбо кофир ва бехудост ва мехост ҳокимияти амириро вожгун созад, вай зидди амир, яъне зидди Худо буд. Аз ин рӯ, тибқи фармудаи Қуръони маҷид ӯро чун кофир куштанд» [69, 242].

Нависанда фоҷиаи Саҳборо аз номи Зиёдалиев шарҳ дода, таъкид менамояд, ки Саҳбо бек бошад ҳам, шахси бетараҳҳуму беадолат набуд. Вай ба сари мардум андозу боҷу хироҷи ноҳақ бор намекард. Қатли Саҳборо ба қавли Зиёдалиев, қубодиёниҳо ҳар яке ба тарзи худ шарҳ медодааст: Як гурӯҳ ӯро бегуноҳ ва инсони хуб мешумурд, гурӯҳи дигар бошад, номбурдаро одами бад ва худоношинос меҳисобид. Ҳ. Назаров нақл мекунад, ки шаб дар хонаи Зиёдалиев бо Маҳмадалӣ Расулов мулоқот меорояд, вале вақте ки ӯ ҷавобан ба саволи нависанда мегӯяд, ки Карим Девонаро боре дар хонаашон надидааст, адиб мефаҳмад, ки вай писари Абдурасули мавриди назар нест. Ҳамсуҳбаташ низ инро пай бурда, иброз медорад, ки дар деҳаи Чорбоғ (хоҷагии «Пахтакор») ҳамном ва ҳамнасаби ӯ мезияд, ки шахси мавриди таваҷҷуҳи нависанда ҳатман бояд ӯ бошад. Ҳамчунин нақл мекунад, ки падари ӯ ва мулло Абдурасул дӯст будаанд ва ҳангоми мулоқот аз дӯсти шоири авлиёнамои худ ёд мекардаанд. Исми ҳақиқии ӯро мулло Халифа Абдурасул меномад. Инро низ

таъкид мекунад, ки Абдурасул инсони босаводу соҳибэҳтиром буд, вале эшонзода ё амалдор набуд, деҳқонзода ва таҳсилкардаи мадрасаи Бухоро буд. Дар водиҳои Ғозималику Ҳисор низ соҳибэътибор буд. Мардум ҳар рӯз аз ақсои кишвар саворавy пиёда ба зиёрати ӯ меомаданд ва аз ӯ додхоҳӣ мекарданд, номбурда низ ҳамеша ба доди онҳо мерасид ва ҳаққи заҳматкашонро аз хоҷагонашон ё раис меситонид. Бинобар ин, амалдорони амир ҳамеша аз ӯ мекебиданд. Ин аст, ки Абдусаттори Баҳрин, мири Қубодиён бо ҳамдастии амалдоронаш аз тарси он ки мабодо мулло Абдурасул аз нуфузаш истифода карда, бо ҳамдастии деҳқонон балво сар кунад, ба амири Бухоро алайҳи мулло Абдурасул номаи шикоятӣ ирсол менамоянд. Гӯё деҳқонон аз пуштибонии мулло Халифа Абдурасул бархурдор шуда, андоз намесупоранд, молиёт ҷамъ оварда намешавад ва ҳар лаҳза мумкин аст, ки дар Қубодиён вазъият муташанниҷ гардида, исён бархезад. Амири Бухоро Абдулаҳад бо номаи мири Қубодиён шинос шуда, ба беки Ҳисор Остонақулқушбегӣ фармон медиҳад, ки мулло Абдурасулро ба қатл расонанд. Қушбегӣ хуб медонист, ки эъдоми рӯирости Абдурасул барин шахсони соҳибнуфуз имкон надорад, зеро халқ барои пуштибонии ӯ бармехезад. Бинобар ин, ба амир навишт, ки ин фармон ғайриимкон аст ва бо иҷозаи аълоҳазрат онро тадриҷан бо дастони худ анҷом хоҳад дод. Бо ин мақсад Остонақулбек ду нафарро ба Қубодиён фиристода, мулло Абдурасулро ба Ҳисор ба меҳмонӣ мехоҳад ва ба шарафи ташрифи эшон зиёфат меорояд. Зимнан он ҳазратро бо мақсади таҳти назорати худ гирифтан барои имоматӣ ба масҷиди бузурги Сангини Ҳисор даъват менамояд, то ки ба оламу одам наздик бошад. Мулло Абдурасул нсчор таклифи беки рӯбаҳмизоҷро қабул мекунад. Аммо аз куҷо медонист, ки дар ин масҷиди бузурги Ҳисор ибодати тӯлонӣ ба ӯ насиб намешавад, зеро ба вай заҳр дода, ҳалокаш месозанд. Дӯстонаш ҷасадашро ба деҳаи Чорбоғи Қубодиён оварда, дафн мекунанд. Карим Девона бо шунидани марги дӯсташ ба

Ҳисор мешитобад ва то Қубодиён турбати ӯро ҳамроҳӣ мекунад, дар сӯгвориаш шеърҳо менависад, ки яке аз онҳо бо байти зерин оғоз меёбад:

З-ин ҷаҳон бигзашт пири мо, раҳи уқбо гирифт,

Рӯҳи покаш аз бадан дар садри ҷаннат ҷо гирифт… [34,109]

Нависанда баҳои мулло Абдурасулро аз номи иштирокчиёни ҷанозаи ӯ, дар иртибот ба шахсияти Карим Девона, мавридеро нақл мекунад, ки мулло қавмро лаҳзае аз оғози намоз маътал мекунад ва мегӯяд, ки «Каме сабр мекунем, ҳоло як инсони бузург меояд. Ва воқеан, баъди чанде ба масҷид як шахси ҷандапӯши миёнаҳаҷми зардинаи пойлуч даромада омад. Мулло Халифа Абдурасул дарҳол аз ҷо бархост, омадаро ба оғӯш гирифт ва дар пешгоҳи масҷид нишонд» [42, 246]. Ҳамин тавр, ба гуфти Ҳ. Назаров мулло Халифа Абдурасул каме пештар аз Карим Девона аз олам реҳлат менамояд.

Дар боби 4-ум нависанда баъд аз пурсуҷӯҳои зиёд паҳлавони номӣ Муҳаммадсаид Юнусови 63-соларо, ки сокини деҳаи Чорбоғи ноҳияи Қубодиён, вале зодаи деҳаи Косабулоқи ноҳияи Даҳанакиик аст, тавассути Бобоҷон Соҳибназарови 45-сола меёбад ва бо ӯ суҳбат меорояд.

Ба гуфтаи Саидпаҳлавон, азбаски онҳо дар ҳамсоядеҳаи Карим Девона зиндагӣ мекардаанд, бинобар ин, шоирро хуб медонистааст. Ба гуфти Саид Карим зардина бошад ҳам, одами бадҳаҳр набудааст. Нисбат ба аҳли заҳмат меҳрубон, вале алайҳи муфтхӯрон дар ҳолати ҷанг қарор доштааст. «Вай бойҳоро чашми дидан надошт, - мегӯяд паҳлавон, - ба муқобилашон шеърҳо эҷод мекард. Вай мегуфт, ки бойҳо мардуми бад ва беинсоф ҳастанд, зеро худ заҳмат намекашанд ва аз ҳисоби дигарон зиндагӣ мекунанд, либосҳои хуби шоҳӣ доранд, савори аспҳои хуб ҳастанд, мардумро ғорат мекунанд, азоб медиҳанд, ба зиндонҳо мепартоянд. Одамони одӣ ҳамеша заҳмат мекашанд, ҳамеша дар кор ғарқанд, аммо зиндагиашон бад аст, чаро ки бойҳо

ҳама чизе, ки онҳо бо дастони худ меофаранд, кашида мегиранд» [69, 249].

Бо ин паҳлавон аз номи Карим Девона зиндагии вожгуни камбағалон ва рӯзгори шоҳонаи бойҳоро оварда, гуфтанист, ки акнун дар ҷаҳонбинии шоир як нав инқилоби фикрӣ, нафрат нисбат ба золимон ва мубориза алайҳи онҳо пайдо шуда буд.

Баъдан паҳлавон Муҳаммадсаид Юнусов нақл мекунад, ки ӯ батраки Муллоалибой будааст ва аз субҳ то шом дар сари замин кор мекардааст. Карим Девона аз роҳ гузашта, бо ӯ суҳбат мекардааст ва дар бедории шуури синфии ӯ нақши муҳим доштааст. Саид суханҳои шоирро, ки «Саид, ту ин ҷо шабу рӯз меҳнат мекунӣ, хӯҷаин туро чӣ тавр мехӯронад? Шояд ту чӣ будани оши палавро надонӣ?» [69, 249] бо ҷону дил гӯш карда, мепазируфтааст, зеро дар киштзорҳо нимгурусна кор карда, ҳатто аз нони сиёҳи хушк сер набудааст.

Нависанда дар идомаи суҳбат ёдрас менамояд, ки паҳлавон думбураро ҷӯр намуда, шеърҳои Карим Девона «Дар вафоти Абдулмаҷид», «Шӯриён бозор шуд», «Лаънат ба Ҷурак» ва дигарҳоро бо оҳанги форам ва лаҳни марғуб мехондааст. Дар охир нависанда аз номи Саид–паҳлавон аз чӣ гуна мағлуб кардани кулли паҳлавонҳои ӯзбек ва соҳибовоза шудани худ қисса мекунад.

Дар боби 5-ум хотироти Бобоҷон Соҳибназаров зикр шудааст ва нависанда онро айнан аз номи худаш овардааст. Бинобар гуфтаи Бобоҷон Соҳибназаров ӯ зодаи Косабулоқ – ҳамсоядеҳаи Карим Девона будааст. Ӯ дар бораи Карим Девона аз дӯст ва ҳамсафару паҳнкунандаи ашъори шоир Қосимқаландар, ки ҳамроҳаш деҳа ба деҳа мегаштааст ва ҳашт сол пеш ба рӯ ниқоби хок кашидааст, ҳар гуна нақлҳои аҷибу ғариб мешунидааст. Қосимқаландар нақл кардааст, ки як рӯзи бозор дар Ҳисор ӯ шеъри Карим Девона «Шӯриши Ҳисор» - «Тарки фармони Худо кард Олиму мири Ҳисор»-ро мехондааст ва шоир низ ҳамроҳи ӯ будааст, ҳамин вақт мансабдори амир

Давлатдодхо пайдо мешавад ва нидо мекунад: «Ана, ба даст афтодед! Кариме, ки ба муқобили амиру беку ислом шеърҳо мегӯяд, ҳамин аст? Акнун барои бехудоии худ ҷавоб хоҳед гирифт!» [69,251]. Давлатдодхо онҳоро ба маҳкама кашидан мехост, вале дар ҳамин лаҳза Карим Девона як лаҳза аз шеърхонӣ бозмеистад. Сомеон ҳама озод намудани онҳоро аз додхо талаб мекунанд ва ӯ ночор аз бандӣ намудани эшон даст мекашад. Баъдан онҳо ба масҷиди Сангин назди мулло Халифа Абдурасул мераванд ва номбурда хӯрду ҷойхобашонро таъмин менамояд ва рӯзи дигар Ҳисорро тарк мекунанд.

Ба ҳамин тариқ, нависанда бо ин ҳикояташ таъкид менамояд, ки Карим Девона ҷорчии инқилоб буд. Вай бо шеърҳояш мардумро қадам ба қадам ба инқилоб наздик мекард, онҳоро ҳушдор медод, ки вақти озодии онҳо низ наздик аст.

Ҳабибулло Назаров аз қисмати 6-уми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» сар карда, рӯзгори бофандагии шоири мардумӣ Карим Девонаро дар Қаратоғ ҳикоят мекунад. Номбурда аввал бо Яъқуб Юнусови 73–сола, сокини мавзеи Қаратоғи ноҳияи Шаҳринав суҳбат меорояд. Яқуббобо Карим Девона–марди зардинаи миёнаҳади газгӯшти ришаш қайчизадаро хуб мешинохтааст, зеро онҳо як сол бофандаи батраки Ҳоҷӣ Муллоюсуф будаанд. Баъдан Карим Девона дар корхонаи Ортуқбой батраки Устобеки Ниёз мешавад. Сипас, оид ба маҳорати шеъргӯии Карим Девона сухан меронад ва мегӯяд, ки агар Карим Девона се шабонарӯз шеър хонад ҳам, шеърҳои ӯ тамом намешудаанд. Бофандагони Қаратоғ як ҷамъияте доштаанд ва зуд-зуд як ҷо шабҳо ҷамъ мешудаанд. Юнусов аз Ашӯр – биқ-биқ, Сайиди рангрез, Ҳоҷӣ Рабеи рангрез, Ҳофизи телба, Раҳмони ҷӯшонӣ, мулло Фозили бошабоз, Шарифи Сироҷ, Абдуқодир, Муродҳофизи Ғариб, Яъқуби масхарабоз барин ҳамнишину улфатҳояшон ёд мекунад.

Ба гуфтаи Яъқуб Юнусов Яъқуби масхарабоз дар тӯйҳо нақши раисро мебозидааст. «Гӯё дар бозор мансабдорону бойҳоро дастгир

мекард, ҷарима меситонд, мегуфт, ки шумо рафтори нохуб доред, расму русуми исломро вайрон кардаед»[69, 253]. Яъқуб Юнусов аз дастаи ҳунарии Яъқуб низ ёдовар шудааст: Ҳоҷӣ Булҳасан, Ҳоҷӣ Насим, Очилдии Чархак, ки ҳангоми роҳравӣ гоҳ-гоҳ чарх мезад, Ниёз Андрей, ки сурудҳои русӣ мехондааст, Набии дойразану Билоли нойӣ ва дигарон. Яъқуб гурӯҳашонро дастаи ҳунарии оворагард меномад. Пасон аз саҳнаи ҳаҷвии «*Ҳиндубозӣ*» ёдовар мешавад, ки онро дар тӯйи амалдори амир Ҳамидбеки Ясавулбошӣ иҷро кардаанд. Барои ҳангоми намоиш амаки Ҳамидбекро дасту пояшро баста, дар атрофаш пахта монда, пахтаро оташ дар додан, онҳоро ҳафтдаррагӣ мезананд ва аз тӯйхона пеш мекунанд.

Яъқуб аз Ҳоҷӣ Булҳасан, ки роҳбари намоишҳои онҳо буд, ёдовар шуда, мегӯяд, ки замоне ӯ масхарабози амири Бухоро Абдулаҳад будааст, аз дастаи амир фирорӣ шуда, ба Қаратоғ паноҳ бурдааст. Бисёр камбағалона мезистааст, зеро ягон касб надоштааст, ҳатто рӯзҳои бозор гадоӣ мекардааст. Булҳасан дар намоишҳо нақши судхӯр, дигаре – нақши дӯсти судхӯр ва сеюмӣ – нақши писари бебоки судхӯрро мебозидаанд. «Ҳамон рӯзе, ки судхӯр фоизи даромадашро намегирад, бемор мешавад, вазнин-вазнин нафас мегирад, дар дами марг аст, нафасаш аллакай намебарояд. Дар ҳамин лаҳза дӯсти ӯ фиғон мекунад: «Ба ту чӣ шуд, дӯстам, бархез!» Аммо судхӯр хомӯш аст, ҳарчанд дӯсташ фиғон мекунад, аз ӯ садое нест. Ногоҳ мегӯяд: «Фоизи даромад расид!» Судхӯр ҳамин ки калимаи «фоиз»-ро мешунавад, сиҳат мешавад, даррав аз ҷо бармехезад, ҳатто табассум мекунад. Аммо ӯ ҳанӯз ба худ наомада, писари бебокаш аз расидани фоизи даромад хабар ёфта, бо шодӣ фарёд мезанад: «Пул пайдо шуд, кайф мекунем, ҷӯраҳо, кабоб мехӯрем, шароб мехӯрем, аз нашъаи зиндагӣ баҳра мебардорем!» Аз суханони писараш дили судхӯр мекафад ва ҷон медиҳад. Писари судхӯр мебинад, ки падараш мурдааст, мегӯяд: «Не, не, мо ба қимати як тин канаб мехарем, як

ҳафта пӯсташро мехӯрем, ҳафтаи дигар мағзашро мехӯрем, ҳафтаи савум аз ҳисоби донааш зиндагӣ мекунем. Фоизҳоро ҷамъ мекунем, кӯзаи калонеро аз тилло пур мекунем. Дар ҳамин лаҳза судхӯри мурда атса мезанаду аз ҷо бармехезад» [69, 254].

Нависанда дар ин лаҳза аз Яъқуб Юнусов мепурсад, ки Карим Девона дар чунин намоишҳо чӣ нақше дошт? - Нақши Карим Девона зиёд буд, - посух медиҳад мусоҳибаш. – Ҳоҷӣ Булҳасан ҳама масъалаҳоро бо Карим Девона маслиҳат мекард. Мо ӯро роҳбари асосии даста ҳисоб мекардем» [69, 254].

Яъқуб ба пурсиши нависанда дар хусуси он, ки ӯ шеърҳои Карим Девонаро азёд медонад, ҷавоби мусбат медиҳад, сабаби фаромӯш кардани шеърҳои шоирро аз пирӣ ва заиф шудани хотирааш медонад ва ба хондани сатрҳои «Як муноҷот бишнав аз девонаи пири Ҳисор» оғоз мекунад [69, 255]. Дар посухи саволи нависанда аз дӯсташ Ниёз Андрей, ки дар замонҳои пеш дар заводҳои Фарғонаву Тошканд кор карда, бо забони русӣ гап задан ва ҳатто суруд хонданро аз бар карда буд, ёдовар мешавад, зеро пеш аз инқилоб чунин суруд хондан навгонӣ буд:

Искай ёрдим (ман кофтам)

Подавай, бердим (подавай – бидеҳ (русӣ), бердим – бидеҳ (ӯзбекӣ),

Кавказский канторга (идораи қафқозӣ),

Персиной залатой (ангуштари тиллоӣ),

Наконес Майнахон (ниҳоят Майнахон),

Суда будет, дарагой (Ба ин ҷо меояд азизонам) [69, 355-356].

Яъқуб нақл мекунад, ки аъзои дастаи ҳунарии онҳо – Билол Меҳтар ва Ҳоҷӣ Булҳасан баъд аз шикояти амалдорон, ки гӯё номбурдагон ашхоси баобурӯйи Ҳисорро масхара мекардаанд, бо фармони амири фирорӣ – Олимхон парронда мешаванд, ҳол он ки ба қавли ноқил «Онҳо ҳамеша ба умеди зиндагии хуш ва рӯзҳои равшан буданд» [69, 257].

Яъқуб Юнусов аз нақши судхӯрии Булҳасан дар оила ёд намуда, мегӯяд, ки дар кисаи судхӯр чиҳил калид буд, зеро ҳар дари хонааш 6-7 намуди қулф дошт ва ягон аъзои оилааш дари анбори хӯрокаи ӯро кушода наметавонист, зани бечорааш аз гуруснагӣ ҳаракат надошт ва аз бӯйи равғани хонаи ҳамсоя дилаш гум мезад, зеро «… барои ӯ як нон ғизои серӯза муқаррар шуда буд» [69, 258].

Аз Ҳоҷӣ Булҳасан барои нақшҳои масхараомезаш борҳо амалдорони Қаратоғ ба бек шикоят бурда буданд, вале азбаски ҳазорон косиб пушту паноҳаш буданд, бинобар ин беки Қаратоғ аз ҷазо додани ӯ ҳазар мекард, агарчи ӯро «нафратзадаи Худованд» гуфта, куштанашро раво мешумурд.

Ба гуфтаи Яъқуб қариб ҳамаи бофандагон муҷаррад будаанд. Ҳар бегоҳ баъди кор ё дар чойхона, ё соҳили дарёча ва ё дар ягон хона ҷамъ меомадаанд ва дар атрофи намоиш дар рӯзҳои бозор баҳс мекардаанд.Карим Девона аз кори онҳо қаноатманд шуда, ба амали онҳо баҳои баланд медодааст. «Офарин, бачаҳо, ба муқобили бойҳо бояд ҳамеша ҳамин хел рафтор кард. Онҳо бояд пасту разил будани худро донанд…», - мегуфтааст ӯ [69, 258].

Яъқуб Юнусов оид ба Ҳоҷӣ Насим сухан ронда истода, мегӯяд, ки ӯ масхарабози олиҷаноб, миёнақад, сиёҳчурда, шонапаҳн буда, теззабону гапдон буд, риши дарози найзамонанд дошт ва ҳамеша нақши зани аз дасти шавҳараш ҷабру зулми бисёр дидаро мебозид. Ниёз Андрей бошад, нақши шавҳари ӯро мебозид, ки хеле сахтгиру беадолат буда, ҳатто ба занаш иҷозат намедод, ки барои об ба лаби дарё равад. Агар медид, ки занаш аз роҳи дар ба берун менигарад, ӯро ба зери мушту лагад мекашид. Нақлкунанда – Яъқуб бошад, нақши қозиро мебозидааст. Зан (Ҳоҷӣ Насим) ба назди қозӣ (Яъқуб) аз болои шавҳараш (Андрей) ба қозӣ шикоят мебарад: «Ҷаноби қозӣ, ман медонам, ки шавҳар Худост, аз ӯ шикоят кардан маъно надорад, қозию

амир ҳам мард ҳастанд ва албатта ҳаққу ҳуқуқи шавҳари маро ҳимоят хоҳед кард. Ба ҳар ҳол ман ба шумо муроҷиат мекунам» [69, 259].

Ғайричашмдошти гуфтаҳои зан қозӣ шикояти ӯро шунида, қарор мекунад: «Аз ҳамин рӯз сар карда, ба занҳо ҳаққу ҳуқуқи ба бозор баромадан, харид кардан, хулоса, ҳама коре, ки мардон мекунанд, вогузор карда шавад. Мардон кори занҳоро ба ҷо оранд» [69, 259].

Аз қозӣ мепурсанд: «Таваллуд кардани фарзанд чӣ?», аммо ӯ ҷавоби ин саволро ба фардо вогузор мекард, вале иддао менамуданд, ки фавран ҷавоб гӯяд. «Бигузор мардон ҳам инро санҷида бинанд, донианд, ки занҳо чӣ гуна қаҳрамон ҳастанд, зоидан, тарбия кардан, калон кардан кори осон нест» [69, 259].

Қозӣ ба занҳо рӯ оварда, мегуфтааст: «Бачаҳо зоеду калон кунед, аммо чунон тарбия кунед, ки ҳаргиз марди беинсофу нобакор ба камол нарасанд» [69, 259].

Нависанда бо овардани ин ҳикоят таъкид карданӣ аст, ки масъалаи баробарҳуқуқии мардону занон кайҳо диққати Карим Девона ва ёронашро ҷалб карда будааст ва онҳо бо намоиши саҳнаҳо мардонро ба адлу инсоф нисбати занҳо даъват мекардаанд.

Оид ба Ҳоҷӣ Насим ва сабаби чунин унвон гирифтани ӯ нақл мекунад. Гӯё Ҳоҷӣ Насим дар хобаш пайғамбарро дидааст, ки ӯро ба ҳаҷ даъват кардааст ва озими хонаи Худо мегардад. Мардум ба ӯ бовар карда, ба андозаи тавон маблағ медиҳандаш. Ӯ то деҳаи ҳамсоя рафта, бегоҳ бармегардад. Баъди ин ҳама ӯро Ҳоҷӣ меномидагӣ мешаванд.

Яъқуб ба нависанда ҳикоят мекунад, ки боре Юсуфбой ба ивази меҳнаташ ба Ҳоҷӣ Насим баррачаи касали аз дилберунашро медиҳад. Дере нагузашта баррача мемирад. Ҳоҷӣ Насим дар болои ҷасади баррача нола мекунад ва ҳамин вақт Юсуфбой пайдо шуда, сабаби

навҳакашиашро мепурсад. Ҳоҷӣ Насим дар ҷавоб мегӯяд: «Агар ба ҷойи баррача ту мемурдӣ, ман ҳеҷ гоҳ чунин ғам намехӯрдам» [69,260].

Ба гуфти Яъқуб Карим Девона на танҳо бо косибон, балки бо одамони баобрӯи Қаратоғ, бо олимону шоирон робита дошт. Баъдан аз нишастухези Карим Девона бо шоири ишқсаро Тағоймуроди Танбӯр, бо мӯйсафеди олитабор Устоболтуи чӯбтарош ёдовар мешавад.

Яъқуб аз Қаратоғ, ободӣ ва обу ҳавои мусоиди он забон ба тавсиф кушода, шаҳри сарнуфус буданашро таъкид мекунад. То заминҷунбии соли 1907 ҷойи фароғати беки Ҳисор будани Қаратоғро махсус қайд мекунад ва мегӯяд, ки беки Ҳисор баъди заминҷунбӣ аз тарси мардум Душанберо ҷойи истироҳати худ қарор медиҳад, зеро дар натиҷаи ин офат 1500 хоҷагӣ, 8500 нафар зери хок рафтанд. Дар ин ҷо номбурда аз шеъри ба ин муносибат навиштаи шоир Карим Девона «Шаҳаншоҳе, ки лоиқ нест, мурданаш матлаб» низ ёдовар шудааст.

Дар фуроварди ин боб нависанда аз мусоҳибаш Яъқуб Юнусов дар бораи он мепурсад, ки оё дар Қаратоғ ягон Карим Девонаи дигаре буд ё не? Яъқуб дар ҷавоб мегӯяд, ки мулло Карим ном шахсе гоҳ – гоҳ шеър мегуфтааст, вале вай ба Карим Девона ягон умумияте надоштааст, зеро вақте ки Карим Девона соҳибном буд, мулло Карим бача буд ва баъдан гоҳ – гоҳ дар васфи паёмбари ислом шеър мегуфт, ки ҳамаи инҳо баъди сариКарим Девона иттифоқ афтодаанд. Мулло Карим дар синни 50-солагӣ андаке пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ вафот мекунад.

Нависанда то ин вақт ҳодисаву воқеаҳоро аз номи Яъқуб Юнусов нақл мекард, вале боби 8-умро аз нақли саргузашти Яъқуби бофанда, яъне шахси мавриди назари мо оғоз мекунад. Ин мӯсафедро дар Қаратоғ Арбоб Яъқуб меномидаанд. Ӯ дар бораи зиндагии фақиронаи Карим Девона, барои шоир пул партофта, кафш фармоиш додани бофандаҳо, пас аз заминҷунбии Қаратоғ соли 1911 ё 1912 ба корпартоӣ

даст задани тамоми бофандаҳо ба шумули косибони дарбори мир ва баъди муҳосираи қалъа ба ҳарос афтодани мир, ба каме зиёд гардидани музди меҳнат ноил шудани бофандаҳо, ки пешсафи онҳо Карим Девона буд, нақл мекунад. Мӯйсафед таъкиди Карим Девонаро баъди корпартоӣ ёдрас менамояд: «Дидед, бародарҳо, кам ҳам бошад, чизе ба даст овардем. Шумо бошед, бовар надоштед» [69,267]. Мӯйсафеди Яъқуб бо ин гуфтанист, ки дар хаёли шоир ҳамеша фикри беҳбудӣ бахшидан ба рӯзгори камбағалон чарх мезад ва ӯ барои анҷоми ин кори хайр ҳатто ҷонашро низ нисор намудан мехост.

Нависанда дар боби 9-ум муҳтавои суҳбаташро бо Абдусаттор Ғуломови 62-сола овардааст ва дар боби 10-ум боз ба суҳбати бо Яъқуб Юнусов доштааш баргаштааст. Нависанда аз сафараш ба ноҳияи Шаҳринав ёдовар шуда, тафсилоти мулоқоташро бо мӯйсафеди Яъқуби 73-сола тасвир менамояд, аз мавзеи зебои Қаратоғ, макони шоирони хушбаён Тағоймуроди Танбӯр (Хиҷил), Мирзо Мукман, Қорӣ Болту, Ғуломӣ ва дигарон будани Қаратоғ хонандаро огоҳ месозад, аз шеъри оламгири М.Турсунзода, ки аз ҷӯйи чунин фарзонагон об хӯрдааст, ҳушдор медиҳад. Нависанда аз номи Яъқуби бофанда рӯзгори Карим Девонаро дар Дашнободи Ӯзбекистон, мулоқоту ҳамнишинии бофандаҳои Қаратоғу Дашнобод, рӯзгори Карим кӯҳнадӯзро, ки шеърҳои Карим Девонаро мехондааст, шарҳ медиҳад, аз номи Карим – кӯҳнадӯз шеърҳои ба забони ӯзбекӣ навиштаи Карим Девонаро зикр менамояд. Баъдан аз саҳнаҳои мардумӣ, ки як навъ василаи мубориза алайҳи сардамдорони давр буданд, дар мисоли тӯйи Ҳамидбек – девонбегӣ ёдовар шудааст.

Тавре ки ба нависанда Яъқуб Юнусов нақл мекунад, саҳнаи онҳо «Ҳиндубозӣ» ном доштааст. Онҳо барои амалдоронро масхараву шармсор кардан ба тӯйи Ҳамидбек – девонбегӣ – амалдори Авлиё – Қулбек – мири Ҳисор рафта, барои хандондани тӯякиҳо иҷозати соҳибтӯйро мегиранд. Пеш аз ҳама ҳадафи онҳо аз ин саҳна ба масхара

кашидани амаки тӯйдор – марди қадбаланд, шикамкалон, паҳнриши бадқаҳр буд. «Масхарабозон» иброз медоранд, ки барои иҷрои саҳна ба кӯмаки шахси беруна эҳтиёҷ доранд. Ҳамин вақт шахси мавриди назар, ки аз банг сархуш буд, табассумкунон дандонҳои ашки гургмонандашро намоиш дода, худаш ба наздашон меояд. Вайро ба занбар мешинонанд, дасту пояшро бо ҳалқаҳои занбар мебанданд, болояшро бо пахта мепӯшонанд ва оташ мезананд. Пахта дармегирад, риши амалдор месӯзад, дар рӯяш низ обилачаҳо пайдо мешаванд. Ҳарчанд фарёд мезанад, касе ба имдодаш намерасад, зеро ҳозирин чунон банди ханда буданд, ки ба ёдашон амалдор намерасид. Тамошобинон барои чунин саҳна ба нақшофарон таҳсин мекарданд ва ба амалдор нафрин.

Ҳамин вақт аз дур миршаб – сардори политсияи бекигарии Ҳисор намоён мешавад. Ҳамин вақт саҳнаи дигарро оғоз мекунанд. Раис фармон медиҳад: «Сардори политсия кӯри Ёрматро дастгир кунед!» Дар як дам ӯро дастгир карда, назди раис меоранд. Раис ҳамон лаҳза гуноҳҳояшро ба гардашан бор мекунад:

« - Миршаб тартибу низомро риоя намекунад, шаҳр аз ҳанноту савдогар пур шудааст, онҳо мардумро фиреб медиҳанд, даллолу миёнараву дуздон ғоратгарӣ мекунанд, дар бозор нонҳои нимхомро мефурӯшанд, кабоби хом, ҳалво ва нишоллои бадсифат ба дил задааст. Одамон касал мешаванд, дарунрав мешаванд» [69,273].

Миршаб ҳафт дарра ҷазо мебинад (Дарра аз шуши ҳайвон сохта шуда буд). Раис мебинад, ки саҳнаро худи мир Аблиёқул ва қозию раис тамошо мекунанд, фармон медиҳад, ки ҷаноби беку қозию раисро ба пеши ӯ оранд ва ӯ аз онҳо хоҳад пурсид, ки «… чаро деҳқононро таҳқир мекунанд, андоз ва молиёти аз ҳад зиёд меситонанд, чаро фармудаи Қуръони муқаддасро вайрон мекунанд, чаро гуфтаҳои муқаддаси Муҳаммад (с) – пайғамбарро ба ҷо намеоранд, чаро

амалдорони онҳо ҳамеша масти бангу шаробанд? Бигузор дар назди халқ ҷавоб гӯянд» [69,273].

Вақте ки ёрдамчии раис барои иҷрои фармон меравад, онҳоро аз тӯй пеш мекунанд, зеро эшон обрӯи одамони калон – мир, қозӣ ва раисро мерезондаанд.

Дар охири суҳбаташ мӯйсафед хулосаи суханро иброз дошта, таъкид мекунад, ки яроқи муборизаи онҳо лашкару қудрату силоҳи онҳо сухан буд. Бинобар ин роҳҳои гуногуни муборизаро фикр мекарданд, гоҳ худро ба аблаҳон монанд карда, ба ҳоли онҳо механдиданд, гоҳ сурудҳои ҳаҷвӣ эҷод карда, дар мазаммати онҳо месурудаанд ва корпартоӣ созмон дода, зиёд кардани дастмуздашонро талаб мекардаанд.

Бо омадани муаллим Абдухалил Имомов суҳбати нависанда сари падари ӯ – бофанда, машшоқ ва овозхон Имом – ҷӯраи Яъқуб Юнусов мечархад. Азбаски ӯ шахси ғаюр ва мағрур буд, назди касе сар хам намекард, барои «шикастанаш» амалдорон ба ӯ гуноҳе бофта баровардаанд, ки гӯё вай дар замони батраки амалдори амир Исмоилбек буданаш сандуқи тиллои ӯро дуздидааст ва зиндониаш сохтанд. Ӯро 75 чӯб заданд, чор маротиба муҷозот карданд. Баъдан миш – миш паҳн мешавад, ки гӯё зани ҳамон амалдор гуфтааст, ки сандуқи тиллоро худи шавҳараш пинҳон кардааст ва ӯ ҷойи онро медонад. Бо супориши амалдор занаш аз миён бардошта мешавад, вале мардум аз асли гап бохабар мешаванд.

Амалдор ночор эълон мекунад, ки сандуқро дӯстони Имом Назар бо тиллояш аз болои девор ба ҳавлии ӯ партофтаанд. Имом Назари беҳушро бо занбар ба хона меоранд, бо шикам як соли дароз то барқарор гардидани Ҳукумати шӯравӣ мехобад ва вуруди аскарони сурхро бо такяи асо пешвоз мегирад. Мудири анбор таъин мегардад. Сохти навро бо хушнудӣ мепазирад.

Писари Имом Назар – Абдухалил Имомов рӯзи дувуми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ихтиёрӣ ба ҷанг меравад. Дар муҳорибаҳои Сталинград, дар ҷабҳаи Калининград хизмат намуда, ба сари баланд ва пеши бари пур аз ордену медал бармегардад ва касби муаллимиро идома медиҳад.

Боби 11-уми китоби 2-юм «Карим Девона ё мулло Карим?» номида шудааст. Нависанда дар ин бахш гумону тахминҳои ҳамсуҳбатонашро оид ба шахсияти Карим Девона ва муваллиди кадом макон будани ӯ зикр кардааст. Ба қавли адиб гурӯҳе ӯро қубодиёнӣ, бархе қаратоғӣ ва гурӯҳе ёвонӣ меномиданд. Баъзеҳо ҳатто мавҷудияти ӯро рад карда, Қаландар Бодомак меномидандаш. Адиб ҳамаи ин гумону шубҳаҳоро дар тарозуи ақл бармекашид ва бо сӯҳони фикр сайқал медод. Вале далели шайъӣ ашъори худи шоир буд, ки ӯро ба тафаккури солим ва роҳи рост ҳидоят намуд, чунки «Шеърҳои Карим Девона… шамшери буррое буданд ба муқобили амалдорони хунхори амир, бою муллою думбардорони онҳо. Сухани шоир мардуми бенаворо ҳимоят мекард, ҳаёти хуши ояндаи онҳоро тараннум менамуд, ба сохти пӯсидаи ҳукумати амирӣ лаънату нафрин мефиристод» [69,278].

Ҳамчунин нависанда мулло Карими Ҳисорӣ ва ашъори ӯро бо Карим Девона муқоиса намуда, ба хулосае омадааст, ки ин ду нафар як кас нестанд, балки ба сари худ ашхоси мустақиланд. Аз қавли Абдусаттор Ғуломови 62-сола ба хулосае меояд, ки Мулло Карим табибию муллогӣ мекардааст, тӯмор медодааст, вале шоири машҳур набудааст. Ҳақиқатан ҳам дар тақлид ба шеъри Карим Девона «Шӯриён бозор шуд» ба бозори Тӯда шеъре бахшида будааст:

Шукр гӯям, ки дар ин дам Тӯда ҳам бозор шуд,

Аминона бист ҳазор – Санги Сафо тайёр шуд [24, 279].

Шеърҳои номбаршудаи Карим Девона ва мулло Каримро, агар қиёсан дида бароем, маълум мегардад, ки шеъри аввалӣ дар даврони

амирӣ, вале шеъри дуюмӣ дар солҳои 1926-27-ум суруда шудааст. Баъдан, Карим Девона соли 1918 даргузашт, вале мулло Карим пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дунёи фониро падруд гуфтааст. Касби Карим Девона баръакси мулло Карим бофандагӣ ва шоирӣ будааст.

Боби 12-ум таҳти унвони «Номаи Абдусаттор Ғуломов» садо медиҳад. Нависанда хотироти Абдусаттор Ғуломовро оид ба рӯзгори бофандаҳои Қаратоғ аз номи падари ноқил овардааст. Дар Қаратоғ кулли бофандаҳо саркор доштанд ва аз хатти маши ӯ касе берун по намениҳод. Дар ин ҷо ваъдахилофии Солеҳбой ном заминдори калони хасисро зикр мекунад. Ӯ ба шаҳри Китоб рафта, аз он ҷо абрешиму пиллаи зиёде харида меорад. Вай дӯкони бофандагӣ кушода, истеҳсоли шоҳии абриро роҳандозӣ менамояд. Саркори бофандаҳо Қорӣ Бобо барои ӯ беҳтарин бофандаҳо – Абдуқодир, Зариф ва Абдукаримро бо меъёри барои истеҳсоли ҳашт оршин додани ду танга таъин менамояд. Аммо бо гузашти муддате бой ваъдахилофӣ намуда, дастмузди онҳоро ба ним танга поён мефурорад. Онҳо ба сардори худ шикоят мебаранд. Бо супориши Қорӣ Бобо тамоми бофандагони Қаратоғ коршиканӣ мекунанд. Солеҳбой ба ҷойи бо косибон гуфтушунид кардан аз мулоқот бо онҳо гурехта, ба Остонақул- беки Ҳисор шикоят мебарад, то ки коргарон таҳти зарби мусиқии ӯ рақс кунанд. Вақте ки бо талаби бек Қорӣ Бобосаркорро ба назди ӯ бурданӣ шуданд, тамоми беш аз ҳазор нафар бофандагон ба қалъаи Ҳисор ҳамроҳи саркорашон ҳозир мешаванд. Бек, ки чунин вазъиятро чашмдор набуд, бо гумоштагонаш ба истиқболи издиҳом мебарояд. Мир аз тарс на танҳо Солеҳбойро мефармояд, ки музди кори бофандаҳоро тибқи қарордоди аввалааш пардохт кунад, балки ба саркор Қорӣ Бобо аз номи худ хилъат низ мепӯшонад. Тибқи гуфтаи нависанда дар миёни бофандаҳо тавре ки ёдрас кардем, Карим Девона (Абдукарим) низ буд ва ин воқеа қабл аз зилзилаи Қаратоғ рух додааст.

Дар боби 13 [69, 282] сухан аз коргарони қарории мавсимӣ меравад, ки онҳо низ саркор доштанд ва танҳо бо иҷозати саркор аз кор рафта ё муҳлати корро дароз карда метавонистанд. Оҳангарону кулолҳо низ бо ҳамин дастур кор мекарданд. Баъдан нависанда аз корпартоиҳо сухан карда, таъкид месозад, ки аввалин коршиканиҳо таҳти роҳбарии Қорӣ Бобо, Зариф, Абдуқодир ва Абдукарим ба амал меомаданд.

Дар боби 14 «Суҳбат бо Бобораҳим Саидови 75- сола» [69, 282] зикр шудааст. Бобораҳим мегӯяд, ки Карим Девонаро аслан аз Ғозималик Набӣ ном марде ба Қаратоғ оварда буд. Онҳо дар тӯе шинос мешаванд. Шоир чанде дар хонаи Набӣ зиндагӣ мекунад. Баъдан дар хонаи Юсуфбой бофандагӣ мекардааст. Овози форам дошта, сурудҳои дилнишин мехондааст. Баъдан Карим Девона ҳамроҳи Юсуфбой ва Ҳоҷӣ Мирзомурод ба Самарқанд меравад. Карим Девона дар наздикии деҳаи Киштути ноҳияи Панҷакент бо Бобораҳим, ки ӯ низ озими он шаҳр буд, дучор мешавад. Ба гуфти Бобораҳим он вақт Карим Девона 25 – сола буд. Дар Самарқанд дар меҳмонхона 10 – 15 нафар дохундаҳо ҷамъ шуда, бонавбат хӯрок мепухтанд ва ҳар кас ба кори дилхоҳаш машғул мешудааст, вале Карим Девона дар ин гуна маҳфилҳо кам иштирок мекардааст, зеро ӯ улфатҳои худро доштааст. Дар охир Бобораҳим Саидов қиёфаи Карим Девонаро мекашад: «Нағз дар ёд дорам, вай гӯё дар пеши дидагонам намоён мешавад: миёнақад, чашмони кабуд, риши начандон калони зард. Шеърҳои хандаовар месуруд» [69,283].

Дар боби 15 «Суҳбат бо мӯйсафед Дурман Насриддинови 68-сола» [69,283] зикр шудааст. Аз рӯйи навиштаи адиб мӯйсафеди Дурман орзу мекардааст, ки Карим Девонаро бубинад. Барои ин ба деҳаи Ҷурак меравад ва дар хонаи дӯсти оҳангараш меҳмон мешавад. Бегоҳӣ шоирро низ даъват мекунанд. Баъдан ноқил портрети марди аз дар даромадаро мекашад: Миёнақад, газгӯшт бо риши зард [69,284].

Нақлкунанда Каримро шинохтааст. Аз рӯйи гуфтаи ӯ шоир ба даст тақсимча гирифта, суруд хондааст. Овозаш қавӣ ва форам будааст. Вай аз дидаву шунидаҳояш дар Қаратоғ, Деҳнав, Шаҳрисабз қиссаҳои шавқовар мекардааст. «Шеърҳое, ки месуруд, - мегӯяд Дурманбобо, - ба муқобили амалдорон, муллоҳо, бойҳо буданд ва онҳо ба мо маъқул буданд ва мо бо завқ механдидем. Камбағал бошад ҳам, ҷасур буд, аз чизею касе наметарсид. Ба ҷуз як хар дигар чизе надошт. Ҳа, вай шоири калон буд» [69,284].

Боби 16-умро нависанда «Илова. Карим Девона дар Қаратоғ» [69,284] ном гузоштааст. Дар ин қисмат адиб мақсад мегузорад, ки муҳити кору эҷод, муқаррабони ҳамондавраи Карим Девона ва таъсиргузорони ӯро дар Қаратоғ таъину таҳқиқ намояд. Бинобар ин муҳаққиқ аз Тағоймуроди Танбӯр (тахаллусаш Хиҷил), Мирзо Нуъмон мутахаллис ба Мафтун, Болтуи Мирзо Ғулом (тахаллусаш Ғуломӣ), Қаҳрӣ Иброҳими рассом, оҳангар барин шоирони ҳамнишини Карим Девона ёд мекунад. Онҳо мунтазам баъди кор ҷамъ меомадаанд, суруд мехондаанд, шеърҳои ишқию ҳаҷвӣ қироат мекардаанд. Баъдан, шеъри бо забони ӯзбекӣ эҷодкардаи шоири оҳангар Иброҳимро дар тарҷумаи таҳтуллафз аз ӯзбекӣ меорад, ки ӯ аз сохти амирӣ нафрат дорад ва хоҳони марги амиру бек аст [69, 285]. Дар идома нависанда номи онҳоеро, ки Қаҳрӣ барояшон лаънату нафрин мефиристад, як – як шарҳ медиҳад: Давлатмирохӯр, Юсуфбой, Иброҳимбой, Арбоб Раҳим [69, 286]. Сипас, аз номи Давлат Назаров қисса мекунад, ки аз падараш Давлатмирохӯр 30 килограмм гандум барои амир гуфта, талаб мекунад. Ба ӯ Зокирбойи заргар ба ивази пӯшонидани хонааш 20 кило гандум медиҳад, вале вақте ки ӯ онро ба назди Давлат мебарад, «10 кило кам аст» гуфта, ба пушти падараш 25 дарра зада, сад танга ҷаримааш мебанданд.

Адиб боби 17-умро барои он «Вохӯрии ғайричашмдошт» номидааст, ки нависанда ба хотири дарёфти маълумот оид ба Карим

Девона озими Дашнободи Ӯзбекистон буд, вале тасодуфан дар шахси Уроқакои дашнободӣ- сокини Душанбе роҳбалади хуберо пайдо намуд. Аз ҳама муҳимаш ӯ низ Карим Девонаро медонистааст.

Бинобар ин нависанда дар боби 18-ум «Суҳбати якум» [69, 290]-и худро бо Уроқ Ҳамидов доир намудааст, ки 30 июни соли 1957 сурат мегирад. Уроқ Карим Девонаро бо чашми худ дида будааст. Тоҷик буданашро тасдиқ мекунад. Дар тасаввури Уроқ Карим Девона дорои «… риши зардинаи дароз, рӯяш сафед, чашмонаш кабуд буда, харобак» [69, 291] аст. Ба гуфтаи Уроқ Карим Девона баъди як ё ним соли заминҷунбии Қаратоғ ба Дашнобод омада будааст. Карим Девона дар хонаи Раҳмоноқсақол бофандагӣ мекардааст ва он овон 25-30 сол доштааст. Уроқ бачаи 14-15 сола буда, дар ҳамсоягии онҳо мезистааст. Баъдан аз Абдусолеҳов, Юлдошбедонабоз, Аҳмад Муродов, Аҳмад полвон Олимов ва Раҳмат Олимов баринҳо ном мебарад, ки онҳо ё бо Карим бофандагӣ кардаанд, ё бо ӯ қаробат доштаанд ва шеърҳояшро азёд медонистаанд. Карим Девона бо падари Уроқ, ки бофанда буд, шиносоӣ доштааст.

Ба ҳамин тариқ, Ҳабибулло Назаров дар қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» бо зикри рӯзгори аҳли ҳунар саҳифаҳои хираи зиндагиномаи Карим Девонаро комилан равшан сохта, бо тасвири намоишномаҳои мардумӣ аз тарафи шоир ва ёронаш, ки воситаи хеле ҷолиби даъват намудани омма ба мубориза алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ буданд, дар шуури шоир ва ҳамсафонаш падид омадани бедории синфиро таъкид намудааст.

ХУЛОСА

Миллати тоҷик аз қадимтарин халқҳои Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад, ки дар қатори соҳиби таърихи бой, фарҳанги оламшумул ва адабиёти қадими хаттӣ будан эҷодиёти гуфтории ғанӣ ва пурмазмун низ дорад. Ҷиҳати муҳими эҷодиёти гуфтории халқ аз он иборат аст, ки ба таври шифоҳӣ эҷод мешавад ва аз даҳон ба даҳон гузашта, баъди ба завқи умум созгор афтодан ба дилу дидаҳои омма роҳ меёбанд. Мардум бо шунидани ин ё он асари фолклорӣ онро ба ҳолати рӯҳӣ, завқ ва вазъи иҷтимоии худ мувофиқ кунонида, иҷро менамоянд. Дар қатори асарҳое, ки бемуаллифанд ва моли халқ дониста мешаванд, боз осори фолклорие низ мавҷуданд, ки халқ гӯяндагони онро дар хотираи худ нигоҳ доштааст ва эшонро шоирони халқӣ меноманд. «Шоирони халқӣ,- ба қавли фолклоршинос Асадулло Сӯфизода,- онҳоеанд, ки таълими расмии мадраса ва мактабро надидаанд ва аз рӯи истеъдод ва маҳорат бо услуби авомона ва бо ин ё он шеваи маҳал эҷод менамоянд» [99, 97]. Карим Девона низ дар байни омма чун шоири халқӣ маълуму машҳур аст. Агарчи ашъори Карим Девона аз даҳон ба даҳон гузашта, дар байни халқ паҳн мешуд, вале то солҳои 50- уми садаи ХХ ин шоири халқӣ дар доираи маҳдуди аҳолӣ маъруфият дошт. Хушбахтона адиб ва ҳуқуқшиноси барҷаста Ҳабибулло Назаров тавонист, ки ин шоири гумномро аз нав зинда гардонад, ӯро ба доираи васеи хонандагон муаррифӣ намояд. Аз ин дидгоҳ Карим Девона бозёфти эҷодии Ҳабибулло Назаров аст.

Бинобар ин, омӯзиши тасвири бадеии рӯзгор ва осори Карим Девона дар насри тоҷик ва таҳқиқу таҳлили илмии баҳси донишмандон перомуни рӯзгор ва осори шоири халқ Карим Девона моро ба чунин хулосаҳо овард:

1. Ҳабибулло Назаров аз оғози солҳои 50-уми садаи ХХ сар карда, ба ҷустуҷӯи Карим Девона ва шахсияти ӯ камари ҳиммат баст. Ашъори

Карим Девонаро аз забони гӯяндаҳо, ақориб ва ҳамдиёрони шоир гирд овард ва бо номи «Сатрҳои оташин» солҳои 1957 (бо забони русӣ), 1958, баъдан соли 1961 дар шакли мукаммал бо забони тоҷикӣ ва 1962 бо забони ӯзбекӣ бо номи «Туғён» пешкаши хонандагон намуд. Ҳамчунин дар соли 1961 повести мавсуф бо номи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» интишор шуд. Нависанда муҳтавои қиссаи адабӣ-бадеии «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро дар чаҳорчӯбаи муайян дароварда, бо розигии Комиссияи олии аттестатсионии умумииттифоқӣ тадқиқоти худро роҷеъ ба рӯзгор ва осори Карим Девона ба шӯрои илмии Институти халқҳои Осиёи АФ СССР манзур намуда, онро дар шакли диссертатсияи номзадӣ бомуваффақият дифоъ намуд.

2. Дар аввал аксарияти адибон ва олимони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ - М.Турсунзода [106], Куликов С. [37],»Ломатина Л. [40], Липкин С. [38], Михайлова Л. [48], Соколова Н. [96], Тихонов Н. [104], Карабелников Г. [36], Смирнов Ю. [95] ва Н. Маъсумӣ дар мақолаи «Кашфиёти адабӣ» - сарсухан ба китоби Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» (1961) ба Ҳабибулло Назаров ва меҳнати бурдборонаи ӯ дар атрофи ҷустуҷӯи шахсият ва ашъори Карим Девона баҳои баланд додаанд.

3. Баъди ба ҳайси рисолаи номзадӣ пешниҳод шудани қиссаи Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ба сабаби ба талаботи рисолаи илмӣ созгор набудани асар фолклоршиносон Воҳид Асрорӣ ва Рачаб Амонов бо мақолаи худ «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» [10] дар атрофи мавҷудияти шоире бо исми Карим Девона баҳс оғоз намуда, буду набуди ин шоири халқиро таҳти савол қарор доданд. Аҳрор Мухторов бо мақолаи «Дар бораи оташу дуд»[63, 21], Бозор Тилавов «Карим Девона ҳанӯз дар байни оташу дуд» [102], Шоҷамолов С. «Баъзе андешаҳо» [138] ва дигарон ақидаҳои Р. Амонов ва В. Асрориро дастгирӣ намуданд, вале академик Рачабов З.Ш. дар мақолаи «Оё ин

дуд оташ дорад?» [88], Раҳматов Ҳикмат «Бори дигар дар бораи оташу дуд» [81], Мирзоев К., Ҳусейнов И. ва Саидов Д. «Дар бораи «оташу дуд» [45], «Оташе, ки Карим Девона афрӯхт...» [46] ва Ҳидоятов И. бо мақолааш «Сатрҳои оташин»-и Карим Девона- меҳмони ӯзбекон» ва И. С. Брагинский «Оташ куҷову дуд куҷо?» [17] Ҳабибулло Назаровро ҳимоят намуданд.

4. Ҳабибулло Назаров бо бештар аз 300 нафар одамони гуногунсинну гуногункасб вохурда, иддао намуд, ки дар водии Ғозималик шоири мардумие бо номи Абдукарими Қурбон, муттахаллис бо исми Карим Девона зиста, рӯзгори хеле одию хоксорона доштааст.

5. Мувофиқи хулосаи экспидитсияи такрории фолклоршиносӣ ва пажӯҳиши Ҳабибулло Назаров таваллуди Карим Девона дар соли асп-1878 иттифоқ афтодааст. Дар сесолагӣ аз модар ва дар 10-солагӣ аз падар ятим мемонад. Баъдан тарки зодгоҳ намуда, муддати 14 сол дур аз ёру диёр дар Ҳисор, Душанбе, Қубодиён, Қаратоғ, Янгибозор, Деҳнав, Тирмиз, Ҷарқӯрғон, Шеробод, Панҷакент, Шаҳрисабз, Қуқанд ва Самарқанду Бухоро дар мусофират буд, бо мулло Абдурасул, мулло Ҷӯра, Саҳбо, Толиби Афсонагӯй, Муллобобо, Муллоҳомид, Тағоймуроди Танбӯрӣ (Хиҷил), Мирзонуъмони Мафтун ва дигар фозилону донишмандони замонаш робитаи дӯстӣ доштааст. Карим Девона дар Ҷурак ҳунари бофандагиро аз худ мекунад. Баъд аз 23-солагиаш ба зодгоҳаш Ҷурак чун як шоири баркамол ва бофандаи чирадаст бармегардад. Агар ишқи аввали Карим Девона ин дар Қаротоғ бо духтари бойе иттифоқ афтода ва он ноком ба анҷом расида бошад, баъдан дар синни 28-солагӣ аз деҳаи Ҳуҷазикриё бо духтари тағояш-Боғигул оила барпо мекунад ва ҳосили он ду писар-Қурбонмурод ва Муҳаммадӣ мебошанд. Мувофиқи маълумоти Ҳ. Назаров Карим Девона соли 1918 аз касалии вабо вафот мекунад. Завҷааш Боғигул бошад, соли 1922 ва писараш Муҳаммадӣ соли 1924

дар деҳаи Оққулии ноҳияи Ҳисор фавтидаанд. Қубонмурод баъди фавти падар дар 11-солагӣ деҳаи Ҷуракро тарк мекунад ва тақдири мибаъдаи ӯ маълум нест.

6. Ба қавли академик З.Ш.Раҷабов «Карим барои ба муқобили тартиботи амирӣ суханони танқидомез гуфтанаш» Девона ном гирифта будааст. Девона тахаллус намебошад..., Девона лақабест, ки ба шоири ҷасур аз тарафи гурӯҳҳои ҳукмрони аҳолӣ часпонида шудааст» [88,5]. Шоир тасодуфан худро девона эълон накардааст, балки мавсуф аз мазмуни ашъори худ, ки бар зидди золимон менавишт, лаззат мебурд ва дилаш таскин меёфт. Баъдан дар замони феодализм ба Карим барин шоири озодандеш рӯзи нек намедоданд, вале касе, ки ба девонагӣ ном мебаровард, аз рӯйи шариат суханони ӯ мубоҳ (раво) буд [88, 3].

7. Шеърҳои Карим Девонаро дар замони барҳаёт буданаш беъзе ашхоси босавод кӯшиши дар маҷмӯае ҷамъоварӣ кардан намудаанд. Мулло Фақир- дӯст ва ҳамдеҳаи шоир ашъори Карим Девонаро гирд оварда, дар шакли китоб дароварда будааст, вале дар солҳои таъқиботи сталинӣ ӯ низ аз ғоре ҳамроҳи китобҳояш дастгир карда шуда, эъдом мешавад. Дигар маҷмӯаи шеърҳои шоир низ нопадид мегардад. Мирзо Абдухолиқ – котиби отряд низ маҷмӯаи шеърҳои шоирро доштааст, вале баъди фавташ бародараш Мирзо Толибов ин маҷмӯаро ба Санатулло Аминов, сокини деҳаи Оққулӣ бо чор пуд ҷав мефурӯшад ва он шахс китоби шоирро бо худ гирифта, ба Ҷуҳурии Ӯзбекистон кӯчида меравад, ки бо ҳамин тақдири ин китоб низ номаълум мемонад.

8. Ҷавобан ба эродҳои мунаққидон, ки шеърҳои Карим Девонаро гуногунуслуб: қисме дар вазни сабуки кӯтоҳи халқӣ, қисми дигар ба қалами шахсони каму беш босавод ва қисми сеюмро шеърҳои комилан босаводона ҳисобидаанд, экспедитсияи назоратӣ муайян кард, ки

наздикони Карим Девона аз гуногунуслубии ӯ воқиф буда, иттилоъ медиҳанд, ки Карим Девона дар ду хел вазъият шеър мегуфт ва ду навъ шеър дорад: шеърҳои майдонӣ ва шеърҳои чакдонӣ. Шеърҳои майдонӣ шеърҳоеанд, ки бадоҳатан, ҳозирҷавобона гуфта шудаанд. Шеърҳое, ки бафурҷа, дар вазъияти сукуту хаёл, хомӯшӣ ва оромӣ гуфта мешудаанд, шеърҳои чакдонӣ ном гирифтаанд, ки ин мафҳум ба «чакдон», «оташдон», «гулхан» тааллуқ дорад [88, 2]. Шеърҳои чакдонӣ ва майдониро профессор И.С.Брагинский чунин тавсиф кардааст: «Шеърҳое, ки ба зудӣ гуфта нашуда, дар тамоми фасли зимистон эҷод карда мешаванд» ва шеърҳои майдониро «Шеърҳое, ки дар маъракаҳои идона ва бозорҳо бадоҳатан гуфта мешаванд» [17, 2].

9. Агарчи Ҳабибулло Назаров тибқи шаҳодати бошандагони деҳоти Ҷураку Қарасирт Карим Девонаро бесавод ҳукм кардааст, вале аз рӯйи иддаои роҳбари экспидитсияи такрорӣ Бозор Тилавов дар истинод ба гуфтаи мулло Исои Моинкаҷӣ: «Карим Девона каму беш хату савод дошт, зеро дар маъракаҳои китобхонӣ китобҳоро гирифта нигоҳ мекард», боҷаи шоир Ширинқул Авлиёқулов низ каму беш савод доштани Карим Девонаро таъйид мекунад. Ҳамчунин падарарӯсаш, ки тағояш низ будааст, муллои калон буда, хешовандони наздикаш ҳамагӣ хатхон будаанд, бинобар ин набояд Карим Девона бесавод бошад.

10. Ашъори Карим Девона, ки беш аз ҳазор мисрааш дастрас шудааст, тибқи пажӯҳиши Ҳабибулло Назаров аз ҷиҳати услуб дорои хусусиятҳои зерин аст:

1) Шеърҳое, ки дар шаклҳои суруду тарона, дар мавзӯъҳои аниқ бадоҳатан ё бе омодагии пешакӣ гуфта шудаанд.

2) Шеърҳое, ки онҳо бо услуби халқию классикӣ омехта суруда шудаанд.

3) Ашъори пурра дар зери таъсири услуби классикӣ гуфташуда.

11. Ҳабибулло Назаров се хусусияти муҳими ашъори Карим Девонаро низ таъкид намудааст:

1) Мушаххасоти намодҳо.
2) Созгории муҳтавои шеърҳо ба рӯҳияи мардуми одӣ.
3) Равонию дилкашии шаклу вазни шеърҳои шоир.

12. Карим Девона поягузори касби бофандагӣ дар водии Ғозималик, сарояндаи ашъори танқидӣ ва инқилобӣ буда, дар бедории фикрӣ ва ҳисси истиқлолиятталабии мардум нақши бориз гузоштааст.

13. Таҳқиқи вижагиҳои мавзӯю мундарича, жанрҳо (ғазал, мухаммас, тарҷеъбанд, мувашшаҳ ва ашъори гуногун) ва сабки шеъри Карим Девона гувоҳи он аст, ки шеъраш ҷаззобу дилпазир аст.

14. Азбаски «Ҳақиқат зодаи баҳс аст», мубоҳисаи донишмандон перомуни ҳаёт ва эҷодиёти Карим Девона бо чунин хулосаҳо ҷамъбаст гардид:

14. 1. Асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ҳамчун асари бадеӣ навишта шуда, на фақат дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти умумииттифоқӣ ва берун аз он ҳам эътироф карда шудааст.

14. 2. Исбот гардид, ки дар водии Ғозималик Карим Девона ном шоири халқие дар охирҳои асри Х1Х ва аввалҳои асри ХХ зиндагӣ кардааст. Бо вуҷуди мухолифатҳое, ки дар баъзе шеърҳои ӯ ҳаст, фикру ғояҳои халқро ифода кардааст.

14. 3. Асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» асари моҳиятан илмию услубан бадеӣ буда, маводи илмии зиёде дорад, лекин ҳамчун асари илмии ҳаматарафа пухта ҳанӯз тайёр нест.

14. 4. Мубоҳиса собит намуд, ки ҳарчанд бисёр масъалаҳои эҷодиёти Карим Девона то андозае ҳал шуда бошанд ҳам, вале дар омӯхтани мероси адабии ӯ ҳанӯз чанде масъалаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки муҳимтарини онҳо мансубияти баъзе шеърҳо ба Карим Девона, сабаби гуногунии услуби шеърҳои ӯ, як қатор масъалаҳои тарҷумаи ҳоли

шоир ва муносибати номбурда бо бедорфикрону маорифпарварони замонаш, дар як қисми маҷмӯаи шеърҳои шоир мушоҳида шудани осори таҳрир, ба аслаш мутобиқат накардани тарҷумаи русии на ҳамаи шеърҳои маҷмӯаи мазкур мебошад.

14. 5. Як қатор шеърҳои маҷмӯаи «Сатрҳои оташин», ки аҳволи вазнин ва рӯҳияи деҳқонону косибони камбағал дар шароити аморати Бухоро дар онҳо акс ёфтаанд, водор мекунанд, ки минбаъд ҳам ҷустуҷӯ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси адабии Карим Девона ва фолклори замони ӯ идома дода шавад.

15. Донишмандони фолклор, устодон В. Асрорӣ ва Р. Амонов бо интишори мақолаи «Сатрҳои оташин ё дуди беоташ?» аз аҳли илм талаб намудаанд, ки ба таҳқиқи илмӣ мутахассисони ҳирфаӣ ва дорои омодагии хуби касбиро тавсия намоянд, унвонҷӯёнро водор кардаанд, ки пажӯҳишро барои даёфти дараҷаи илмӣ тозаю бенуқсон, бо илмияти баланд ва дар чаҳорчӯбаи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ анҷом диҳанд.

16. Ҳабибулло Назаров бо анҷоми баҳс перомуни мавҷудияти Карим Девона, ки бо ташаббуси ҳафтаномаи «Маориф ва маданият» соли 1964 оғоз гардид ва моҳи майи соли 1965 онро ҳайати таҳририяи нашрияи мазкур, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ҷамъбаст намуданд, бо дарназардошти эроду мулоҳизаҳои муқарризон ва барои пурра намудани баъзе образҳои асар, махсусан барои тавсеа бахшидан ба бархе саҳифаҳои норавшани зиндагиномаи шоир ва дӯстону ҳамнишинонаш, ба мисли мулло Абдурасул, Саҳбо ва муносибати шоир бо санъаткорон, косибону ҳунармандони Қаратоғу Ҳисор ва роҳандозии театрҳои халқӣ ҳамчун воситаи мубориза алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро навишт. Баъди сари нависанда, ба шарофати 100-солагии зодрӯзаш, бори нахуст бо саъю талоши устодон Гулназар ва Кароматулло Мирзо соли 2007 қиссаи

мазкур дар ду қисмат ба чоп расид, ки маводи қисмати дуюми асар як навъ пурракунандаи қисмати аввали он аст. Ҳабибулло Назаров дар қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» бо зикри рӯзгори аҳли ҳунар саҳифаҳои хираи зиндагиномаи Карим Девонаро равшан сохта, бо тасвири намоишномаҳои мардумӣ аз тарафи шоири мавриди назар ва ёронаш, ки воситаи хеле ҷолиби даъват намудани омма ба мубориза алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ буданд, дар шуури шоир ва ҳамсафонаш падид омадани бедории синфиро таъкид намудааст.

Ба ҳамин тариқ, ба қавли профессор Ҳасани Муродиён «...то вақте ки дар самои кӯҳистони Тоҷикистон уқобони баланпарвоз пару бол мекушоянд, то вақте ки овои шеъри тоҷикӣ дар фазои Тоҷикистон танинандоз аст, то вақте ки марди тоҷик донаеро бо ҳазорон умеду орзу зери хок мекунад, то вақте ки дар шарёни мардони баномуси водиҳои Вахшу Ҳисору Ғозималик ғурури ватандорӣ ҷӯш мезанад, шеъри шоири мардумӣ Карим Девона намемирад, аз хотирҳо фаромӯш намешавад ва аз даҳон ба даҳону аз замон ба замон гузашта, дар фазои Тоҷикистон соҳибистиқлол ғулғула меафканад, ба дидаҳо нуру ба дилҳо сурур мебахшад» [62, 124].

КИТОБНОМА

1. Автографи шеъри Хатиб (мақола) //Захираи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон бо рақами 3226.
2. Азизи Фаттоҳ. Қатли Саҳбо дар Кубодиён.// Сомонаи «Фарағ» / 835-1178, 2012, 2 июл.
3. Азизқулов Ҷумъабой. Имону инсофи устод Айнӣ (мақола)/ Ҷумъабой Азизқулов// Маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон», 2016, №4.- С. 26-35.
4. Азизов Абдураҳмон. Дуд оташ дорад.// Мақолаи баҳсии номатбӯъ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1964.
5. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо//Садриддин Айнӣ/.Қисми III. - Душанбе, 1950.- С. 7-9.
6. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо. Чаҳор қисм иборат аз як китоб// Дар китоби «Энсиклопедияи насри муосири тоҷик»/Садриддин Айнӣ/.–Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009, 680 с.- С. 281.
7. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик (тазкира). / Садриддин Айнӣ/. – Душанбе: «Адиб», 2010, 269 с.
8. Алиев, Саидҷон. Унитилмас саҳифалар.//Саидҷон Алиев/- Тошкент, 1986.-С. 88-91.
9. Амонов Р., Асрорӣ В. Масъалаҳои илм дар асари бадеӣ.// Мақолаи (сеюми баҳсии) номатбӯъ аз бойгонии нашрияи «Маориф ва маданият», соли 1965.
10. Асрорӣ В., Амонов Р Сатрҳои оташин ё дуди беоташ? // Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 23 июни соли 1964, № 74.-С.3.
11. Аҳмадов, Ғозӣ. Миннатнома ва миннатдорам// Мақолаи баҳсии номатбӯъ аз бойгонии нашрияи «Маориф ва маданият», соли 1964.

12. Аҳмадхонов,Тӯрахон. Карим Девона (драма) // Тӯрахон Аҳмадхо-нов/.- Душанбе, 1969.- 29с.
13. Асрорӣ В. Эҷодиёти Юсуф Вафо.//Воҳид Асрорӣ/. – Душанбе, 1956.- 213с.
14. Асрорӣ, В., Амонов, Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии Тоҷикистон).- Душанбе: «Маориф», 1980, 303 с.
15. Ато Ҳамдам. Ҳабиби дилу дида (рисола). Нашри 2. //Ато Ҳамдам/.- Душанбе: «Адиб», 2007.- 118с.
16. Баёзӣ, Саидҷаъфар. Бурду бохти Карим Девона (мақола)// Саидҷаъфар Баёзӣ/ «Адабиёт ва санъат», 2018, 4 октябр, №40.- С.14.
17. Брагинский, И.С. Оташ куҷову дуд куҷо? (мақола)// И.С. Брагинский// «Маориф ва маданият», 1965, 23 январ.-С.4.
18. Гулшани адаб. Ҷилди 5 (тазкира). - Душанбе: «Ирфон», 1980.- С. 395-401.
19. Дар ёди халқ// Рӯзномаи «Насими айём», 1991, 23 апрел.- С. 3-4.
20. Дастурамал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ.- Сталинобод, 1960.- 190 с.
21. Девони Орифи Чоҳобӣ.-Лоҳур, 1373 хуршедӣ.- 432с.
22. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. Ҷилди 1 (тазкира) //Волаи Доғистонӣ//. Бо муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ.- Душанбе: «Офсет», 2018.- 728с.
23. Додарзода, Илҳом. Шоирони Ҳисор бояд пажӯҳиш шаванд (мақола) //Илҳом Додарзода/ «Ҷумҳурият», 2015, 16 апрел.- С.3.
24. Донишномаи Ҳисор. Очерки таърихӣ.- Душанбе, 2015.- 432с.
25. Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Аз Тоҷикистон - Варорӯдон то Ҳинд (аз садаи Х то аввали садаи ХХ1- и ҳичрӣ).

Бо кӯшиши доктор Мирзо Муллоаҳмад, бо муқаддимаи устод Эраҷи Афшор. - Теҳрон: интишороти Тӯс, 1380 ҳ.- С.803-810.

26. Зокиров М., Абдуллоев И. Карим Девона буд.// Мақолаи мубоҳисавии номатбуъ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1965.
27. Зубайдуллоев, Саидҷон. Мирзо Ҳайити Саҳбо- адиби қубодиёнӣ (мақола)// Саидҷон Зубайдуллоев/ Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт», 2016, №1.- С.17-19.
28. Идомаи ҷустуҷӯи Карим Девона (мақола)/ «Адабиёт ва санъат», 2016, №38, 17 сентябр.- С.2.
29. Икромӣ, Ҷалол. Одамҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳо.// Ҷалол Икромӣ/ «Ҳақиқати Ӯзбекистон», 1989, 13 апрел.- С3.
30. Искандари Хатлонӣ. «...Номамро Карим бинҳодаанд» (мақола)/ Маҷаллаи «Сафо», 2018, №7.- С. 22.
31. Исо Раҳим. Шоири афсона (шеър)// Адабиёт ва санъат», №18 (781) аз 2015, 30 апрел.-С.5.
32. Карим Девона. Туғён. – Тошкент: Ӯз. ССР давлат бадеий адабиёт нашриёти, 1962.-148с.
33. Карим Девона. Сатрҳои оташин. Ҷамъовaранда ва тартибдиҳанда Ҳабибулло Назаров.–Сталинобод: нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958.-123с.
34. Карим Девона. Сатрҳои оташин. Ҷамъовaранда ва тартибдиҳанда Ҳабибулло Назаров. Нашри дуюм, бо иловаҳо- Душанбе: Нашр. дав. Тоҷ., 1961.- 198с.
35. Карим Девона. Сатрҳои оташин. Ҷамъовaранда ва тартибдиҳанда Ҳабибулло Нозирӣ.-Душанбе: «Нақши Аҷам», 1991.-61с.
36. Корабелников Г. «Правда», 1959, 18 мая.
37. Куликов С. «Огонёк»,1957, №16.

38. Липкин С. «Дружба народов», 1957, №4.
39. Логофет Д. Н. Бухарские ханства под русским протекторатом. Т. 11, СПБ, 1911.- С.136-138.
40. Ломатина Л. «Литературная газета», 1957, 5 марта.
41. Маҷлисов О. Ҳуҷҷати нодир. // Рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», 1962, 3 июн.- С.3.
42. Маъсумӣ Н. Кашфиёти адабӣ// Сарсухан ба китоби Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона//Дар китоби Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона. – Душанбе: «Балоғат», 2007.- С. 3-5.
43. Маъсумӣ Н. Фолклори тоҷик. Нашри 2. –Душанбе, 2005.-185с.
44. Мирзо, Кароматулло. Духтари эркаи падар.// «Тоҷикистон», 2017, №4, 25 январ.- С.14.
45. Мирзоев К., Ҳусейнов И., Саидов Д. Дар бораи «оташу дуд». // Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1964, 23 ноябр.-С.3.
46. Мирзоев К., Ҳусейнов И., Саидов Д. Оташе, ки Карим Девона афрӯхт. // Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1965, 27 феврал.- С.3.
47. Миров М. Равшангари дилҳо.- Душанбе: «Адиб», 2017.- С.436-439.
48. Михайлова Л. «Новый мир», 1958, №7.
49. Муродиён Ҳасан. Ногуфтаҳо аз «Қиссаи ногуфта»-и Ҳабиб Вализода.// Дар маҷмӯаи»Матлаи нур».- Бохтар:ҶДММ «Матбаа», 2019.- 395с.- С. 34-40.
50. Муродиён Ҳасан. Фолклори бачагонаи тоҷик.- Душанбе: «Ирфон», 1995.- 333с.
51. Муродиён, Ҳасан, Фақиров Х.Н. Хаёлбофии хилофи воқеияти таърихӣ.// Дар китоби Ҳасан Муродиён «Шаст мақола».- Душанбе: «Ирфон», 2019.- С. 322-345.

52. Муродиён, Ҳасан, Фақиров Х.Н. Инъикоси фоҷиаи Саҳбою мулло Абдурасул дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»// Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ).- Бохтар, 2018, №1/2 (53).- С. 51-56.
53. Муродиён, Ҳасан, Фақиров Х.Н. Тасвири рӯзгори ҳунармандон ва роҳандозии театрҳои халқӣ дар қиссаи»Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» (макола) //Ҳасан Муродиён, Хурсандмурод Фақиров// Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ).- Бохтар, 2018, №1/3 (55).- С. 26-33.
54. Муродиён, Ҳасан, Шарифов, Ё. Устод Айнӣ ва Саҳбо (мақола) //Ҳасан Муродиён, Шарифов Ё. // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ).- Бохтар, 2018, №1/2 (53).- С. 10-15.
55. Муродиён, Ҳасан, Фақиров Х.Н. Карим Девона боз дар саҳна. (мақола)/ Ҳасани Муродиён, Хурсандмурод Фақиров. //Паёми ДМТ (серияи илмҳои филологӣ).- Душанбе, 2019, №3.- С. 189-195.
56. Муродиён, Ҳасан. Васияти устод Айнӣ дар мавриди интишори девони Саҳбо.// Дар китоби «Садриддин Айнӣ-маорифпарвар».- Душанбе: матбааи ВМ ва илми ҶТ, 2018.- С. 14-24.
57. Муродиён, Ҳасан. Васияти устод Айнӣ оид ба нашри девони Саҳбо ва гиромидошти хотираи пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯй.// Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳти унвони «С.Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик».- Хуҷанд, 6-7 апрели соли 2018.- 520с.- С.197-203.
58. Муродиён, Ҳасан. Вижагиҳои шеъри Орифи Чоҳобӣ.// Дар китоби Ҳасан Муродиён «Шаст мақола» (маҷмӯаи мақолаҳо)/Ҳасан Муродиён/.- Душанбе:«Ирфон», 2019.- С. 117-133.

59. Муродиён, Ҳасан. Қиссаи қатли Саҳбо дар Кубодиён. //Дар китоби Ҳасан Муродиён. «Шаст мақола» (маҷмӯаи мақолаҳо) /Ҳасан Муродиён/.- Душанбе: «Ирфон», 2019.- С.100-121.
60. Муродиён, Ҳасан. Ҳамдиёри пуркору номбардори Карим Девона (мақола) /Ҳасан Муродиён // Паёми ДДҚба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ).- Кӯрғонтеппа, 2016, №1/2 (37).- С.13-21.
61. Муродиён, Ҳасан. Шаст мақола (маҷмӯаи мақолаҳо) /Ҳасан Муродиён / - Душанбе: «Ирфон», 2019.- 432с.
62. Муродиён, Ҳасан. Шуълаест, к-аз дуд форӣ (рисола) /Ҳасани Муродиён./- Душанбе: «Ирфон», 2016.- 225с.
63. Мухторов А. Дар бораи «оташу дуд» (мақола) /А. Мухторов // Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1964, 21 июл, № 86.-С.3.
64. Мухторов, А. Ҳисор. (Очерки таърихӣ. Охири асри ХУ - аввали асри ХХ) /А.Мухторов //.- Душанбе: «Адиб», 1995.- 304 с.
65. Муҳаммадии Салим. Қиссаи Карим Девона./ Муҳаммадии Салим/ - Душанбе: «Сифат», 2015.- 326с.
66. Назаров Ҳабибулло. Ало ва Тарғел.- Душанбе, 1965.- 323с.
67. Назаров Ҳабибулло. В поисках Карима Девоны.- М.,1979.- 225с.
68. Назаров Ҳ. Дар ҷустуҷӯи Карим Девона (қисса)/ Ҳ. Назаров/. - Душанбе: Нашр. дав. Тоҷ., 1961.- 221с.
69. Назаров Ҳабибулло. Дар ҷустуҷӯи Карим Девона.Ҷилдҳои 1-2.- Душанбе: «Балоғат», 2007.- 342с.
70. Назаров Ҳабибулло. Садоқат.- Душанбе: «Ирфон», 1997.- 122с.
71. Назаров, Ҳабибулло. Осори мунтахаб. Ҷилди 1. Дар ҷустуҷӯи Карим Девона. Мирзо Ризо.- Душанбе: Ирфон», 1978.- 456с.
72. Нальский Я. Народный поэт (монография)/Яков Нальский.- Сталинабад, 1955, 186с.
73. Неъмат Муҳаммад Саид. Саҳбо. Қисса. – Кӯрғонтеппа 2014.- 102 с.

74. Низом Қосим. Дар ҳошияи китоби Ҳабибулло Назаров (шеър)// Дар китоби «Карим Девона. Сатрҳои оташин».- Душанбе, 1991.- С. 32.
75. Норматов С. Карим Девона ва масъалаҳои тадқиқоти илмӣ. //Мақолаи номатбуи мубоҳисавӣ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1965.
76. Персидско - русский словарь - М.,1950.- С. 381.
77. Раҷабов З.Ш. Масъалаи асосии мубоҳиса ба фоидаи Ҳ.Назаров ҳал шуд.//Мақолаи номатбуи мубоҳисавӣ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1965.
78. Раҷабов Раҳмат, Солиев Айнулло. Ҳар нукта мақоме дорад.// Мақолаи номатбуи мубоҳисавӣ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1965.
79. Раҳимов, Дилшод. Фолклори тоҷик.-Душанбе: «Эҷод», 2009.- 263с.
80. Раҳмонӣ, Равшан. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик.- Душанбе: «Сино», 2009.- 289с.
81. Раҳматов, Ҳ. Бори дигар дар бораи «оташу дуд»// Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1964, 18 август, № 98.
82. Раҳматов Ҳ. Аёдат//«Боргоҳи сухан», 2005, №6.- С. 4.
83. Раҳматов Ҳ. Ду моҷаро.-Душанбе: «Ҳумо», 2007.- 62с.
84. Раҳматов Ҳ. Мактуби кушода ба Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой ва профессор Ҷонон Икромӣ// «Адабиёт ва санъат», 11 январи соли 2007.- С. 14.
85. Раҳматов Ҳ. Ҳарчи буд, дар ёд монд.// «Адабиёт ва санъат», 2018, 11 апрел.- С.3.
86. Раҳматов Ҳ. «Саргузашти Сафар Махсум»-ро кӣ навиштааст?// «Ҳақиқати Ӯзбекистон», 1989, 11 август.- С. 3.

87. Раҳматов Ҳ. «Саргузашти Сафар Махсум»-ро кӣ навиштааст?// «Тоҷикистони советӣ», 1989, 6 август.- С.4.
88. Рачабов З.Ш. Оё ин дуд оташ дорад? //Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1964, № 81.-С. 3.
89. Саидов З., Валиев А. Ба ҳар ҳол дуд аст. // Мақолаи номатбуи мубоҳисавӣ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1965.
90. Саҳбо. Девон. Таҳти рақами 1982 дар Институти шарқшиносии ба номи Ҳ. Сулаймонови АФ Ӯзбекистон.- 292с.
91. Саҳбо. Соғари Саҳбо. Муаллиф ва мураттиби сарсухан доктори илмҳои филологӣ, профессор Муродиён Ҳасан Ғуломзода.- Душанбе: «Адиб», 2018.- 418с.
92. Саҳбо. Танланган шеълар. – Тошкент: Ӯзбекистон ССР фанлар Академиясининг» «Фан» нашриёти, 1991.- 178с.
93. Сафавӣ, Соммирзо. Туҳфаи Сомӣ.-Душанбе: Душанбе-принт, 2018. Таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтору тавзеҳот Бадриддин Мақсудов.- 380с.
94. Сафаралиев, Тошмаҳмад. Зодгоҳи Карим Девона куҷост?// «Садои мардум», 2018, 4 декабр.- С.3.
95. Смирнов Ю. «Москва», 1959, № 9.
96. Соколова Н. «Знания», 1958, № 7.
97. Султонмуроди Одина. Додрас. Мусаввада.-121с.
98. Сӯфиев, А. Аз кашфи Карим Девона то тавсифи Сафар Махсум// Рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» 1987, 9 декабр.- С.3.
99. Сӯфизода, Асадулло. Назаре ба фолклор ва адабиёт.- Душанбе: ДМТ, 2013.- 252с.
100. Сӯфизода, Асадулло. Кашшофи шоири шӯрангези мардумӣ.// Дар китоби «Назаре ба фолклор ва адабиёт»/Асадулло Сӯфизода/.- Душанбе: ДМТ, 2013.- С. 223-231.
101. Табари М. Всё же, Миров тяготеет к фольклору.-// Журнал «Памир», 2014, №4.- С. 22-25.

102. Тилавов Б. Карим Девона ҳанӯз дар байни «оташу дуд» // Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1964, 12 сентябр.- С.3.
103. Тилавов Б. Танқиди илмӣ бадхоҳӣ не, дидаю дониста рӯпӯш кардани камбудӣ бадхоҳӣ аст.//Мақолаи баҳсии номатбуъ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1964.
104. Тихонов Н. «Правда», 1958, 12 февраля.
105. Тошматов Р. Карим Девона дар саҳна// Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1970, 4 июн.- С.3.
106. Турсунзаде Мирзо. Наш Кобзарь. //Рӯзномаи «Правда», 1961, 10 март.- С.3.
107. Туҳфат-ул-аҳбоб. - Тошканд, 1332 ҳ. (1313-1314 м.).- 637с.
108. Усмонов Иброҳим, Зайниддинов Муртазо, Қосимов Мазбут. Пайкари накӯӣ.- Душанбе: «Истеъдод», 2017.- С. 60-72.
109. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Нашри 2.-Душанбе, 2010.- С. 44.
110. Фахрии Рӯмонӣ. Маҷмӯаи шеърҳо.- Душанбе, 1963.-143с.
111.Фолклори Данғара. Мураттиб Файзалӣ Муродов.- Душанбе, 2002.- 456с.
112. Фолклори Дарвоз. Тартибдиҳанда А.З. Розенфелд.- Сталинобод, 1955, 1963.- 323с.
113. Фолклори тоҷик. Тартибдиҳандагон Мирзо Турсунзода, А.Н. Болдирев.- Душанбе, 1954.- С.129-130.
114. Хамроев М. К вопросу о феодальных отношениях в Хисарском бекстве Бухарского хонства в конце IX и в начале XX вв.// Дисс. на соискании учёной степени канд. ист. наук.- М., 1956.- 157с.
115. Худоёрзода, Раҷабалӣ. Зиҳӣ, Девона, девон монд аз худ(мақола). /Раҷабалӣ Худоёрзода//«Адабиёт ва санъат», 2016, №45, 10 ноябр.- С.8.

116. Ҳабиб Фақир. Шоири ҳақгӯ ва мубориз (мақола) /Ҳабиб Фақир //«Нури Илич», 1988, 5-7 октябр.-С.4.
117. Ҳоҷиев Ҳ. Дар ҷустуҷӯи «Сатрҳои оташин»//«Хатлон», 2013, 3 ноябр.-С.4.
118. Ҳофизи Шерозӣ. Девони мунтахаб. Тартибдиҳанда ва муҳаррир Х.Мирзозода.- Сталинобод:Нашр.дав.Тоҷ., 1957.- С.49.
119. Ҳусейниён Б. Шеърҳои номаълуми Карим Девона (мақола) / Ҳусейниён Б /«Нури Илич», 1989, 27 май.- С4.
120. Ҳасан Юсуфи Файзбахш Валлай, шудӣ ормонӣ (рисола)/ Ҳасан Юсуфи Файзбахш / .- Душанбе: «Ирфон», 2014.- 119 с.
121. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Ба Карим Девона назари нав бояд, тамоман нав (мақола)/ Ҳасан Юсуфи Файзбахш /«Самак», 2018, №35-36, 29 август, 5 сентябр.- С. 6-7, 14.
122. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Басе ҷамъи парешон монд аз худ(мақола)/ Ҳасан Юсуфи Файзбахш /«Адабиёт ва санъат», 2016, 12 май, №19.- С.14.
123. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Дар ин дунё Карим Девонае буд (рисола)/ Ҳасан Юсуфи Файзбахш /.-Душанбе: «Ирфон», 2018.- 104с.
124. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Карим Девона, ман ва ҳамдеҳагон (рисола) / Ҳасан Юсуфи Файзбахш/. – Душанбе: Ирфон, 2015.- 95 с.
125. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Карим Девона, ман ва ҳамдеҳагони ман (рисола) / Ҳасан Юсуфи Файзбахш /«Хатлон», №41, 2013, 15 октябр.-С.4.
126. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Ҳабибу адиб ва муҳибу мутриб (рисола) / Ҳасан Юсуфи Файзбахш /.- Душанбе: «Олами дониш», 2017.- 120с.

127. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Пешгӯии шоир (мақола)/ Ҳасан Юсуфи Файзбахш /»Нури Илич», 1989, 25 май.- С.4.
128. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Эътирофи хатои худ мардонагист (мақола)/ Ҳасан Юсуфи Файзбахш /«Чархи гардун», 2016, №16-17, 13, 20 апрел.- С14, 15.
129. Ҳидоятов И. «Сатрҳои оташин»-и Карим Девона - меҳмони ӯзбекон (мақола)/ Ҳидоятов И. // Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1965, №9, 21 январ.- С.3.
130. Ҳисомов Қ., Неъматов Т. Карим Девона (мақола)// Ҳисомов Қ., Неъматов Т. // Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1962, 19 июл.- С.3.
131. Чалишев, С. Саидалӣ Вализода (рисола)/ Чалишев С./.- Душанбе,1985.- 185с.
132. Чалишев, С. Фолклори диёри Восеъ (рисола)/.- Душанбе: «Адиб», 1990.- 326с.
133. Чалишев, С. Фолклори тоҷик (рисола)/ С.Чалишев/ Қисми 1.- Кӯлоб, 1993.- 123с.
134. Ҷалилов, Иброҳим. На ба он шӯрии шӯру на ба он бенамакӣ// Мақолаи номатбуи мубоҳисавӣ аз бойгонии «Маориф ва маданият», соли 1965.
135. Ҷамъбасти мубоҳиса оид ба Карим Девона (мақола) //»Маориф ва маданият», 1965, 12 июн.- С. 3-4.
136. Шамси Табрезӣ. Тулӯи офтоб. Таҳия ва муқаддима аз Абдулҳай Комилӣ.- Душанбе, 1992.- 122с.
137. Шоирони халқии Бадахшон. Тартибдиҳанда Тилло Пӯлодӣ.- Душанбе, 1964.- 223 с.
138. Шоҷамолов С. Баъзе андешаҳо (мақола)/Шоҷамолов С./ Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 1964, 12 сентябр.- С.3.

139. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1.- Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1988.- 981с.
140. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик Ҷилди 2.- Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1989.- С. 18-19, 411-412.
141. ЭСТ. Ҷилди 5.-Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1984.- С. 66.
142. ЭСТ. Ҷилди 3. - Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1981.- С. 246-247.

Муҳимтарин нукоти диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

а) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Фақиров Х.Н. Инъикоси фоҷиаи Саҳбою Мулло Абдурасул дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» (мақола) / Х.Фақиров //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ) – Бохтар,Матбаа, 2018, №1/2(53).- С. 50-54.

[2 -М]. Фақиров Х.Н.Тасвири рӯзгори ҳунармандон ва роҳандозии театрҳои халқӣ дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона”(мақола) /Х.Фақиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ) - Бохтар, Матбаа,2018, №1/3 (55) .- С. 26-32.

[3 -М]. Фақиров Х.Н. Карим Девона боз дар саҳна (мақола)./ Х.Фақиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (сисилаи илмҳои филологӣ) – Душанбе,Сино, 2019, №3.- С. 189-195.

[4 -М]. Фақиров Х. Н. Шоири халқ Карим Девона аз диди Ҳикмат Раҳмат (мақола). /Х.Фақиров// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ) - Бохтар,Матбаа, 2019, -№1/4 (68) .- С. 67-71.

[5 -М]. Фақиров Х.Н. Ҷамъбасти баҳс перомуни шахсият ва шеъри Карим Девона ва бардоштҳо аз он (мақола) /Х. Фақиров//Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Бохтар. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ) - 2021, №4/5 .- С. 60-65. (дар дасти чоп аст).

б) Мақолаҳо дар конференсияҳои байналхалқӣ ва дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:

[6 -М]. Хаёлбофии хилофи воқеияти таърихӣ // Дар китоби Ҳасан Муродиён «Шаст мақола.- Душанбе: «Ирфон», 2019.- С. 322-345.